**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ТДУ 37.034 (575.3)**
**ТКБ 74.9 (тоҷик)**
**0-48**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ОЛИМОВ ТАҒОЙБЕК ШОДИЕВИЧ**

# АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ ОИЛАДОРӢ

**(**ДАР МИСОЛИ ОСОРИ УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС ВА МУҲАММАД ҒАЗЗОЛӢ**)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси
13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот
(илмҳои педагогӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
Файзализода Ҷумахон Хол

**ДУШАНБЕ-2023**

# МУНДАРИҶА

**Боби 1**. Муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ҳамчун сарчашмаи ташаккули афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ........................... 19

**1.1.** Таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик ........................................................................ 19

**1.2.** Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ ................................................................ 33

**1.3**. Ақидаҳои педагогии Муҳаммад Ғаззолӣ дар бораи арзишҳои оиладории халқи тоҷик ........................................................................ 50

**Хулосаи боби якум** ........................................................................ 76

**Боби 2.** Технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии ҷомеаи муосир .............................. 81

**2.1.** Усулу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии муосир ........................................................ 81

**2.2.** Озмоиши таҷрибавии технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ниёгон дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир ......... 114

**2.3.** Самаранокии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии муосир. 140

**Хулосаи боби дуюм** ........................................................................ 151

**Хулоса** ........................................................................ 155

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ........................................... 164

**З А М И М А Ҳ О** ........................................................................ 176

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити имрӯзаи иҷтимоӣ- сиёсӣ ва иқтисодӣ-фарҳангии Тоҷикистон - кишваре, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ишғоли мавқеи арзандаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ талош меварзад, проблемаҳои такмили низоми таҳсилот, тарбияи насли наврас ва мушаххасгардонии нақши оила дар ин раванд барои ҷомеа бағоят муҳим аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад.

Вобаста ба хусусияти хосси ҳар як давраи таърихӣ, ташаккул ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар низоми фаъолияти ба таълиму тарбия алоқаманд вазифаҳои нав ва баъзан бағоят мураккаб ба миён омада, ниҳодҳои масъули тарбияи насли наврас, аз ҷумла, оила ва масъулони мактабу маорифро водор месозад, ки мутобиқ ба талаботи замон тадбирҳои мушаххас андешанд.

Дар тули 31 соли истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила асноди муҳими давлатӣ оид ба ислоҳоти соҳаи маориф, баланд бардоштани мақому неруи тарбиявии оила ва сатҳу сифати таълиму тарбияи насли наврас, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993, 2013), Консепсияи мактаби миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2006), Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2015), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномавию методиро қабул намуд.

Замони муосир, ки аз давраҳои қаблии таърихи башар бо хусусияти ҷаҳонишавии фарҳангу маориф ва фазои иттилоотӣ тафовут дорад, зарурати ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва дарёфти тарзу усулҳои наву такмилёфта ва самараноки таъсиррасонӣ ба шууру андешаи мардум, махсусан, насли наврасро ногузир месозад. Дар ин самт оила ва низоми тарбияи оилавӣ низ истисно нест.

Дар раванди тарбияи насли наврас бояд афкору андеша ва таълимоту консепсияҳои педагогие мавриди истифода қарор гиранд, ки пайванди маънавию ахлоқии наслҳоро гусаста насозанд, дорои моҳияти миллӣ ва дар

баробари ин, бо арзишҳои умумибашарӣ робитаи амиқи таърихӣ ва омезиши қавӣ дошта бошанд.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бамаврид зикр намудаанд, ки «Бешак, тамоми осори гаронбаҳои аз ниёгон то ба имрӯз расида асрҳои аср ҳамчун мактаби бузурги таълиму тарбия боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки миллати соҳибтамаддуни тоҷик ба заволи маънавӣ рӯбарӯ гардад [145].

Бо мурури замон анъанаву суннатҳои ахлоқиву тарбиявӣ аз озмоиши шадиди таърих гузашта, барои тавлиди арзишҳои нави маънавии наслҳои оянда заминаи устувор фароҳам меоранд. Арзишҳое, ки барои давраи мушаххаси таърихӣ қимати бештар доранд, дар натиҷаи интиқол ва омезиш ёфтан бо арзишҳои муосир ва суннату анъанаҳои пешқадами тарбиявии дигар халқу миллатҳо ба вусъати эътибори умумибашарии онҳо мусоидат намуда, боиси ҷолибият ва истифода дар раванди таълиму тарбияи насли наврас мегардад.

Дар ин самт, «оила ҳамчун интиқолдиҳандаи таҷрибаи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар нигоҳдошти беҳтарин расму ойин ва анъанаҳои миллӣ аҳамияти муҳим дорад» [132].

Аз ин рӯ, бо дарназардошти хусусияти инноватсионии ислоҳоти тамоми зинаҳои таҳсилоти ватанӣ омӯзиши амиқ, арзёбии воқеӣ ва истифодаи эҷодкоронаи афкори таърихию педагогии ниёгон, ки дар он нақши махсуси тарбиявии оила, нақши оила дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ мавқеи намоён дорад, бағоят муҳим мебошад.

Масъалаи бунёди оилаи солим, нақш ва масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар осори пурғановати мутафаккирони асрҳои XI-и халқи тоҷик, аз ҷумла, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук»-и Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолии Тӯсӣ мавқеи намоён дорад.

Аз ин ҷост, ки бо дастгирӣ ва пуштибонии сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон асари машҳури Муҳаммад Ғаззолӣ «Кимиёи саодат» бори нахуст соли 2008 ба таври мукаммал бо алифбои кириллии тоҷикӣ баргардон ва дар ду ҷилд аз чоп баромад [3; 3].

Яке аз дурдонаҳои адабиёти Шарқ «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус дар афкори педагогии халқи тоҷик дар радифи ҷолибтарин ва пурарзиштарин асарҳои тарбиявию ахлоқӣ қарор дошта, ба забонҳои англисӣ, фаронсавӣ, русӣ, арабӣ, тоторӣ, ӯзбекӣ ва ғайра тарҷума шуда, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ҳамзамон, асари мазкур дар силсила-китобҳои «Китобхонаи мактаб» мавқеи хосса дошта, чандин маротиба нашр ва дастраси хонандагон гардидааст.

Дар асарҳои муаллифони номбурда дар баробари дигар масъалаҳои тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ мавзуи оила, шарту шароити ташкили он, одоби никоҳу оила, зиндагии муштарак ва дигар арзишҳои оиладорӣ – якдигар-фаҳмӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон ва падару модар, ишқу муҳаббат, саломатии фарзандон, меҳру шафқати падар ва модар нисбат ба фарзанд, ҷойгоҳи илму адаб ва ҳунари фарзандон ва арзиши онҳо барои бунёди оилаи солим аз зумраи масъалаҳои муҳим ва умдае ба шумор меравaнд, ки хеле батафсил ва бо шарҳу тавзеҳоти ҳамаҷониба баррасӣ шуда, бисёр нуктаи онҳо имрӯз низ аҳамияти тарбиявии худро гум накардаанд.

Моҳияти иҷтимоӣ ва ҷавҳари тарбиявию ахлоқии афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ дар он зоҳир мегардад, ки он таҷрибаи бисёрасраи педагогии халқи тоҷикро дар маҷмуи қоидаҳо, меъёрҳои панду ахлоқӣ, дастуру маслиҳатҳо, тавсияҳо оид ба пиндору гуфтор ва рафтор инъикос намуда, аксаран барои тақвияти андеша бо ривоятҳои ҷолиби тарбиявӣ анҷом меёбанд, ки ин баёнгари гуногунҷабҳагӣ, камолоту ғановати фарҳанги педагогии онҳо мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ғояҳои пешқадами педагогӣ, ки аз ҷониби мутафаккирони халқи тоҷики асри XI, аз ҷумла, Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, бахусус, ташаккули

арзишҳои оиладорӣ коркард шуда, дар тарбияи чандин насли аҳли башар нақши бориз гузоштаанд, ҳанӯз ба таври мушаххас ва мукаммал таҳқиқу баррасӣ нагардидаанд. Зеро муддати тулонӣ педагогикаи шуравӣ бо назардошти характери синфии педагогикаи пролетарӣ ба ҷанбаҳои таърихии таълиму тарбия таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир накард ва ин боиси аз мадди назари муҳаққиқон дур мондани афкори пешқадами педагогии мутафаккирони давраҳои гуногуни таърихи илму адаби тоҷику форс гардид. Бо назардошти андешаҳои мазкур, таърихи ташаккул ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик, ҷойгоҳи оила, тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва асосноки илмӣ эҳтиёҷ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар асноди амалкунандаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқии давлатӣ, инчунин, мулоқоту суханрониҳои роҳбарияти воломақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омӯзишу баррасии афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва истифодаи оқилонаи ғояҳои пешқадами онҳо дар раванди тарбияи насли наврас пайваста таъкид мегардад.

Бо назардошти буҳрони шадиди демографӣ, ки айни замон аксарияти кишварҳои олам, бахусус, кишварҳои аврупоиро фаро гирифта истодааст, таҳқиқи проблемаи оила, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар афкори фалсафӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии рус ва Аврупои Ғарбӣ бештар ба назар мерасад.

Таҳлили илмии таълимоти мутафаккирони Шарқ, аз ҷумла, тоҷику форс оид ба оила, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар осори илмии таърихӣ, таърихӣ-педагогӣ ва адабию фалсафии муҳаққиқони хориҷӣ В. В. Бартолд, Е. А. Беляев, Е. Э. Бертелс, И. С. Брагинский, Т. Э. Брюнебаум, С. Н. Григорян, Э. Д. Джовелидзе, Б. Н. Заходер, М. С. Иванов, А. Э. Измайлов, Л. И. Климович, Н. И. Конрад, А. Е. Кримский, А. К. Кубесов, А. Массе, А. Метс, И. П. Петрушевский, Ф. Розентал, С. М. Розенфелд, А. Саади, А. А. Семенов, Х. Х. Талашев, И. М. Филштинский, Б. Я. Шифдар, И. Холмогоров, Ян Рипка ва дигарон ба таври умумӣ инъикос ёфтааст.

Муҳаққиқони тоҷик мероси илмию адабӣ, педагогӣ ва фалсафию ахлоқии ниёгонро вобаста ба мавзуи мушаххас дар алоҳидагӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд, аз ҷумла: ғояҳои тарбиявӣ дар осори Имом Муҳаммад Ғаззолӣ (М. Т. Алиев), ақидаҳои педагогии Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ (М. С. Аминҷонова), инсон ва тақдири он дар осори Ҷалолиддини Румӣ (Т. И. Асомуддинзода), таълимоти панду ахлоқӣ ва педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (К. С. Абдураҳимов, Ҳ. Р. Асоев (Асозода Ҳ. Р.), ақидаҳои педагогии Ҳусайн Воизи Кошифӣ (Д. Д. Ғафурова), ақидаҳои педагогии Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (К. А. Маҷидова), илми ахлоқ аз назари Ҷалолиддини Давонӣ (М. Мирбобоев), ҷаҳонбинии Фариддудини Аттор (А. Муҳаммадхоҷаев), осори педагогии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (А. Набиев), проблемаи инсон дар фалсафаи Носири Хусрав (Н. П. Назарамонов), проблемаи таълиму тарбия дар эҷодиёти Саъдӣ ва ҳамасрони ӯ (Г. Н. Нуриддинов), тасаввуф ва ҷаҳонбинии Саноӣ (К. Олимов), афкори педагогии Фахруддини Розӣ ва нақши он дар ташаккул ва тарбияи инсони комил (С. А. Пиров), хираду хирадмандӣ дар ашъори А. Фирдавсӣ (М. Раҷабов (М. Раҷабзода), бартарияти омӯзиши илм дар таълимоти педагогии Абдураҳмони Ҷомӣ (С. М. Саидмирова), тарбият ва ахлоқ дар осори Саъдӣ (Ф. Хоҷаева), ақидаҳои ахлоқию педагогии Абуалӣ ибни Сино (Ю. Д. Ҷумабоев, С.Х. Охунова), проблемаи хушбахтӣ дар консепсияҳои ахлоқии Ғаззолӣ ва Насриддини Тӯсӣ (А. А. Шамолов), Насруддини Тӯсӣ оид ба ҷойгоҳи зан дар муносибатҳои оиладорӣ (Х. Шоихтиёров). Ҳамзамон зери назари муҳаққиқони тоҷик пажуҳишгарони эронӣ оид ба мавзуи афкори педагогии Ҷалолуддини Румӣ (Ҷаводи Тоҳирӣ), афкори педагогии Мирзоҳасани Рушдия (Мустафо Араб) низ ҳамин гуна таҳқиқот анҷом додаанд.

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон мавзуи мазкурро бо фарогирии маҷмуи мероси ниёгон вобаста ба давраҳои мушаххаси таърихӣ ва дар доираи он вобаста ба мавзуи муайян мавриди таҳқиқ қарор додаанд, аз ҷумла: тарбияи маънавию ахлоқии мактабиён дар суннатҳои педагогии мардуми тоҷик (М. Ашӯралиев), афкори педагогии мутафаккирони асрҳои IX-X-и тоҷику форс

(М. И. Ғиёсиев), педагогикаи миллии халқи тоҷик (М. Лутфуллоев), робитаи мутақобилаи тарбияи ҷисмонӣ ва ватандӯстӣ дар афкори педагогии мутафаккирони форсу тоҷик дар асрҳои IX-X (Қаюмов М. Ҷ.), ҷойгоҳи тарбияи меҳнатӣ дар педагогикаи миллӣ (Г. Ғ. Мухторова), ақидаҳои педагогии халқи тоҷик дар асрҳои XVI-XVII (А. Паҳлавонов), таърихи афкори педагогии халқи тоҷик (М. Орифов (М. Орифӣ), ғояҳои иҷтимоӣ-таърихии маорифпарварони тоҷики асри XIX ва ибтидои асри XX (Б.Д. Самиев), ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ (А. Содиқов), суннатҳои фарҳангӣ ва тарбиятии ориёиён, педагогикаи Ислом (С. Сулаймонӣ, А. Алиев), ҳикмати афкори педагогии ниёгон (Ф. Шарифзода, Ҷ. Файзалиев), функсияи тарбиявии зан дар сарчашмаҳои таърихӣ ва суннатҳои оиладории мусулмонон (Н. М. Юнусова).

Новобаста ба муносибати гуногуни муҳаққиқон, нисбат омӯзиши мероси педагогии ниёгон, дар маҷмуъ, аҳамияти бағоят муҳими таҳқиқоти мазкурро барои омӯзиши мавзуи мавриди пажӯҳиш ва таҳқиқоти оянда инкор накарда, зикр кардан ҷоиз аст, ки то имрӯз дар педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқоти ҷудогонаи мустақили диссертатсионӣ оид проблемаи одобу суннатҳои оиладории тоҷикон, аз ҷумла, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ бо фарогири ҷанбаҳои методологӣ, психологӣ-педагогӣ ва методии он, ки дар афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик яке аз маҳаки марказиро ишғол мекунад, аз мадди назари таҳқиқотчиён дур мондааст.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши мавзуи арзишҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони халқи тоҷики асри XI **ихтилофҳои** зерин ошкор шуданд:

- зиддият миёни неруи бузурги мероси пурғановати педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI оид ба арзишҳои оиладорӣ, афзудани талабот ба оилаи муосир зимни ташаккули чунин арзишҳо;

- зиддият миёни равандҳои доимовусъатёбандаи ҷаҳонишавӣ ва буҳрони шадиди демографӣ, ки пайваста ба пойдории оилаи муосир хатар эҷод мекунад ва мавҷуд набудани консепсияи илман асосноки арзишҳои

оиладорие, ки дар заминаи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ;

- зиддият миёни робитаи ногусастании таърихии суннатҳои оиладории ниёгон ва арзишҳои оилаи муосири тоҷик ва зарурати асосноксозии илмии таъмини ҳамбастагии онҳо дар раванди бунёди оилаҳои намунавӣ.

Ҳалли зиддиятҳои мазкур ва раванди ташаккули донишҳои нав оид ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва асосноксозии технологияҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар замони муосир мусоидат намуда, боиси интихоби мавзуи мо гардид.

Чунин вазъият муҳиммият ва зарурияти омузиши мавзӯи мазкурро боз ҳам бештар менамояд. Итминон дорем, ки таҳқиқоте, ки дар доираи рисолаи мазкур анҷом меёбад, то андозае камбудиҳои мавҷударо бартараф сохта, ба раванди минбаъдаи пажӯҳишҳо дар самти омӯзиши проблемаи афкори педагогии мутафаккирони тоҷик оид ба оила, нақши падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ мусоидат хоҳад кард.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқи мавриди назар дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи **«Инкишофи методология ва назарияи умумии илмҳои педагогӣ-психологӣ дар Тоҷикистон»** ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

***Мақсади таҳқиқот*** - муайян ва исбот намудани моҳияти ғояву ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ошкорнамоии робитаи эҷодиёти онҳо бо амалияи тарбияи оилавӣ ва дарёфти роҳу воситаҳои муносибу самарабахши истифодабарии онҳо дар раванди ташаккул ва рушди арзишҳои оилавии

ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад.

**Объекти таҳқиқот** - афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI мебошад.

**Предмети таҳқиқот** - муайян намудани маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ва мувофиқати онҳо ба раванди тарбияи оилавии ҷомеаи муосири тоҷик аст.

**Фарзияи таҳқиқот -** Технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик баҳри беҳдошти устуворӣ ва рушди оиладории муосири тоҷик дар мавриде самаранок ҳоҳад шуд, ки **агар**:

- мазмун ва мундариҷаи ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дақиқ карда шавад;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар низоми ғояҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шавад;

- роҳу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди тарбияи оиладории муосири тоҷик коркард карда шавад;

- истифодаи технологияи педагогии коркардашуда барои ташаккул ва беҳдошти оиладории муосири тоҷик озмоиш карда шавад;

- барои тарбияи оилавии наврасону ҷавонон маҷмуи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои маънавӣ-педагогӣ муайян карда шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- ошкор намудани мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI;

- таҳлил ва муайян намудани ҷойгоҳи маҷмуи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI;

- баррасии роҳу воситаҳои амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷики асри XI дар бунёди оилаҳои солими муосир;

- санҷидани технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир.

**Методҳои таҳқиқот** - таҳқиқот дар заминаи истифода аз методҳои илмии зерин анҷом дода шуд: таҳлили назариявӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-педагогии афкори педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI оид ба мавзуи таҳқиқот; омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳо, стандартҳои давлатӣ, барномаҳо ва нақшаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; методҳои таҳлил ва арзёбии педагогӣ, муқоисавӣ ва бонизом; сотсиологӣ – пурсиш (шифоҳӣ ва хаттӣ), мусоҳиба, тест, озмоиши педагогӣ (муқарраркунанда, тавсифӣ ва ташаккулдиҳанда), коркард, ҷамъбаст ва натиҷагирӣ аз таҳқиқот тавассути методҳои омори математикӣ ва ғайра.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Кори таҳқиқотӣ дар се марҳила гузаронида шуд.

*Марҳилаи якум (солҳои 2013-2015)* дар ин марҳила тавассути омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ, фалсафӣ, адабию бадеӣ, ҷомеашиносӣ, фарҳангшиносӣ, психологию педагогӣ вазъи таҳқиқи проблема дар назария ва амалия ошкор ва барои муайян кардани нуктаҳои ибтидоӣ ва асосии таҳқиқот заминаҳои зарурӣ фароҳам оварда шуданд. Дар ин давра, инчунин, масъалаҳои вобаста ба зарурат ва муҳиммияти таҳқиқот, дастгоҳи мафҳумӣ-категориявии он, объект, предмет, мақсаду вазифаҳо, фарзия, методикаи таҳқиқот баррасӣ гардиданд.

*Марҳилаи дуюм (солҳои 2016-2019)* озмоиши ташаккулдиҳанда раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни хонандагону омӯзгорони МТМУ ва падару модарон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, методҳо, шаклҳо, технологияҳо, низоми меъёрҳо ва арзёбии сатҳи ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни категорияи номбурдаи респондентҳо муайян карда шуданд.

*Марҳилаи сеюм (солҳои 2020-2022)* **назоратӣ-ҷамъбастӣ** масъалаҳои такмили қисмҳои назариявӣ ва озмоишии таҳқиқот, коркард ва мураттабсозии маълумоти дар натиҷаи таҳқиқот ҷамъоваришуда, коркарди

ниҳоии хулосаву тавсияҳои илмӣ, инчунин, ороишу барасмиятдарории диссертатсияро фаро гирифт.

**Асоси методологии таҳқиқотро ташкил медиҳанд:**

- муносибати умумифалсафии бонизом, ки ба ҷустуҷӯ ва дарёфти тавсифи мукаммали омилҳо ва ҷараёнҳои мавриди таҳқиқи педагогӣ-психологӣ нигаронида шудааст, принсипҳои бунёдии омӯзиши таърихи афкори фалсафӣ-ахлоқии халқияту миллатҳои гуногун ва аҳамияти он дар ташаккул ва рушди арзишҳои ахлоқию маънавии афроди ҷомеаи муосир, ягонагӣ ва робитаи ногусастании назария ва амалия асос ёфтааст (А.Н. Аверьянов, И.В. Блауберг, М.С. Каган, Э.Г. Юдин ва диг.); асноди қонунгузорӣ ва ҳуқуқии мақомоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2013), «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011), «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2006), «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2015) ва дигар санадаҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълиму тарбияи насли наврас, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва умумибашарӣ.

**Асоси назариявии таҳқиқот:** Стратегияи ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ, ғояи истифодаи оқилонаи мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар ин раванд, ҷанбаҳои назариявии технологияҳои муосири педагогӣ, ки ба тарбияи насли наврас, тарбияи оилавӣ, ташаккули арзишҳои оиладорӣ, тафсири афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик бахшида шудаанд, (А.Е. Крымский, М. Арипов (Орифӣ), Х. С. Афзалов, Э. Измайлов, Қ. Б. Қодиров, А. К Кубесов, М. Лутфуллоев, Г.Н. Нуриддинов, Б. Маҷидова, А. Муҳаммадхоҷаев, А.П. Паҳлавонов, Х.Х. Таллашев, Ф. Шарифзода.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот:** осори адабию бадеӣ, ахлоқию фалсафӣ ва педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ, консепсияҳои хирад, дониш ва тарбияи инсони комил, таҳқиқоти диссертатсионӣ ва амалии педагогҳо, психологҳо, фарҳангшиносон оид ба оила ва нақши он дар тарбияи насли наврас, ташаккули арзишҳои оиладорӣ, асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳаи маориф, оила ва арзишҳои оиладорӣ, маводи ВАО ва сомонаҳои интернет, бойгонӣ, ки дорои маълумоти зарурӣ барои таҳқиқот мебошанд, ҳуҷҷатҳои муассисаҳои зинаҳои гуногуни таҳсилот; таҷрибаи педагогӣ ва пажӯҳишии унвонҷӯ.

***Пойгоҳи таҳқиқот*** - Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» (МДТ «ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ»), муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 25,29,33,35 ноҳияи Ёвон ва № 43,44,58 ноҳияи Вахш. Дар марҳилаҳои гуногуни таҳқиқот категорияҳои мухталифи респондентон - 430 нафар хонандагон ва 95 нафар омӯзгорони МТМУ, инчунин, 60 нафар падару модарон иштирок доштанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- мазмун ва мундариҷаи ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик аниқ карда шуд;

- ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар ғояву ақидаҳои педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик муайян карда шуд;

- роҳу воситаҳои истифодаи арзишҳои оиладории мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар бунёди оилаҳои солими муосир коркард карда шуд;

- шароитҳои педагогии татбиқи афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ дар низоми муосири тарбияи оилавӣ ва таҳсилот тавассути озмоиш муайян карда шуданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик яке аз сарчашмаҳои муҳим ва нодир дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладории ҷомеаи муосири тоҷик ба шумор меравад. Фалсафа ва маърифати ориёӣ, дини Ислом ва назми тасаввуфӣ ба ташаккул ва рушди афкори педагогии мутафаккирони тоҷик дар асри XI таъсири амиқ расонидааст. Раванди минбаъдаи ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, пойдории оила, рушди илму маориф, адабиёт ва ҳунари мардумони тоҷику форс ва халқҳои ҳамсоя аз афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик вобастагии амиқ дорад.

- зуҳури давлатҳои ҷудогона, ташаккулёбии низомҳои сиёсии миллӣ, таваҷҷуҳи хоси онон ба пешрафти илму маориф омили таконбахши ба майдони илму маърифат қадам ниҳодани орифон, шахсиятҳои соҳибхираду маъруф дар ҷодаи илму адаб, ташаккул ва рушди афкори пешқадами педагогӣ дар асри XI гардид, ки ҷузъи муҳим ва гусастанопазири онро таълимот оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ташкил медиҳад.

- афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз суннатҳои маърифатии мардуми ориёинажод, афкору андешаи таълиму тарбиявии осори гаронарзиши ниёгон сарчашма мегирад.

- ғояҳои педагогии мутафаккирони барҷастаи халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба суннатҳои оиладории мусулмонӣ такя намуда, дар натиҷаи ҳамгироӣ ва омезиши таърихӣ бо падидаҳои арзишманди фарҳанги хонаводагии ориёӣ, юнонӣ, мисрӣ ва ҳиндиву чинӣ ғановати бештар пайдо карда, бо шарофати пайомадҳои сиёсати оқилонаи давлати Сомониён на танҳо ба ташаккул ва рушди фарҳанги оиладории халқи тоҷик, балки ба ривоҷу равнақи одобу суннатҳои матлуби оиладории халқҳои ҳамсоя таъсири амиқ расонидааст.

- дар мавриди анҷом додани таҳқиқи интиқодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳаввули афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва вобаста ба ниёзи ҷомеаи муосир синтез намудани ин афкору андешаҳои пурқиммат онҳо дар

шароити вусъати бемайлони раванди ҷаҳонишавӣ ва афзудани таҳдидҳои буҳрони демографии олам, ки беш аз пеш кишварҳои гуногунро фаро мегирад, барои тавлиди таълимоти гуманистии оиладорӣ, арзишҳои нави оиладорӣ, бунёд ва пойдории оилаи солими намунавӣ аҳамияти хоссаи илмӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ пайдо мекунанд.

- афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI оид ба ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ дар қиёс бо таълимоти муосири фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла, афкори намояндагони барҷастаи педагогикаи олам, ки ба мавзуи мазкур бахшида шудаанд, арзиши бештари илмӣ-педагогӣ пайдо мекунад.

- новобаста аз шумораи зиёди таҳқиқоти илмӣ оид ба омӯзиши таъриху фалсафаи педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, дар асри XI, аз ҷумла, роҷеъ ба одобу суннатҳои оилавӣ, тарбияи инсони комил, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳанӯз дар ин самт проблемаҳои зиёди илмӣ, аз қабили нақш ва ҷойгоҳи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик дар ташаккули фарҳанги оиладорӣ, фарҳанги педагогии волидайн, суннатҳои меҳмондорӣ, одоби муошират, оила ҳамчун арзиши иҷтимоӣ-фарҳангӣ, нақши арзишҳои оиладории ниёгон дар пешгирии хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва буҳрони демографӣ ва боз чандин масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мемонанд, ки ба пажӯҳишҳои густурдаи илмӣ ниёз доранд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

- муқаррароти назариявии таҳқиқот ва натиҷаву хулосаҳои он барои омӯзиши минбаъдаи проблемаи бағоят муҳими иҷтимоии ҷомеаи муосири тоҷик - ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бунёди оилаи солим заминаи воқеии иттилоотии арзишманди илмиро фароҳам меорад;

- хулосаву пешниҳодҳои илмии диссертатсия барои баланд бардоштани сатҳу сифати салоҳиятнокии фаъолияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзандон ва раванди иҷтимоишавии онҳо дар оила мусоидат намуда, дар мавриди зарурати таҷдиди назар ва такмил мундариҷаи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Консепсияи

рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо ғояҳои нави илман асоснок ғанӣ мегардонад;

- доираи тасаввуроти назариявиро оид ба моҳияти аслии арзишҳои оиладорӣ, ки бо арзишҳои умумибашарӣ ва этнофарҳангӣ тавъам мебошанд, васеъ мегардонад;

- педагогикаи тоҷик бо консепсияи муосир ва амсилаи нави педагогии «Ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» ғанӣ мегардад;

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** - маводи илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқотро барои омӯзиши минбаъдаи таърихи афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик, хондани лексияҳо, таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ, курсҳои махсус, хрестоматияҳо оид ба маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои муосири оиладорӣ, педагогикаи иҷтимоӣ, педагогикаи оилавӣ, сотсиологияи оила ва таърихи педагогика истифода бурдан мумкин аст.

Ғояҳои асосӣ, хулоса, ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқотро омӯзгорони муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилот, мураббиён, падару модарон дар фаъолияти таълимию тарбиявӣ, инчунин муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши таърихи афкори педагогӣ, нақш ва ҷойгоҳи оила дар таълиму тарбия машғуланд, дар раванди пажӯҳишҳои оянда истифода бурда метавонанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзуъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот** мутобиқ ба ҳадафу вазифаҳои мавзуи таҳқиқ истифода бурдани консепсияҳои назариявӣ ва муносибати методологӣ, ки дар осори илмии муҳаққиқони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд, бо амиқӣ ва мукаммалии ҳаҷми маводи илмии

мавриди таҳлилу арзёбӣ, ки ба пояи комёбиҳои илми муосир устуворанд, муайян карда мешавад; ҳамзамон бо асоснокии муътамади назариявӣ-методологии ғояи асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, саҳеҳияти ҳадафу вазифаҳо ва мутобиқ ба онҳо интихоб гардидани маҷмуи методҳои илмӣ; давомнокии боварибахши таҳқиқот, имкони гузаронидани озмоиши назоратии натиҷаҳои таҳқиқот, таҳлили шуморавию сифатии арзиши илмию омории маълумоти мавриди таҳқиқ, дар раванди фаъолияти амалӣ ва таълимӣ ҷорӣ гардидани маслиҳату тавсияҳои пешниҳодшуда, мушоҳидаҳои педагогӣ ва таҷрибаи амалии касбии муаллиф таъмин мегардад.

Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқот ба асноди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи омори давлатӣ, натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ, инчунин маводи чорабиниҳои илмӣ бахшида ба мавзуи таҳқиқот такя намуда, муҳтавои диссертатсия дар конференсияи илмӣ-амалии анъанавии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар доираи мақолоту гузоришҳо маъруза гардидаанд, инчунин, дар мақолоти илмӣ ва дастуру китобҳои таълимии батабърасидаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**. Натиҷаҳои таҳқиқот ва мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ дар мақолаи илмӣ ва маърузаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла дар конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ «Таҳсилоти мактабӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии стандартҳои насли наврас» (ш. Душанбе, 17-20 сентябри соли 2016), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши ҳунарҳои миллӣ дар раванди таълим ва тарбия» (12 марти соли 2018), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ», бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ солҳои 2019-2021» (ш. Душанбе, 2019), конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Мақоми педагогикаи халқӣ

дар тарбияи насли наврас, ҷавонон ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ» (ш. Душанбе, 2019) дар шакли маърӯзаи илмӣ пешниҳод ва муҳокима гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** - вобаста ба мавзуи таҳқиқот 12 номгӯйи маводи чопӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор» ба табъ расонида шудаанд.

Ғояҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаи васеи кафедраи педагогика ва психологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** – таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», 2 боб, 6 фасл, бахши хулосаҳо бо зербахши тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, бахши феҳристи адабиёт бо замимаҳо иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсияро 175 саҳифаи компютерӣ матни аслӣ, 25 саҳифа замима, 10 ҷадвал ва 19 расм ташкил додааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳарду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Феҳрасти адабиёт аз 147 номгӯй иборат аст.

# БОБИ 1. МУҲИТИ ИҶТИМОӢ СИЁСӢ ВА ИЛМӢ АДАБИИ АСРИ XI ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ТАШАККУЛИ АФКОРИ ПЕДАГОГИИ МУТАФАККИРОНИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 1.1. Таъсири муҳити иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-адабии асри XI ба афкори педагогии мутафаккирони тоҷик

Асрҳои миёна дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон аз ҷиҳати иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илмӣ-фарҳангӣ яке аз марҳилаҳои печидаву мураккаб ва пуртазод маҳсуб меёбад. Дар доираи ин давраи таърихӣ асри XI марҳилаи боз ҳам бесуботу мураккабтар ба шумор меравад, зеро дар ин давраи таърихӣ ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, илмию фарҳангӣ ва пешрафти маорифи халқи тоҷик дар ҳайати давлатдории бегонагон ҷараён гирифт. Аз ҷониби дигар, муборизаҳои тезутунди байни заминдорони бой ва аъёну ашроф барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ, ҳамзамон, ҳуҷуми аҷнабиён ба сарзамини мардуми маҳаллӣ, зулму истибдод, ғорати мардуми бумӣ аз ҷониби бегонагон вазъияти иҷтимоӣ-сиёсии ин давраро бо ҳам тезутунд гардонида буданд.

Пас аз сукути давлати мутамаркази Сомониён кӯшишҳои Абуиброҳим Исмоил ибни Нуҳ, ки дар муҳорибаҳои зидди Қарохониён бо номи Мунтасир (фотеҳ) маъруф гардида буд [33, 389], барои аз нав барқарор намудани ҳокимияти сиёсии Сомониён бесамар анҷомиданд. Сабабҳои анҷоми бенатиҷаи муборизаҳои Абуиброҳими Мунтасирро муаррихон дар хиёнати сарлашкарони ӯ, аз заминаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ маҳрум гардидани Сомониён ва аз ҷониби қишрҳои асосии аҳолӣ пуштибонӣ наёфтани Мунтасир арзёбӣ мекунанд [32, 390]. Пас анҷоми амалиёти бенатиҷаи Мунтасир муборизаи Қарохониён ва Ғазнавиён барои тақсими мероси давлати Сомониён идома меёбад. Бо назардошти он ки Ғазнин ҳанӯз аз аввалҳои нимаи дуюми асри X ҳамчун яке аз марказҳои сиёсӣ шаъну шуҳрат пайдо карда, ба ивази яке аз кумакҳо амирони Сомонӣ ҳокимияти сиёсии Хуросонро ба асосгузори сулолаи Ғазнавиён дар асри X – Сабуктегин

вогузор намуда буданд, ин боиси таҳким ёфтани қудрати сиёсии Ғазнавиён гардид.

Пас аз вафоти Сабуктегин ва ҳукмронии қариб яксолаи писараш Исмоил ҳокимияти сиёсии Ғазнавиёнро писари калонии ӯ Маҳмуд соҳиб шуда, «аз қисми шимолӣ ва шимолӣ ғарбии Ҳиндустон сар карда, то Чағониёну Хоразм ва дар ҳудуди Эрони имрӯза то Исфаҳон ва Рай вилоятҳои сершумор ба давлати Маҳмуди Ғазнавӣ дохил гардиданд» [33, 392].

Ҳамчун ҳомии мазҳаби суннӣ муаррифӣ гардидани Султон Маҳмуд боиси аз ҷониби халифаи Бағдод ба расмият шинохтани давлати Ғазнавиён омили дигари таҳкими ҳокимияти сиёсии Ғазнавиён гардид.

Пас аз вафоти Маҳмуди Ғазнавӣ (с. 1030) дар натиҷаи мубориза байни фарзандони ӯ Масъуд ва Муҳаммад, инчунин, писари Муҳаммад -Мавлуд барои соҳиб шудан ба тахт, афзудани ришвагирӣ, ситонидани андозҳои ғайриқонунӣ аз аҳолӣ, равияи душманонаи Қарохониён нисбат ба Ғазнавиён, эълони мустақилияти Хоразм, исёни Салҷуқиён барои ба даст овардани заминҳои нав ва чарогоҳҳо,  бинобар сабаби ҷабру зулми ҳокимон аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ ва аъёну ашрофи Хуросону Тахористон, мардуми гирду атрофи Ғазнин, Систон ва кӯҳистони Ғур дастгирӣ наёфтани амирони Ғазнавӣ ноустувории давлати Ғазнавиён боз ҳам возеҳтар гардид.

Аз заифии давлатии Ғазнавиён истифода бурда, Салҷуқиён якчанд маротиба ба Ғазнавиён ҳамла карда, қисми бештари Хуросон, аз ҷумла Нишопурро ишғол намуданд ва дар муҳорибаи соли 1040, ки дар наздикии Дандонакон (Тошработи имрӯза) ба вуқуъ пайваст, қушунҳои онҳоро торумор карда, ба ҳокимияти сиёсии Ғазнавиён хотима бахшида, Хуросонро соҳиб гардиданд.

Дар давраи ҳукмронии Туғралбеки салҷуқӣ (1040-1063) ва бародарзодаи ӯ Алпарслон (1063-1072), инчунин, Ҷалолиддини Маликшоҳ (1072-1092) қаламрави давлатдории Салҷуқиён хеле васеъ гардида, аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то ҳудуди давлати абарқудрати Чинро фаро гирифт. Вале пас аз вафоти  Ҷалолиддини Маликшоҳ дар натиҷаи зиддиятҳои дохилӣ

давлатдории Салҷуқиён пароканда гардида, ба мулкҳои ҷудогонаи аз нигоҳи сиёсиву ҳарбӣ ноустувор тақсим шуд.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳокимони зинаҳои гуногуни ҳокимияти давлатии Салҷуқиён ва ҳатто аҳли дарбори он бесавод буданд. Фарҳангу адаби мардумони маҳаллии Мовароуннаҳр ва Хуросон бартарияти куллӣ дошт. Аз ин рӯ, барои анҷоми умури давлатдорӣ ҳокимони салҷуқӣ аҳли илму адаби тоҷику форс ва туркро ҷалб менамуданд.

Яке аз чеҳраҳои барҷастаи сиёсии дарбори Салҷуқиён Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ буд, ки қариб 30 сол (1063-1092) дар дарбори Алпарслон ва Маликшоҳи салҷуқӣ вазифаи вазириро анҷом дода, бинобар фаросати беандозаи сиёсӣ ва таҷрибаи ғанӣ, дар умури давлатдорӣ тахаллуси «Низомулмулк»-ро соҳиб шуда буд. Бешак, сарчашмаи таҷрибаи сиёсӣ ва донишу малакаи давлатдории Низомулмулк аз давраи Сомониён маншаъ мегирифт. Бо маслиҳату машварати ин вазири фозил барои марказонидани ҳокимияти давлатӣ, пешгирии зулму истибдоди сардорони низомӣ, муқтадирон, феодалон дар низоми давлатдории Салҷуқиён, ташкили мактабу мадрасаҳо дар Бағдоду Нишопур, Ҳирот, Балх, Марв ва Исфаҳон, такмили мундариҷаи барномаҳои таълимии онҳо, вусъати тиҷорати хориҷӣ, бекор кардани боҷҳои зиёдатӣ тадбирҳои зиёде амалӣ гардиданд, ки ба пешрафти давлати Салҷуқиён таъсири мусбат расониданд. Аммо ҳокимони салҷуқӣ аксаран пешниҳодоти муфиди Низомулмулкро ба инобат намегирифтанд.

Яке аз хизматҳои бузурги Низомулмулк дар соҳаи маорифи он давр аз он иборат буд, бо ки дастури ӯ дар барномаҳои таълимии мадрасаи «Низомия»-и Бағдод ва мадрасаҳои ба он монанд дар баробари омӯхтани китоби муқаддаси Қуръон, ҳадисҳо ва дигар фанҳои динӣ, инчунин, ба таълими илми ҳуқуқ, забон ва адабиёти араб, риёзиёт ва ғайра диққати ҷиддӣ дода мешуд.

Аммо самараи фарҳангу маърифати сиёсии Низомулмулк бар нафъи мардуми одӣ набуд, аз он пеш аз ҳама, аҳли дарбори Салҷуқиён баҳраманд мегардид.

Пас аз вафоти Алпарслон соли 1072 ҳокимияти сиёсиро дар давлати Салҷуқиён писараш Ҷалолиддин Маликшоҳ (1072-1092) соҳиб гардид. Бо шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ «дар вақти ҳукмронии Ҷалолиддини Маликшоҳ» (1072-1092) ҳудуди давлати салҷуқӣ ба дараҷае тавсия ёфт, ки аз соҳилҳои баҳри Миёназамин сар карда, то сарҳади давлати императории Чин қариб тамоми мамлакатҳои исломии Осиё дар таҳти тасарруфи он қарор гирифтанд. Аммо пас аз фавти Маликшоҳ давлати паҳновари салҷуқӣ аз ҳам пош хӯрда, ба якчанд мулку давлатчаҳо тақсим шуда рафт» [33, 399].

Яке аз хусусиятҳои хоси ин давраи таърихӣ (асри XI) дар он зоҳир мегардад, ки илму адаби тоҷик асосан дар пойтахти давлатҳои бегона – Ғазнавиён, Салҷуқиён, Қарохониён ва мулкҳои алоҳидаи сулолаи мазкур - Алиён, Ҳасаниён марказият пайдо намуд.

Тавре ки Носири Хусрав қайд намудааст:

Хуросон з-Оли Сомон чун тиҳӣ шуд,
Ҳама дигар шудаш аҳволу сомон.
Зи бас дунӣ забадастон бимонданд
Ба зери дасти қавми зердастон.
Ба суратҳои неку мардумонанд,
Ба сиратҳои бад гурги биёбон [85, 32].

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар заминаи ғаразҳои шахсии худ ҳомии илму адаб гардида, ба ин васила дар адабиёт жанри қасидаи мадҳия мақоми хос пайдо кард.

Барои он ки тасаввурот оид афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асрҳои XI мукаммалу равшан гардида, омилҳои устуворию пойдории он дар тули таърих возеҳ гарданд, қабл аз ҳама сарчашмаҳое таърихие, ки ин ганҷи пурбаҳо аз он маншаъ мегирад, бояд муайян карда шаванд.

Дар байни олимону мутахассисон оид ба сарчашмаҳои ташаккул ва рушди педагогикаи миллӣ, ки заминаи асосии онро афкору андешаҳои панду ахлоқӣ ва тарбиявии ниёгони халқи тоҷик ташкил медиҳанд, андешаҳои

гуногун ба назар мерасад. Муҳаққиқ М. Лутфуллоев панҷ сарчашмаи зерин педагогикаи миллиро муайян намудааст:

1. Педагогикаи этникӣ (этнопедагогика) ва эҷодиёти бадеии шифоҳии мардум.

2. «Авасто» ва пайдоиши забон ва хатти авастоӣ.

3. Хираднома ва пандномаҳои аҳди Сосониён.

4. Дини мубини ислом, «Қуръон»-и карим, ҳадисҳои Ҳазрати Муҳаммад (с) ва асарҳову андарзҳои арбобони машҳури дин.

5. Афкори педагогии намояндагони бузурги адабиёти классикӣ ва муосири тоҷику форс. Ҳамин нуқтаро бояд илова намуд, ки сарчашмаи шашум арзишҳои умумиинсониест.

Илова бар ин, М. Лутфуллоев [66, 57-58] ба ин сарчашмаҳои бостонии педагогикаи миллӣ, инчунин ёдгориҳои хаттии қадим, аз ҷумла, ҳаккокиҳои болои сангҳо (кӯҳи Бесутун), навиштаҷоти девори қасру кушкҳо («Тахти Ҷамшед»), рӯйи чӯбҳо (кӯҳи Муғ), пӯсти ҳайвонот («Авасто» дар пӯсти 12 ҳазор ҷувонагов), асбобҳои гуногун; пандномаҳо: «Андарзи Атурпата» Меҳраспандон», «Пандномаи Зоратухшт», «Андарзи Хусрави Каватон», «Авёкори Ҷомосник», «Ваҳуман яшт», «Корномаи Артухтези Папакон», «Маздакнома»-ро илова кардаанд, ки он воқеан, асоси илмӣ дорад.

Такмили афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар давраи Сосониён идома ёфта, дар сарчашмаҳои таърихии панду ахлоқии он замон ба монанди «Бундаҳишт», «Худойнома», «Пандномаи Анӯшервон», «Уйдурофнома», «Дарахти Асурик», «Динкард», «Ёдгори Зарирон», тарҷумаи «Калила ва Димна» таҷассум ёфтааст.

Бо зуҳури дини мубини ислом, даъват ба ибодати Худои яккаву ягона, панду андарзҳои ахлоқии Қуръони карим ва ҳадисҳо педагогикаи мардуми тоҷикон боз соҳиби як сарчашмаи боэътимоди ташаккул ва рушд гардид. Дар ояти 41-уми Сураи ал-Исроъ омадааст, ки «Ва ҳамоно мо дар ин Қуръон ба ҳар навъ сухан гуфтем, то пандпазир шаванд». Ҳадаф ва манзури асосӣ дар панду андарзҳои Қуръони карим, ҳадисҳо ва даъват ба ибодати Худои яккаву

ягона, қабл аз ҳама Инсон, камолоти ҷисмонӣ ва муҳимтар аз ҳама, маънавии ӯст. Аз ин ҷост, ки дар назми тасаввуф, ки аслан бар Қуръон, ҳадисҳо ва суннати Паёмбари акрам (с) асос ёфтааст, ғояи асосӣ тарбияи инсони комил аст. Мусаллам аст, ки *марҳилаи нахусти тарбияи инсони комил дар оила сурат мегирад*. Дини мубини ислом дар китоби муқаддаси худ – Қуръон ба масъалаи бунёди оила, уҳдадориҳои аъзои оила, тарбияи фарзандон, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, ҳуқуқҳои аъзои оила ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии оиладорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Дар Қуръони карим дар бораи  ҳамзистии оилавӣ оятҳои зиёде нозил шудаанд, аз ҷумла, дар ояти 21-уми сураи Раъд омадааст, ки «ва онон, ки он чи Худо пайванд кардани онро фармудааст, мепайванданд…». Дар ояти 19-уми сураи Нисо бошад, таъкид гардидааст, ки «ва бо занон ба ваҷҳи писандида зиндагонӣ кунед, зеро агар онҳоро нописанд кунед, пас, шояд шумо чизеро написандед, ки Худо дар он хайри бисёрро пайдо кунад» [64, 80]. Яъне, ислом дар китоби муқаддаси худ  Қуръон мардумро ба масъалаи бисёр муҳим – ҳимояи робитаи хонаводагӣ ва иҷтимоӣ даъват намудааст.

Ҳамин тавр, ба раванди рушди афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик дар баробари ҳаводиси сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, вазъи илму адабиёт, маориф, бешак сарчашмаҳои зикршуда таъсири амиқ расонида, пояҳои асосии онро ташкил медиҳанд.

6. Арзишҳои умумиинсонӣ

Тавре ки алакай зикр гардид, дар мавриди сарчашмаҳои пайдоиш, ташаккул ва рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик мо асосан ақидаи М. Лутфуллоевро ҷонибдорӣ карда, вале бобати сарчашмаҳои асосии ташаккулёбии афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик  ба сарчашмаи 5-ум тағйирот ворид намуда, ҳамзамон ба сифати сарчашмаи 6-ум «арзишҳои умумиинсонӣ»-ро илова кардем. Зеро яке аз омилҳои пойдории тулонии афкории педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, аз ҷумла намояндагони асри XI ин ганҷинаи пурқимат ва ҷолибияти он барои дигар

халқу миллатҳои олам, пеш аз ҳама, дар мундариҷаи он мавҷуд будани он арзишҳоест, ки барои тамоми бани башар қимати баланди тарбиявию ахлоқиро моликанд. Новобаста аз қавму миллат, калимаву ибораҳои Ватан, Модар, ватандӯстӣ, озодӣ, истиқлол, инсондӯстӣ, раҳму шафқат, бахту саодат, хайру саховат, ишқу муҳаббат, меҳнати ҳалол, дили пок, шарафу номус, ҳалимӣ, адаб, меҳр, садоқату вафодорӣ, сабру таҳаммул, адолату адолатхоҳӣ, лутфу карам, сулҳу субот ва амсоли инҳо арзиши волои маънавӣ доранд. Ҳамзамон калимаву ибораҳои хиёнат ба Ватан, ба Модар, бешарафӣ, беномусӣ, зулму истибдод, ғоратгарӣ, бераҳмӣ, бетарафӣ, мунофиқӣ, коҳилӣ, ҷинояткорӣ, фитнагарӣ, бадхоҳӣ, дуздию қаллобӣ, гурусначашмӣ, бадбинӣ, зӯроварию хушунат ҳамеша, дар тамоми давру замонҳо аз ҷониби аҳли башар  маҳкум мешаванд. Бинобар ин, тавре ки муҳаққиқон қайд менамоянд, «ба ахлоқ маҳз аз нигоҳи маънавиёти умумиинсонӣ назар бояд кард» [113, 11].

Мавриди зикр аст, ки ҳар як марҳилаи таърихи халқи тоҷик дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, ҳамин махсусият бешак, ба мазмуни мундариҷаи афкори педагогӣ таъсири муайян мерасонад.

Бинобар ин, як қисми муҳаққиқон ҳангоми омӯзиши афкори педагогии намояндагони алоҳидаи илму адаби тоҷик  равияву ҷараёнҳои гуногуни мазҳабӣ ва илмию адабиро низ ҳамчун сарчашмаи ташаккул ва рушди афкори педагогӣ арзёбӣ кардаанд. Масалан, муҳаққиқ М.Т. Алиев дар таҳқиқоти хеш «Ғояҳои тарбия дар осори Имом Муҳаммади Ғаззолӣ» [112, 13-14] сарчашмаҳои зерини афкори педагогии мутафаккирро нишон додааст:

1. Китоби муқаддаси «Қуръон» ва ҳадисҳо.

2.Ҳиради мардум ва эҷодиёти халқ, яъне, педагогикаи мардумӣ.

3. Таълимоти ахлоқӣ-педагогии олимони пешин.

4. Таълимоти насронӣ.

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши эҷодиёти Имом Муҳаммади Ғаззолӣ муҳаққиқ ба хулосае меояд, ки ба  афкори педагогии номбурда равияи

фалсафӣ-динии ашъария таъсири амиқ расонидааст, ки он бешак, асоси воқеӣ дорад.

Мавриди зикр аст, ки пайдоиши равияву ҷараёнҳои гуногуни мазҳабию фалсафӣ, илмию адабӣ, ахлоқӣ ва ғайра бе заминаи мушаххаси таърихӣ имконнопазир аст. Зуҳури ҳар кадом аз ин равияву ҷараёнҳо ҷавобест ба раванди ҳаводиси таърихӣ, ки беибо ба руҳияи эҷодкор таъсири амиқ мерасонад, онро дигаргун месозад, ба самти муайян равона мекунанд. Дар ин радиф метавон равияву ҷараёнҳои гуногуни мазҳабию ахлоқӣ ва жанрҳои гуногуни адабӣ, ба монанди исмоилия, назми тасаввуф, нақшбандия, ашъария, инчунин, мадҳиясароӣ, марсиянависӣ, назиранависӣ, масалу киноя ва ғайраро номбар намуд, ки заминаҳои мушаххаси таърихии пайдоиш дошта, ин заминаҳо аз ниёзи марҳилаи муайяни рушди ҷомеа вобастагии мустақим доранд. Аз ин рӯ, новобаста аз гуногунии андешаҳо аксарияти кулли муҳаққиқон яке аз сарчашмаҳои асосии пайдоиш ва инкишофи педагогикаи миллиро афкори педагогии намояндагони бузурги адабиёти классикӣ эътироф кардаанд.

Дар таъриху фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон назҳзати исмоилиҳо нақши калон бозидааст. Ба андешаи муаррихон «дар асрҳои X-Xll исмоилия, ҳамчун ҷараёни бидъатомези ба мазҳаби суннии ислом мухолиф дар саросари Шарқи Миёна, хусусан, дар Осиёи Миёна ва Эрон паҳн гардид. Исмоилиҳо аз фалсафаи Юнон истифода бурда, системаи томи таълимоти ратсионалиро инкишоф медиҳанд ва ба ин васила, зиёиён, бисёр мутафаккирон ва ходимони барҷастаи давлатиро ба тарафи худ мекашанд» [33, 401- 402]. Аммо ба ҷараёни исмоилия намояндагони синфу табақаҳои гуногун шомил буданд ва ин хусусият дар афкори намояндагони он баръало ба назар мерасид. Аз ин рӯ, «дар тамоми ҳаракати исмоилияи асрҳои lX-Xl падидаҳои эътирозi аҳли меҳнат, эътирози табақаҳои поини шаҳрро аз найрангбозиҳои табақаҳои болоии ашроф, ки доимо мардумро фиреб медоданд, бояд фарқ кард» [32, 401].

Барои пайдо шудан, ташаккул ва рушд ёфтани афкори тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ омилҳои гуногун – сиёсату иқтисодиёт, иҷтимоиёт, фарҳанг, маънавиёт, дину мазҳаб, руҳияи давраи мушаххаси таърихӣ таъсири бузург мерасонад. Аммо ба андешаи муҳаққиқон «омили муҳимтарин худи Инсон ва мақоми ӯ дар ҷомеа мебошад. Пеш аз он ки дар ҷомеа ахлоқи ҳамида интишор ёбад, мо бояд мақоми маънавии инсонро дар ҷамъият муайян намоем» [113, 11]. Воқеан, Инсон дар ҷомеа бояд мақому мартабаи олиро сазовор бошад. Ҳангоме ки инсон дар ҷомеа танҳо воситаи тавлиди сарватҳои моддӣ аст, ҳаёт, номус ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиш надоранд, ба ӯ ҷабру ситамро раво мебинанд, вайро таҳқир мекунанд, хулоса ҳангоме ки инсон аз мартабаи шоистаи маънавият маҳрум аст, дар ҷомеа номутаносибии ахлоқу маънавиёт ба вуҷуд меояд ва инсон дигар роҳи раҳоӣ аз чунин вазъиятро ёфта наметавонад, вай ноилоҷ хилватгузин, риёкору дурӯғгуӯй мешавад. Чунин вазъият боиси буҳрони шадиди маънавии ҷомеа мегардад.

Эътирофи бузургии мартабаи инсон дар китоби муқаддаси дини мубини ислом «Қуръон» мутафаккирони тоҷикро ба офаридани таълимоте водор намуд, ки ҳадафи асосии он таълиму тарбияи инсони комил аст, таълимотест, ки инсон туфайли он бояд худро бишносад, ба қадри инояти Худованд бирасад, баҳри камолоти ҷисмониву руҳонии хеш талош варзад.

Аз ин рӯ, талқини дарки моҳияти худшиносӣ дар тамоми давру замонҳо аҳамияти бузурги ахлоқию тарбиявиро доро буд.

Яке аз хусусиятҳои хосси асри XI ба адабиёт роҳ ёфтани ғояҳо ва баъдтар таълимоти тасаввуф мебошад. «Тасаввуф», одатан дар адабиёти илмии аврупоӣ бо номи «суфизм» маъмул буда, наҳзати тасаввуфест, ки равия ва таълимоти ғоявии гуногунро фаро мегирад. Ба андешаи донишмандон «ғояҳои пантеистии[1] таълимоти мазкур имкон медиҳад, ки консепсияҳои натуралистӣ ва тафсири ғайриортодоксалии проблемаи таносуби Офаридагор ва инсон асоснок карда шавад . Илова бар ин, ба андешаи Е.Э. Бертельс суфизм ба пайравони худ имкон медиҳад, ки дар

[1] Пантеизм – назарияии фалсафиест, ки Худоро бо табиат як мешуморад ва табиатро таҷассуми Худо медонад.

панохи истилохоти норавшани тасаввуфӣ «de jure дар доираи Ислом боқӣ монда, de facto аз доираи он берун бароянд [22, 419]. Новобаста аз он ки сарчашмаи асосии пайдоиш ва ривоҷу равнақи тасаввуф пеш аз ҳама Қуръон, ҳадисҳо ва дигар аносири дини ислом ба шумор меравад, дар оғози ташаккулёбии он дар натиҷаи аз ҷониби мубаллиғони ҷараёни мазкур дигар хел арзёбӣ гардидани аҳкоми ислом афкори мухолифи ин усули динӣ пайдо шуда, он боиси таъқиби бераҳмонаи аҳли тасаввуф аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ ва диндорони мутаассиб, инчунин, куштори намояндагони он ба мисли Ҳусайн ибни Мансури Ҳаллоҷ ва Шиҳобиддини Сӯҳравардӣ гардида буд.

Оид ба пайдоиши тасаввуф дар байни олимон ақидаҳои гуногун мавҷуд аст. Дар баъзе сарчашмаҳо пайдоиши онро ба асрҳои VI-IX [33, 438], дар сарчашмаҳои дигар охири асри VII ибтидои асри VIII ва ҳамчун ҷараёни нав, ки фарогири афкори зиёди қадимаи шарқ мебошад, ба асри XI [106, 25] нисбат медиҳанд. Ба андешаи Расул Ҳодизода «Тасаввуф аз асри XI дар адабиёт нуфуз кард ва махсусан, дар назми форсӣ мавқеи мустаҳкаме гирифт» [113, 29].

Ба андешаи академик Б. Ғафуров тасаввуф ҳанӯз дар асрҳои VI-IX [33, 438] ҳамчун ҷараёни оппозитсионии ифодакунандаи орзуву ҳадафҳои косибон ва қишрҳои поёнии аҳолии шаҳру деҳот ба муқобили зулму истибдод ва риёкории аъёну ашроф, ҳокимони маҳаллӣ, заминдорон, тақсимоти ғайриодилонаи боигариҳо дар Ироқ арзи вуҷуд карда буд. Дар ин давра суфиён ғояҳои хешро тавассути даст кашидан аз шодмониву нишоти ин дунё ва рӯй овардан ба риёзат ифода намуда, ба ин васила бар зидди низоми мавҷудаи сиёсӣ, моликияти хусусӣ, ҷамъоварии боигарӣ, таносоӣ, зиндагии бошукӯҳу шаҳомат эътироз менамуданд. Онҳо ба нишони эътироз дар тан либоси одии аз пашми гӯсфанд омодашуда, ки ба унвони «хирқа» ё худ «суф» маъмул аст, гӯшанишинӣ ихтиёр мекарданд. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки номи суфиро гирифтани ин гӯшанишинон ва «суфизм»

номгузорӣ шудани тариқати онҳо шояд ба ҳамин либос иртибот дошта бошад.

Асосгузорон ва илҳомбахшони густариши таълимоти тасаввуф Абу Абдулло Ҳорис ибни Асад ал-Анози ал-Муҳассибӣ (ваф. 857), Абдул Файд ибни Иброҳим Зуннун ал-Мисрӣ (ваф. 860), Абу Ҳафс Умар ибни Салма ал-Ҳаддод (ваф. 878), Абу Солеҳ Ҳамдун ал Коссар (ваф. 871), Абу Усмон Саъд ибни Исмоил ал-Ҳирӣ (ваф. тақрибан солҳои 910-11), Абдул Қосим ибни Муҳаммад ал- Ҷунайд (ваф. 911), Ҳусайн ибни ал-Мансур ал-Ҳаллоҷ (тав. 858, ваф. 922), Имом Абу Ҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ (тақрибан 1059-60-1111), Абу Сайид ибни Абдул Хайр (967-1049) ба шумор мераванд.

Шароитҳои иҷтимоиии хилофати араб боиси вусъати ҳарчи бештари тасаввуф гардида, минбаъд дар ҷузъиёти таълимоти мазкур дигаргуниҳои мухталифро ворид намуд.

Дар асри XI таълимоти тасаввуф аллакай тамоми Хуросону Мовароуннаҳрро фаро гирифта, намояндагон ва мубаллиғони он барои интишори ҳарчи бештари таълимоти хеш дар байни мардум дар баъзе шаҳру деҳот ҳатто хонақоҳ бунёд карда, пайваста вазъ мегуфтанд, бо олимону донишмандон мубоҳисаҳо ташкил намуда, рисолаҳо эҷод мекарданд ва ба ин васила, муҳтавои таълимоти тасаввуфро дар байни мардум таблиғ менамуданд.

Пайдоиши ғояи асосии таълимоти суфия «инсони комил» аз яке аз ақидаҳои пешқадами педагогии ниёгон – «пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек» сарчашма мегирад, зеро инсони комил бояд аз ҳама гуна нуқсонҳои ахлоқӣ орӣ, яъне, дорои ахлоқи беолоишу пок бошад ва дар ӯ сифатҳои Илоҳӣ падидор бошанд.

Бо назардошти он ки инсон ҳамчун мавҷуди биоиҷтимоӣ моҳиятан хеле мураккаб аст, дар тавсиф ва шинохти инсони комил мактабҳо ва назариёти гуногун мавҷуд аст. Вобаста ба ин, Муртазо Мутаҳҳарӣ дар шинохти инсони

комил 7 мактаби зеринро ҷудо намудааст, ки ҳар кадом сифатҳои ӯро аз нигоҳи хеш арзёбӣ мекунанд:

- мактаби ақл
- мактаби қудрат
- мактаби заъф
- мактаби муҳаббат
- мактабе, ки инсони комилро бетабақа медонад
- мактабе, ки инсони комилро инсони озод медонад
- мактаби бархӯрдорӣ [77, 32].

Аммо новобаста ба гуногунандешии намояндагони мактабҳои мазкур, як нукта барои намояндагони тамоми мактабҳои мазкур мусаллам аст, ки инсонҳо гумон мекунанд, ки онҳо дар талоши камолот ҳастанд, аммо дар асл ин тавр нест. Пайдоишу мавҷудияти панду андарз, низомҳои таълиму тарбиятӣ дар тамоми тули таърих - аз замоне, ки инсон ба зинаи Homo sapiens (яъне, инсони боақлу хуш) расид, дархости воқеии ҳама гуна ҷомеаи башарӣ аст, зеро дар тамоми давру замон инсон ба тарбия ниёзманд аст.

Се ситораи тобони маърифати зардуштия - «пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» дар Қуръони карим борҳо ба назар мерасад. Худованд бандагони худро дар ояти 10-уми сураи Фотир таъкид мекунад, ки «Ҳар ки арҷмандӣ хоҳад, пас, ҳамаи арҷмандӣ якҷо аз они Худо аст; *сухани покиза*, ва *амали солеҳ* ба сӯи Ӯ боло меравад, онро (Худо) баланд мегардонад. Ва барои онон, ки фитнаҳо меандешанд, азоби сахт аст ва *бадандешии* онҳо ҳамоно нобуд шавад» [64, 435].

Ин далел бори дигар робитаи ногусастании таълимоти зардуштия, ислом ва суфияро собит менамояд.

Ҳам дар «Авасто» ва ҳам дар таълимоти ахлоқии суфия таълиму тарбияи инсон хусусияти диниро доро буда, дар ду самти зерини тарбия баръало ба назар мерасад:

1. Теосентристӣ - мавқеи марказиро Офаридгор, созанда, устод ишғол мекунад.

2. Антропосентристӣ - мавқеи марказиро инсон ишғол намуда, вале пobанди таълимоти динӣ аст. Зеро аз «пиндору гуфтору рафтор»-и ӯ Офаридгор ҳамеша огоҳ аст. Дар Қуръони карим омадааст: «ба дурустӣ, ки бар Худо чизе дар замин ва дар осмон пӯшида нест» (ояти 5, сураи Оли Имрон), «Худо бар он чи дар синаҳост, Доност» (Ояти 119, сураи Оли Имрон), «Худо Шунавои Доно аст» (ояти 121, сураи Оли Имрон), «Худо бар он чи пӯшида медоранд, Донотар аст» (ояти 167, сураи Оли Имрон), «Донандаи пинҳону ошкор аст» (ояти 73, сураи Анъом), «Худо ба он чи мекунед, Бино аст» (ояти 72, сураи Анфол) [64].

Бинобар ин, метавон зикр намуд, ки суфия таълимоти ахлоқиву тарбиявии худро дар заминаи ахлоқи «Авасто» бунёд намуда, онро дар доираи аҳкоми ислом такмил додааст.

Ҳамин робитаи ногусастании таърихии раванди тарбия, аз ҷумла, тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар осори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ ба таври барҷаста инъикос гардидааст. Аз таҳлили афкори педагогии ин ду чеҳраи тобноки илму адаби тоҷик ба хулосае расидан мумкин аст, ки усулҳои тарбия бояд донишҳои аллакай андӯхтаи шахсро тароват бахшанд, амали ӯро фаъол гардонанд ва майлу хоҳиши вайро барои амал кардан вусъат бахшанд. Барои ин, дар ниҳоди инсон бояд шавқ ва муҳаббати донишомӯзӣ нуҳуфта бошад, аз ҷониби дигар, мавҷудияти муҳаббат ин худ далели равони солими инсон аст. Дурустии ин андешаро мо дар муҳаббати бепоёне, ки модар, туфайли он фарзанди ҳанӯз аз оламу одам бехабари худро сухан гуфтан, роҳ рафтан, хӯрок хӯрдан, либос пӯшидан, шодӣ кардан меомӯзад ва ҳамаи ин маҳорату малакаҳоро ҷигарбанди ӯ бе ягон барномаи мушаххас дар муддати кӯтоҳ аз худ мекунад, мушоҳида карда метавонем. Аз ин рӯ, дар раванди тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ волидайн бояд ин сарчашмаи муҳими ташаккули фарзандон - муҳаббати созандаро ҳадафманду самаранок мавриди истифода қарор диҳанд. Маҳз муҳаббати падару модар омили муҳими дилбастагии фарзандон ба гуфтору рафтори волидайн, муҷиби

камолоти равонию ҷисмонӣ ва дар маҷмуъ, ба ҳадди инсони комил расидани онҳо мегарданд.

Ҳамин тавр, бо шарофати мавҷудияти чунин сарчашмаҳои боэътимод дар асри XI афкори педагогии халқи тоҷик бо арзишҳои нав ғанӣ гардида, дар ин замина, ба майдони илм ва адабиёти тоҷик бузургоне қадам ниҳоданд, ки афкору андешаи онҳо ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии давру замонҳо ва халқу миллатҳои олам, тарбияи ахлоқии чандин наслҳои бани башар нақши муассир гузошта, то ба имрӯз моҳияту мундариҷаи тарбиявии худро набохтаанд. Дар ин радиф метавон Унсурулмаолии Кайковус (1020-1099), Абулҳасан Алии Фаррухӣ (ваф. соли 1038), Абунаҷм Аҳмади Манучеҳрӣ (ваф. 1041), Абунаср Асадии Тӯсӣ (тав. тақрибан 1005-1010-ваф.тақрибан 1070), Носири Хусрав (1004-1080), Умари Хайём (1048-1131), Фахриддини Гургонӣ (тав.тақрибан 1048 ё 1054), Масъуди Саъди Салмон (1046-1121), Амир Муҳаммади Муиззӣ (ваф. қарибиҳои 1140), Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (1056-1111), Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1077), Абулмаҷди Саноӣ (1050-1131), Абуалӣ ибни Сино (980-1034), Абурайҳон Берунӣ (937-1051), Абусаиди Гардезӣ, Абунасри Утбӣ (961-ваф.тақрибан солҳои 1036/1040), Абулфазли Байҳақӣ (995-1077) ва дигаронро номбар намуд.

Дар ин давра яке аз сарчашмаҳои муҳими таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва тамоми Шарқ» асари ал-Осор–ул-боқия ан ал-қурун-ил-ҳолия»-и Абурайҳон Берунӣ, инчунин, «Зайн-ул-ахбор»-и Абусаиди Гардезӣ, «Таърихи Масъудӣ» ё «Таърихи Байҳақӣ»-и Абулфазли Байҳақӣ, «Таърихи мулки Туркистон»-и Маҷдуддин Муҳаммад ибни Аднон, «Таърихи Яминӣ»-и Абунасри Утбӣ таҳия мегарданд.

Дар асри XI, инчунин, оид ба ҳандаса ва нуҷум асари «Ал-Қонун-ул-Масъудӣ ф-ил-ҳайъа ван - нуҷум» асари Абурайҳон Берунӣ, оид ба тиб, табиатшиносӣ, мантиқ, метафизика, риёзиёт «Ал- қонун фи-т-тиб» ва «Китоб-уш-шифо»-и Абуалӣ ибни Сино, оид ба фалсафа асарҳои «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин» ва «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и Носири Хусрав, оид ба ҷуғрофия асари «Сафарнома»-и Носири Хусрав, оид ба сиёсатшиносӣ

«Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва ғайра эҷод гардидаанд, ки ҳар кадоми он дар пешрафти илму тамаддуни умумибашарӣ нақши муҳим бозидааст.

Дар асри XI ганҷинаи назму насри тоҷику форс бо шоҳкориҳои нав, ба монанди маснавии «Вомиқ ва Узро»-и Унсурии Балхӣ, достони «Вис ва Ромин»-и Фахриддин Гургонӣ, «Гаршоспнома»-и Абунаср Асадии Тӯсӣ, мадҳия ва марсияҳои Масъуди Саъди Салмон, рубоиёти Умари Хайём, «Сафарнома», маснавиҳои «Рӯшноинома», «Саодатнома»-и Носири Хусрав, «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук»-и Муҳаммад Ғаззолӣ ва дигарон ғанӣ мегардад.

Ба андешаи М. Лутфуллоев «Педагогикаи миллии халқи тоҷик ҳамчун илм падидаи нисбатан нав бошад ҳам, унсурҳои ибтидоии тарбия, ки қатра-қатра шуда, дарёи афкори педагогиро ташкил медоданд, аз ҳамон асри санг, вақте ки «тоҷики моҳир» дорои шуур (ақл) гардида, ибораи «тоҷики боақл»-ро касб кард, оғоз меёбад ва дар арзишҳо, анъана, расму ойинҳо ва эҷодиёти бадеии шифоҳии мардум таҷассум мегардад» [66, 57].

Тавре ки аз таҳлилҳо маълум гардид, афкори пурқимати педагогии мутафаккирони асрҳои XI-и халқи тоҷик дорои решаҳои амиқи таърихӣ будааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаккулёбӣ ва рушди афкори педагогии халқи тоҷик, тағйирёбии мундариҷаву муҳтавои он дар асри XI пеш аз ҳама, ба дархосту ниёзи ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии ҳамин марҳилаи таърихӣ робитаи мустақим доштааст. Ҳар як ҳодиса ва руйдоди таърихӣ дар соҳаи сиёсат, иқтисодиёту иҷтимоиёт, илму фарҳанг, маориф, дин ба раванди мазкур таъсир мерасонад. Ин таъсиррасонӣ метавонад мусбат ё манфӣ бошад. Маҳз ҳамин решаҳои пурқувват ин афкори беназири педагогиро дар муқобили озмоишҳои бузурги таърих, ҳамлаҳои ҳалокатбори Искандари Мақдунӣ, ҳуҷуми арабҳо, қатлу ғорати муғулҳо устувору пойдор нигоҳ доштанд.

## 1.2. Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ

Омӯзиш ва таҳлили амиқу ҳамаҷонибаи таърихи фарҳанги маънавии халқҳои Шарқ, мероси пурғановати педагогӣ ва эстетикии мутафаккирони гузашта, истифода ва инкишофи эҷодкоронаи ғояҳои пешқадами онҳо барои ташаккули арзишҳои нави маънавии созгори даврони истиқлолият бағоят муҳим аст. Аз ин рӯ, таҳаввулоти азими иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангӣ, тағйирёбии ҳаёти иҷтимоӣ дар қишрҳои мухталифи ҷомеа дар омезиш бо «шикаст»-и шаклҳои анъанавии ҳаёт, таҷдиди назар намудани арзишу ормонҳои қаблӣ ва ҷустуҷӯйи роҳу равиши тозаи зиндагӣ ҷараён дорад.

Мутаассифона, дар замони шуравӣ бо сабабҳои гуногун, пеш аз ҳама дар зери таъсири амиқи омилҳои идеологӣ муносибат нисбат ба омӯзишу таҳқиқи мероси пурғановати асримиёнагии халқҳои Шарқ, аз ҷумла, тоҷикон мувофиқи матлаб набуд ва он ҳамчун тамоили иртиҷоӣ, мазҳабӣ ва тасаввуфӣ арзёбӣ мегардид.

Имрӯз, бо шарофати соҳибистиқлол гардидани халқи тоҷик, дар шароити нави сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси ниёгони халқи тоҷик имкониятҳои васеъ ва фазои мусоиди таҳқиқотӣ фароҳам омадааст. Истифодаи муҳити созгори эҷодӣ барои таҳқиқи назариявии раванди пайдоишу ташаккул ва рушди афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик, ташаккули тафаккури наву созанда, дарёфти заминаҳои мусоид барои тавлиди ғояҳо ва арзишҳои нав мусоидат намуда, иқдоми назаррасе дар роҳи хештаншиносӣ ва тарбияи ҳисси ифтихори миллии насли наврас хоҳад буд.

Барои раҳоӣ ва эмин мондан аз пайомадҳои раванди доимовусъатёбандаи ҷаҳонишавӣ, ташаккули тафаккур ва ҷаҳонфаҳмии нав, дарёфти ормонҳои нави маънавию ахлоқӣ бояд арзишҳои умумибашарӣ, ба монанди инсондӯстӣ, адолат, хайрхоҳӣ, некӣ, дӯстиву рафоқат, якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳушбахтӣ, ки мероси ниёгони халқи тоҷик саршори чунин арзишҳост, эҳё шаванд.

Зеро «ниёгони мо бузургтарин эҷодгарони фарҳангӣ ахлоқӣ, одоби оиладорӣ, ҳусни басират ва тарбияи пайгиронаи фарзандон дар оила буда, ба

маънои пуррааш, ба мактаби тарбияи одамият замина гузоштаанд. Мероси фарҳангии ниёгони мо, аз ҷумла, садҳо одобномаю андарзномаҳо, рисолаҳои ахлоқию дастурҳои давлатдориро фаро мегирад. Ин рисолаҳо арзиши бузурги тарбиявию ахлоқӣ дошта, ба одоби суҳбат, пазироиву нишаст, одоби зиёфату меҳмондорӣ, таълиму тарбия, одоби илмомӯзиву интихоби пешаи муносиб, одоби посдории касбу кор, ҳурмату эҳтироми падару модар, умуман калонсолон ва расидан ба қадри заҳмати ҳалол ва дигар паҳлуҳои мухталифи тарбияи фарзанд ва рисолати оиладорӣ бахшида шудаанд. Барои тарбияи насли аз ҷиҳати маънавию ҷисмонӣ солими ҷомеа аҳамияти ин рисолаҳо бағоят муҳим аст» [145].

Дар ин радиф, аз нигоҳи фарогирии мавзуъ ва мундариҷаву муҳтаво метавон афкори дидактикию педагогии мутафаккири барҷастаи асри XI-и халқи тоҷик Унсурулмаолии Кайковус, бахусус, асари безаволи ӯ «Қобуснома»-ро ворид намуд.

«Дар таърихи афкори педагогии Аҷам «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус яке аз пурарзиштарин асарҳои тарбиявию ахлоқӣ ба шумор меравад. Ин асар дар тули беш аз 900соли мавҷудияти хеш ба забони халқҳои олам тарҷума шуда, ба сифати мактаби ахлоқӣ, адабӣ, таълимӣ, таърихӣ ва тарбиявӣ хизмат кардааст» [78, 72].

Мутаассифона, то солҳои 50-уми асри XX хонандагони тоҷик оид ба ҳаёту фаъолияти Унсурулмаолии Кайковус маълумоти кофӣ надоштанд.

Тавре ки аллакай зикр гардид, ягона мероси хаттие, ки аз мутафаккир боқӣ мондааст, асари  безаволи ӯ «Қобуснома» аст, ки аз чилу чор фасл иборат буда, ба забонҳои гуногун тарҷума ва интишор ёфтааст. Дар асари мазкур тамоми ҷанбаҳои таълимоти педагогии Кайковус  инъикос ёфта, ба ҳамин асос «Қобуснома» ягона сарчашмаи муътамад барои таҳқиқи ҳаёту фаъолият ва андешаҳои педагогии ӯ ба шумор меравад.

Дар баробари ин, оид ба ҳаёт ва фаъолияти Кайковус, аз ҷумла, оид ба асари мутафаккир «Қобуснома» дар осори илмии як зумра муҳаққиқони

барҷастаи илму адаби Шарқ, ба монанди А.Е. Кримский, Е.Э. Бертелс, И.С. Брагинский, Э. Браун, Я. Рипка баъзе маълумоти муфид ба назар мерасад.

Ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Унсурулмаолии Кайковус ва таҳлили адабии «Қобуснома» олимони эронӣ Саид Нафисӣ, Муҳаммад Тақии Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Ризозода Шафақ, Амин Абдулмаҷид Бадавӣ ва дигарон низ машғул шудаанд.

Аз муҳаққиқони тоҷик А. Абдуллоев, Х. Афзалов, Қ. Восеъ, А. Давронов, А. Девонақулов, Г. Зокиров, Б. Исоматов, К. Қодиров, М. Муллоаҳмадов, М. Орифӣ, М. Раҷабов, Б. Раҳимов, Г. Сайдуллоева, Қ.Т. Хоҷаев, Ш. Ҳусейнзода ва дигарон ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Унсурулмаолии Кайковус, аз ҷумла, асари ӯ «Қобуснома»-ро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аммо новобаста аз шумораи зиёди осори илмӣ оид ба мавзуи мазкур, таҳқиқоти алоҳида оид ба ҷойгоҳи афкори педагогии Кайковус ва асари ӯ «Қобуснома» дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ мавҷуд нест.

Агарчи асари мазкурро Кайковус ҳамчун насиҳатнома ба писараш Гелоншоҳ навиштааст, аммо он аз нигоҳи моҳияти ахлоқию педагогии худ дастури машҳуру муфиди ахлоқию тарбиявӣ ба шумор рафта, тавассути тарҷума бо забонҳои гуногуни халқҳои олам тули садсолаҳо ба афкори педагогию дидактии миллатҳои гуногун таъсири амиқ расонида, «…шухрати ҷаҳонӣ пайдо намуд ва ба роҳнамоии ахлоқии миллионҳо одамон табдил ёфт» [57, 3].

Афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус дар зери таъсири тамаддунҳои тоисломии юнониёни қадим, махсусан, таълимоти зардуштия, монавия ва муҳимтар аз ҳама, педагогикаи ислом ташаккул ёфтааст. Заминаи ғоявии афкори педагогӣ-дидактикии Кайковус ақидаҳои онтологӣ ва гносеологии ӯ ба шумор мераванд. Онҳо дар пайравии фалсафаи Арасту ташаккул ёфта, ҳангоми баррасии бисёр масъалаҳои тарбиявии дорои характери назариявӣ аз дигар равияҳои тарбиявии арабию форсӣ тафовут доранд.

Албатта, Кайковус «Қобуснома»-ро пеш аз ҳама, дар заминаи андӯхти таҷрибаи пурғановати ниёгони хеш оид ба тарбияи фарзандон ва масъалаҳои ба он вобаста эҷод намудааст. Тавре ки худи Унсурулмаолии Кайковус менигорад – «Эй писар, чун ман номи хешро дар доираи гузаштагон ёфтам, маслиҳат чунон дидам, ки пеш аз он ки номаи азл ба ман расад, номае дигар дар накӯҳиши рӯзгор ва созиши кор ва баҳра ҷустан аз некномӣ ёд кунам ва туро аз он баҳра диҳам…» [57, 10]

Ақидаҳои педагогӣ-дидактикии Кайковус бо ғояҳои онтологӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, эстетикӣ ва динии ӯ робитаи мустақим доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихӣ-педагогии таълимоти педагогии Кайковус барои ифшои ҷаҳонбинии ӯ мусоидат менамояд.

Дар афкори педагогии Кайковус масъалаи некиву бадӣ, хайрхоҳиву ҷавонмардӣ мавқеи марказиро ишғол намуда, ормони маънавию ахлоқии ӯ бо онҳо робитаи ногусатанӣ дорад ва аз онҳо маншаъ мегиранд.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи афкори педагогии Кайковус аз он иборат аст, ки зери таъсири он дар раванди камолоти инсон на ангезаҳои гӯшанишиниву хилватгузинӣ, балки табъи болидаву ҷаҳонсозӣ ташаккул меёбад.

Аз 44 боби асари безаволи Кайковус «Қобуснома» 21 боби он мустақиман ба масъалаҳои тарбияи оилавӣ, одоби оиладорӣ, ташаккули арзишҳои оиладорӣ бахшида шудаанд. Аз ҷумла:

- боби панҷум андар шинохти ҳаққи падару модар;
- боби шашум андар фурӯтанӣ ва афзунии гуҳару ҳунар;
- боби ҳафтум андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ ва дониш;
- боби ҳаштум андар ёд кардани пандҳои Анӯшервони одил;
- боби нуҳум андар тартиби пириву ҷавонӣ;
- боби даҳум андар хештандорӣ ва тартиби хӯрдан;
- боби ёздаҳум андар шароб хӯрдан ва шарти он;
- боби дувоздаҳум андар меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан;
- боби чордаҳум андар ишқ варзидан ва расми он;

- боби понздаҳум андар таматтуъ кардан ва тартиби он;

- боби шонздаҳум андар оини гармоба рафтан;

- боби ҳафтдаҳум андар хуфтану осудан ва расми он;

- боби бисту якум андар ҷамъ кардани молу хоста;

- боби бисту дуюм андар амонат нигоҳ доштан;

- боби бисту чаҳорум андар хона ва иқор харидан;

- боби бисту шашум андар зан хостан ва шароити он;

- боби бисту ҳафтум андар фарзанд парвардан ва ойини он;

- боби сиюм андар оини уқубат кардан ва авф кардан;

- боби сиву якум андар толибилмӣ, фақеҳӣ ва мударрисӣ;

- боби сиву дуюм андар тиҷорат кардан ва шароити он;

- боби чиҳилу чаҳорум андар ойини ҷавонмардӣ [57, 12-13].

Зикри ҳамин нуқта басо муҳим аст, ки Кайковус дар «Қобуснома» мулоҳизаҳои хешро аз баёни моҳияти инсон оғоз намуда, дар бобҳои мухталифи он оид ба раванди ташаккули фарзанд аз синни кӯдакӣ, наврасию ҷавонӣ то ба пирӣ, зарурат ва аҳамияти омӯзиши илму ҳунар ва ҳар гуна шуғл барои камолоти равонию ҷисмонии фарзанд, сипас зина ба зина ба дараҷаи сарвари мамлакат расидани ӯ андешаҳои пурқимату ҳакимона иброз намудааст. Аз таҳлили ин асари безаволи Кайковус метавон хулоса баровард, ки туфайли андешаҳои ҷолиби хеш муаллиф консепсияи мукаммали тарбияи муттасил ва камолоти равонию ҷисмонии фарзандонро дар шароити оила офаридааст, ки бисёр нуктаҳои он то ҳанӯз аҳамияти тарбиявӣ ва ахлоқии худро гум накардаанд. Новобаста аз он ки бобҳои «Қобуснома» ба мавзуъҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти инсон бахшида шудаанд, онҳо бо ҳам робитаи ногусастанӣ дошта, дар маҷмуъ як асари том ва низоми ягонаи таълиму тарбияи фарзандро ташкил медиҳанд.

Аммо ҳангоми интиқол ва татбиқи афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус дар низоми муосири таълиму тарбия, аз ҷумла, тарбияи оилавӣ, махсусан ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳамин нуктаро набояд сарфи назар намуд, ки мутафаккир намояндаи табақаи ҳукмрони замони худ буда, дар

баъзе ҳолатҳо, аз ҷумла, дар мавриди зан хостан, ғулом харидан, меҳмондорӣ, ҷамъоварии молу сарват, хизмат кардан ба ҳокимон, хидмат дар вазорату дарбор, тиҷорат кардан, ҳамон ғояҳои педагогиву ахлоқиро талқин намудааст, ки барои ашрофзодагони ҳамон давр хос буданд. Яъне, ғояҳои ахлоқиву педагогии Кайковус қариб ҳазор сол қабл аз ин, дар муҳит ва шароити тамоман дигари иқтисодӣ-сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ баён шудаанд. Аз ин рӯ, ба тамоми гуфтаҳои муаллиф аёйнан тақлиду пайравӣ кардан, бе таҳлили интиқодӣ интиқол додани онҳо ба низоми муосири таълиму тарбияи ахлоқиву маънавии фарзандон мувофиқи мақсад нест.

«Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус барои таҳқиқоти мо аз он нуқтаи назар бағоят муҳим арзёбӣ мегардад, ки дар асари мазкур масъалаи умдатарини тарбияи оилавӣ, аз ҷумла, ташаккули арзишҳои оиладорӣ мақоми барҷаста доранд.

Натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ оид ба мавзуи мавриди пажӯҳиш, омӯзишу баррасии адабиёти илмӣ оид ба арзишҳои оилавӣ ва тамоюлоти тағйирёбии арзишҳои оиладорӣ дар замони муосир ба мо имкон дод, ки таснифоти зерини хешро оид ба арзишҳои номбурда таҳия намуда, осори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолиро маҳз дар заминаи он таҳлил намоем.




***Расми 1. Оила ва арзишҳои оиладорӣ***

Тавре ки аз таснифоти арзишҳои оиладории дар расми 1 инъикосёфта бармеояд, барои бунёд ва пойдории оила арзишҳои муҳимтарин никоҳ, саломатии фарзандон, муҳаббату садоқат ва вафодорӣ, ҳурмату эҳтироми волидайн ва калонсолон, фарҳанги

меҳмондорӣ, сарфаю сариштакорӣ, адаб, илму дониш ва ҳунари фарзандон, масъулият ва меҳру шафқати волидайн ва якдигарфаҳмӣ ба шумор рафта, мавҷудияти онҳо барои таъмини солимии ҳар як оила ҳатмӣ мебошад. Дар афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ арзишҳои мазкур мақоми барҷаста дошта, тамоми ҷанбаҳои таҳқиқи мавзуъро мо асосан дар заминаи онҳо мавриди баррасӣ қарор додаем.

«Агар ба «Қобуснома» амиқтар назар афканем, он дар маҷмуъ, китоби тарбияи оилавиро мемонад, зеро тамоми масъалаҳои тарбиявӣ ба писараш Гелоншоҳ нигаронида ва марказонида шудаанд» [114, 107]. Кайковус пас аз нигориши бобҳои анъанавӣ, ки дар даврони зиндагии ӯ муаллифон одатан онҳоро ба шинохти роҳи Ҳақ, офариниши пайёмбарони Худованд, ҳамду санои Парвардигор мебахшиданд, ба масъалаҳои муҳими тарбияи оилавӣ, бунёди оилаи солим – шинохтани ҳаққи падару модар, тарбияи фазилатҳои асосии инсон - нутқу суханварӣ, некиву накукорӣ, ростиву ҷавонмардӣ, фурӯтаниву беозорӣ, саховатмандиву додгустарӣ, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои гуногун андешаҳои пурқимат таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Ҳамин тавр, Кайковус 4 боби аввали «Қобуснома»-ро ба шинохти Эзиди таоло ва тақаддус, офаридани пайғамбарон, сипос доштан аз Худованди неъмат, фузунии тоат аз роҳи тавонистан бахшида, боби панҷуми онро «Андар шинохтани ҳаққи падару модар» унвон додааст. Бо чунин муносибати хеш мутафаккир бори дигар мартабаи иҷтимоии волидайнро дар ҷомеа баланд бардошта, ба ин васила насли имрӯзаро ба гиромидошти яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ – эҳтироми падару модар ҳидоят менамояд. Албатта, ин гуна муносибати мутафаккир бесабаб нест, зеро эҳтироми падару модар яке аз амрҳои Худованд ба бандагонаш мебошад. Аз ҷумла, дар ояти 8, сураи «Анкабут»-и Қуръони карим омадааст, ки «Ва ба одамӣ амр кардем, ки ба падару модари худ некуӣ кун». Таъкиди ҳамин андеша дар оятҳои дигари «Қуръон» низ ба назар мерасанд, аз ҷумла, дар ояти 23, сураи Исро: «Ва ба падару модар некӯкорӣ бикунед; агар яке аз онҳо ё ҳар ду назди ту ба

калонсолӣ бирасанд, пас, ба онҳо «уф» магӯ ва бар онҳо бонг мазан ва ба онҳо сухани неку бигӯ!»; ояти 151, сураи Анъом: «Ба волидайн некукорӣ кунед ва фарзандони худро аз тарси фақр макушед!»; ояти 15, сураи Аҳқоф: «Ба одамӣ дар ҳаққи падару модараш некукориро амр кардем» [64].

Унсурулмаолии Кайковус ҳамчун фарзанди замони хеш, намояндаи табақаи ҳукмрон, бешак аз таъсири муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дини ислом дар канор набуд, эҳтиром ва риояи аҳкоми шариат дар ҳаёту фаъолият, аз ҷумла, дар фаъолияти эҷодии ӯ ҳатмӣ буд.

Тавре ки зикр гардид, *эҳтироми падару модар аз зумраи арзишҳоест,* ки пойдории оиларо таҳким бахшида, барои дар замири фарзандон ташаккул ёфтани арзишҳои дигар, амсоли муҳаббату адолат, ҳақшиносӣ, якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, дарки масъулияти падарию модарӣ дар таълиму тарбияи фарзандон мусоидат менамояд.

Дар ин маврид Кайковус қайд намудааст, ки «…бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд. …» [57, 21-22].

Мутафаккир бо ибрози ин андеша таъкид кардан мехоҳад, ки ҳурмати падару модар ин нишони хиради фарзанд аст, ҳар гуна муносибате, ки фарзанд нисбат ба падару модари хеш ҷоиз донад, дар оянда фарзандони ӯ ҳамин гуна муносибатро нисбат ӯ сазовор хоҳанд донист. Ба андешаи мутафаккир фарзанд ба мисли мева ва падару модар ҳамчун дарахт мебошанд. Аз ин рӯ, агар дарахтро хуб парварем, меваи он низ ба ҳамон андоза некутару беҳтар хоҳад шуд. Бо ибораи дигар, агар аз як тараф ҳурмату эҳтироми волидайн барои фарзанд воҷиб бошад, аз ҷониби дигар, натиҷаи чунин заҳматро фарзанд дар рӯзгориояндаи хеш бояд аз фарзандонаш интизор шавад, яъне, «ҳар он чи кошт, ҳамон бидравад». Яъне, агар падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон ҳар қадар масъулияти бештар ҳис кунанд ва ин равандро мунтазам пайгирӣ намоянд, ба ҳамон андоза самари заҳмати онон - фарзандони неку ба воя мерасанд, ки оянда такягоҳи боэътимоди онон хоҳанд шуд.

Кайковус дар «Қобуснома» ба яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ - арзиши суннатии оилаи тоҷикон – эҳтироми калонсолон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин масъаларо дар бобҳои «Андар шинохти ҳаққи падару модар», «Андар тартиби пириву ҷавонӣ», «Андар фурӯтанӣ ва афзунии ҳунар», «Андар хона ва иқор харидан» баррасӣ намуда, андешаҳои ҷолиб иброз намудааст. Аз ҷумла, Кайковус қайд мекунад, ки «… пиронро ҳурмат дор ва сухан бо пирон ба газоф магӯй» [57, 46].

Таъкиди Кайковус дар боби эҳтироми пирону волидайн аз ҷониби фарзандон танҳо ба хотири бузургсолии онҳо набуда, балки пандест, ки фарзандро аз мавҷудияти таҷрибаи арзишманди онҳо дар зиндагӣ, ки барои бунёду устувории оилаи ҷавони фарзандон судманд ҳоҳад буд, инчунин, аз уҳдадории фарзанд нисбат ба падару модар огоҳ месозад. Муаллиф итминон дорад, ки чунин муносибат дар оянда анъана гардида, аз насл ба насл мегузарад ва барои таъмини оилаи аз нигоҳи иҷтимоӣ устувор аҳамияти бузурги тарбиявӣ дорад. Бинобар ин, ӯ ба Гелоншоҳ таъкид карда, менигорад, ки «бар пирон ҳамеша ба раҳмат бош», «пирони қабилаи худро ҳурмат дор…», «ба пирон низ муҷосалат кун» [57, 48].

*Яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ*, ки дар он муҳимтарин функсияи иҷтимоии оила таҷассум ёфтааст, ин тарбияи фарзандон ба шумор меравад. Унсурулмаолии Кайковус боби бисту ҳафтуми «Қобуснома»-ро «Андар фарзанд парвардан ва ойини он» номгузорӣ карда, зимни баррасии масъалаи мазкур ба фарзандаш Гелоншоҳ мурочиат карда, зикр кардааст, ки «… агар Худой туро писаре диҳад, аввал, номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст. Дуввум, он ки ба доягони меҳрубон супор ва ба вақти хатна кардан суннат ба ҷой овар….» [43, 92-97] сипас ба тафсири масъулиятҳои дигаре, ки падар барои камолоти фарзанд, зиндагии ояндаи ӯ бар дӯш дорад, бо иборaҳои «Қуръон биёмӯзон», «пешае биёмӯзӣ, «ба илми силоҳаш диҳӣ», «бояд ки фарзандро шино биёмӯзӣ», «андар омӯхтани адаби вай тақсир макун», «…ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзӣ» мепардозад».

Ба андешаи Кайковус тарбияи фарзанд раванди ҳадафманд ва басо пурмасаъулияту бонизом буда, аз марҳилаҳо иборат аст. Бо таъкиди иборахои «номи хуш ниҳодан», «ба дояву мураббӣ супоридан», «хатна кардан» (агар писар бошад (О.Т.), «Қуръон биёмузон» ва амсоли инҳо мутафаккир бонизом будани раванди тарбияро нишон додааст. Танҳо баъди ба итмом расидани як марҳила марҳилаи навбатӣ оғоз меёбад. Дар ин раванд ба шитобкорӣ роҳ додан лозим нест. Ба андешаи Кайковус фарзанд бояд идомадиҳандаи касби падар бошад, агар падар аҳли силоҳ бошад, бояд писарро илми силоҳу саворӣ биёмӯзад. Ба ақидаи ӯ фарзанд бояд таъиноту вазифаи предмети омӯзишу худро дарк кунад.

Агар «Қобуснома»-ро бо ҳусни зеҳн мутолиа кунем, ба осонӣ метавон мушоҳида кард, ки ин асар як консепсияи мукаммал оид ба масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд аст. Барои собит намудани ин андеша ба ёд овардани номгӯйи бобҳои асар, ки дар оғози қисми мазкури диссертатсия оварда шудаанд, кофӣ аст. Нуктаи ҷолиби дигар ҳамин аст, ки дар ин асар Кайковус ҳамчун муаллиф асосан аз мавқеи падар бештар андешаронӣ мекунад ва дар назари аввал гӯё мутафаккир дар тарбияи фарзанд танҳо масъулияти падарро эътироф менамояд. Вале агар тарбияи фарзандро дар оила аз нигоҳи шариати ислом ва ҳуқуқи зану мард дар оила баррасӣ намоем, ин тавр нест. Зиёда аз ин, Кайковус ҳамчун намояндаи синфи ҳукмрон ва ҷонибдори аҳкоми шариат ба ҳеҷ ваҷҳ, ҳуқуқ ва масъулияти модарро дар тарбияи фарзанд инкор карда наметавонад.

Адаб ва фарҳангу ҳунар омӯхтанро Кайковус ба сифати беҳтарин меросе арзёбӣ намудааст, ки волидайн ба фарзанди хеш вомегузоранд. Дар ин маврид низ муаллиф масъулияти волидайнро дар тарбияи фарзанд таъкид намуда, аз ҷумла, қайд менамояд, ки «…адабу ҳунар ва фарҳангро мероси хеш гардон ва ба вай (фарзанд) бигузор, то ҳаққи вай гузорида бошӣ, ки фарзандонро меросе беҳ аз адаб нест» [57, 94]. Яъне, мероси арзишманди падар барои фарзандон адаб ва ҳунару фарҳанг буда, қабл аз ҳама онро бояд худи падар доро бошад, вагарна чиро ба мерос гузошта метавонад. Бо ибрози

андешаи «то ҳаққи вай гузорида бошӣ», Кайковус бори дигар уҳдадориву масъулияти падарро дар таълиму тарбияи фарзанд таъкид карда, беҳтарин мероси падарро барои фарзанд адаб ҳисобидааст.

Бо назардошти он ки Кайковус намояндаи синфи ҳукмрон буд, дар мавриди тарбияи фарзандонибораҳои «фарзандони муҳташамон» ва «фарзандони омма»-ро истифода бурда, қайд менамояд, ки «…фарзандони оммаро меросе беҳ аз пеша нест, ҳарчанд ки пеша на кори муҳташамон аст, ҳунар дигар асту пеша дигар. Аммо аз рӯи ҳақиқат наздики ман пеша бузургтарин ҳунарест. Ва агар фарзандони муҳташамон сад пеша донанд, чун ба касб бикунанд, айбе нест, балки ҳунар аст, ҳар яке рӯзе ба кор ояд» [57, 94].

Яке аз масъалаҳои бағоят муҳиме, ки дар замони муосир оилаи тоҷик ба он рӯ ба рӯ гардида, аҳли ҷомеа аз он дар ташвиш аст, ин никоҳи хешутаборӣ аст. Вобаста ба ин масъалаи муҳими иҷтимоӣ ҳанӯз соли 2015 Президенти мамлакат ҳангоми суханронӣ ба муносибати Рӯзи модар (06.03.2015) таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷумла, қайд карда буд, ки «солҳои охир дар заминаи никоҳҳои хешутабории наздик низ таваллуди фарзандони маъюб зиёд гаштааст… аз 165 ҳазор нафар маъюбе, ки дар кишвар ба қайд гирифта шудааст, 35 фоизаш ба иллати никоҳи хешутабории наздик ба миён омадааст…аз никоҳи хешовандии наздик нуқсҳои модарзодии дил то 60 фоиз, бемориҳои асаб то 33 фоиз, руҳӣ то 19 фоиз ва чашм то 16 фоизро ташкил дода, як қатор бемориҳои ирсӣ низ зиёд шуда истодаанд…165 ҳазор оила агар якнафарӣ маъюб дошта бошад, пас зиёда аз як миллион нафар ҳамватанони мо зиндагии маъюсонаву талх доранд» [142].

Бузургии ҳикмати педагогии Кайковус дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ҳанӯз қариб ҳазор сол муқаддам ба яке аз муҳимтарин арзишҳои оиладорӣ - бунёди оилаи аз нигоҳи ҷисмонӣ, руҳӣ ва иҷтимоӣ солим таваҷҷуҳ намуда, дар асари безаволи худ «Кобуснома» қайд кардааст, ки «*…агар писар болиғ гашт, бинигар андар вай, агар сари салоҳ дорад ва кадхудоиву зан доштан ва рӯзбеҳӣ машғул хоҳад будан, пас тадбири зан хостани ӯ кун, то он ҳақ низ гузорида бошӣ. Аммо то битавонӣ, агар писарро зан диҳӣ, ё духтарро ба*

*шӯй диҳӣ, бо хешони хеш васлат макун* [57, 95]. Аз ин андеша бармеояд, ки пеш аз ҳама, барои оиладор кардани писар вай қабл аз ҳама, бояд ба синни балоғат расида, дорои ақлу тамизи идора кардани оила ва барои нигоҳдошти оилаву зан омода бошад. Танҳо дар ҳамин сурат падар бояд барои оиладор кардани писар чора андешад. Илова бар ин, мутафаккир оиладор кардани фарзандонро яке аз уҳдадориҳои муҳими падар меҳисобад. Дар мавриди оиладор кардани писар ё духтар Кайковус ба писараш дастур медиҳад, васлат аз ҳисоби бегонагон бошад. Зеро ба ақидаи ӯ хешовандон ҳамхун мебошанд ва ин ба саломатии насли оянда бетаъсир намемонад, ҳамзамон дар сурати бо бегонагон васлат кардан нерую тавоноии қабила дучанд афзуда, мададгорӣ ба оила низ аз ду ҷониб фаро мерасад.

Дар боби саломатии фарзандон, шарту шароити ҳифзи он ки яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ маҳсуб меёбад, Кайковус дар бобҳои «Андар тартиби пириву ҷавонӣ» [57, 44-50], «Андар хештандорӣ ва тартиби хӯрдан» [57, 51-51], «Андар шароб хӯрдан ва шарти он» [57, 52-54], «Андар таматтуъ кардан ва тартиби он» [57, 65-66], «Андар оини гармоба рафтан» [57, 66-67] «Андар хуфтану осудан ва расми он» [57, 67-69], «Андар чавгон задан ва шароити он» [57, 70-71] андешаҳои пурқиммати тарбиявӣ ва панду ахлоқӣ иброз намудааст. Номгӯйи бобҳои мазкури асари Кайковус баёнгари он аст, ки мутафаккир то кадом андоза ба саломатии фарзандаш таваҷҷуҳ кардааст ва бояд гуфт, ки саломатии фарзандон, воқеан яке аз арзишҳои беназири оиладорӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, мутафаккир дар боби хуфтану осудан ба фарзандаш Гелоншоҳ панд медиҳад, ки «бисёр хуфтан одати носутуда аст, танро коҳил кунад ва табъро шӯрида кунад ва сурати рӯйро аз ҳол ба беҳолӣ барад, ки панҷ чиз аст, ки чун ба мардум расад, дарҳол сурати вайро мутағайир кунад: яке нишоти ногаҳон ва яке ғами муфоҷо ва яке хашм ва яке хоб ва яке мастӣ» [57, 67]. Албатта, Кайковус манфиати хобро барои саломатии инсон инкор накардааст, балки сухан аз боби хоби аз андоза зиёд меравад. Зеро ҷойи дигар мутафакккир андар боби пайваста нахуспидан ва

зиёни он ба саломативу равони инсон ибрози назар намуда, зикр кардааст, ки он аъзои баданро хаставу ранҷур месозад [57, 54].

Тавре ки аз таҳлили суханони пандомези Кайковус ба писараш бармеояд, онҳо ба андешаи олимону мутахассисони соҳаи тиб оид ба зиёни шодии ногаҳонӣ, ғаму андуҳ, хашму ғазаб, мастӣ мувофиқат мекунанд.

Бо назардошти он ки саломатии фарзандон воқеан, сарвати бебаҳо ва яке аз арзишҳои волои оиладорӣ аст, муаллиф ба ин масъала якчанд боби асари худро бахшидааст. Кайковус ба фарзандаш панд медиҳад, ки одоб ва реҷаи хӯрок хӯрданро риоя кунад, зеро сарфи назар кардани он ба саломатӣ зарар мерасонад. Аз ин рӯ, вай дар боби даҳуми «Қобуснома» - «Андар хештандорӣ ва тартиби хӯрдан ва оини он» зикр кардааст, ки «… аввал таҷрибати таом хӯрдан бидон, ки одати мардумони бозорӣ чунон аст, ки таом бештар ба шаб хӯранд ва он сахт зиён дорад…» ва илова мекунад, ки «…мардумони лашкарипешаро одат чунон аст, ки вақту новақт нанигаранд [57, 50]. Ба ақидаи мутафаккир, риоя накардани тартиби хӯрок хӯрдан ба мисли одати ҳайвон аст, ки ҳар гоҳ ки алаф ёбанд, бихӯранд. Махсусан, таъкиди адиб ба Гелоншоҳ, аз қабили «…таом бо шитоб махӯр» [57, 51], «…ҳама маъкулоту машрубот, ки хӯрӣ, агар исроф кунӣ, заҳр гардад…» [57, 52], «…парҳез кун аз луқмаи серӣ ва аз қадаҳи мастӣ» [57, 53] баёнгари он аст, ки ӯ нисбат ба саломатии фарзандаш бетафовут нест ва ин як намунаи барҷастаи ибрат барои падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ мебошад.

Мусаллам аст, ки ҳангоме ки Кайковус аз боби шиноварию чавгон задан, аспсаворӣ кардан, гармоба рафтан сухан мегӯяд, ҳадафи асосии ӯ саломатии фарзанд аст ва ӯ ба ин васила мехоҳад, то дар ҳифзи солимии ҷисмониву равонии ҷигарбандаш саҳме дошта бошад.

Умуман, муносибати Кайковус нисбат ба ҳаёти ояндаи писараш намунаи барҷастаи масъулиятшиносӣ нисбат ба таълиму тарбияи фарзанд мебошад. Ин масъалаест, ки имрӯз дар ҷомеа аҳамияти бештарро касб кардааст. Воқеан, сатҳи маънавию ахлоқии фарзандон, камолоти равонию ҷисмонии

онҳо аз сатҳи масъулиятшиносии волидайн вобастагии амиқ дорад. Аз ин ҷост, ки бо ибтикори қонунгузории Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон парламенти Тоҷикистон Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро қабул кард, ки бинобар дигаргуниҳо дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа соли 2016 ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар Тоҷикистон боиси ҷудошавии оилаҳои ҷавон гардидааст, ин камтаҷрибагии навхонадорон аст. Вобаста ба пешгирии ин мушкилоти иҷтимоӣ, яъне, вайроншавии оилаҳои ҷавон муаллиф дар асараш «Қобуснома» писарашро панд медиҳад, ки ба иллати ҷавониву камтаҷрибагӣ навхонадорон метавонанд боиси ранҷу азоби якдигар гарданд. Бинобар ин, дар ин кори пурмасъулият мутафаккир шитобро салоҳ намедонад ва таъкид мекунад, ки «агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи некупарвар бисупор ва чун бузург шавад, ба муаллима деҳ, то намозу рӯза ва он чи шарти шариат он аст, аз фароиз биёмӯзад [57, 96]. Яъне, дар ин маврид мутафаккир тай намудани марҳилаҳои муайяни камолоти шахсро салоҳ медонад. Ҳар як марҳилаи мушаххас барои камолоти равонию ҷисмонии инсон муҳим буда, туфайли он таҷрибаи зиндагӣ ғанӣ мегардад ва он барои бартараф намудани мушкилоту монеаҳои ҳаёти оилавӣ мусоидат намуда, муҳимтар аз ҳама, аз насл ба насл мегузарад. Илова бар ин, аз андешаи мазкури Кайковус бармеояд, ки вай нисбат ба тарбияи духтарон дар оила андешаи хос дорад, таълиму тарбияи духтаронро дар оила Кайковус аз нигоҳи шариати ислом, мавқеи иҷтимоӣ ва ҷаҳонфаҳмии хеш, ки дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии замонаш ташаккул ёфта буд, арзёбӣ мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзишу баррасӣ ва тарғибу ташвиқи афкории педагогии ӯ вобаста ба ҳар як мавзуи мушаххас муносибати тафриқӣ зарур аст.

Дар масъалаи тарбия ва хонадоршавии духтарон Кайковус назари дигар дорад. Ба андешаи ӯ, барои духтарон танҳо омӯхтани намозу рӯза ва шарту шароити шариат кифоя аст, яъне, вай таҳсили духтаронро зарур намешуморад ва таъкид менамояд, ки духтар ҳарчи зудтар бояд ба шавҳар

дода шавад. Дар ин маврид низ вобастагии афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус аз мавқеи иҷтимоӣ ва синфии ӯ баръало ба назар мерасад, ки ин, албатта, ба талаботи низоми муосири таълиму тарбияи демокративу дунявӣ созгор нест.

Дар «Қобуснома» ба омилҳое, ки дар ташаккули яке аз арзишҳои бузурги оиладорӣ – садоқату *муҳаббат ва вафодорӣ* мусоидат мекунанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, муаллиф борҳо вобастагии пойдориву устувории оиларо аз муҳаббати тарафайни аъзои он таъкид намудааст.

Намунаи барҷастаи муҳаббатеро, ки боиси на танҳо пойдории оила, балки пайдоиши чунин як асари бузурги тарбиявии саршор аз ғояҳои арзишманди педагогӣ гардидааст, мо дар мисоли «Қобуснома» мушоҳида карда метавонем. Дар асари мазкур Кайковус ҳангоми муроҷиат ба фарзандаш Гелоншоҳ ва тафсири андешаҳои пурқиммати ахлоқию педагогӣ калимаву ибораҳоро бо меҳру шафқати беандоза нисбат ба фарзанди хеш Гелоншоҳ фаровон истифода бурдааст.

Муҳаббати Кайковусро нисбат ба писараш дар тамоми 44 боби асари безаволи мутафаккир мушоҳида намудан мумкин аст. Аз оғоз то интиҳои асар ӯ бо як меҳру шафқати хосси падарӣ фарзандаш Гелоншоҳро ба сӯи камолот далолат намуда, пайваста таъкид мекунад: «бидон ва огоҳ бош, эй писар…», «эй азизи ман…», «эй писар, ҳушёр бош…», «гиромитар каси ман туӣ…», «бандаи бетоат мабош…», «ба ҳама ҳунарҳо ҷаҳд кун…», «некиомӯз бош…», «хуб гӯй, то хуб шунавӣ», «то тавонӣ аз касе некӣ дареғ мадор…», «ба вақти навмедӣ умедвортар бош…», «пирони қабилаи худро ҳурмат дор…», «зиёнкор мабош…», «аз машварат кардан ор мадор…», «дар корҳо ифрот макун…», «бисёрдону камгӯй бош…», «хештанситой мабош…», «аз ҷавонони пажмурда мабош…», «нагӯям, ки ҷавонӣ макун…», «ҷавони хештандор бош…», «аз ҷавонони ҷоҳил мабош…», «то ҷавонӣ, ҷавон бош ва чун пир шудӣ, пирӣ кун…», «аммо пири раъно мабош…» ва амсоли инҳо. Ин бори дигар аз таҷрибаи зиндагӣ ва рӯзгордории муаллифи асар башорат дода, эътимоди хонандаро нисбат ба андешаҳои ӯ дар боби арзишҳои оиладорӣ

қавитар месозад. Нуктаи ҷолиб дар «Қобуснома»-и Кайковус он аст, ки муаллиф аз як тараф бо панду андарзи хеш масъулият ва қарзи падариро нисбат ба фарзандаш иҷро мекунад ва аз ҷониби дигар, фарзандаш Гелоншоҳро ба масъулиятшиносӣ нисбат ба таълиму тарбияи фарзанд далолат мекунад.

Ба андешаи муҳаққиқон имрӯз яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳо, махсусан, оилаҳои нав ин мавҷуд набудани якдигарфаҳмӣ миёни аъзои оила, махсусан, зану шавҳар, аз ҷумла, навхонадорон мебошад. Унсурулмаолии Кайковус қариб 1000 сол муқаддам ин арзиши бузурги оиладорӣ ва масъалаи муҳими иҷтимоиро мавриди баррасӣ қарор дода, ба он таваҷҷуҳи фарзандаш Гелоншоҳ ва ба ин васила, аҳли ҷомеаро ҷалб намуда, зикр менамояд, ки «бо дӯстони мушфиқ мушоварат кун», «аз машварат кардан ор мадор», бо пирони оқилу бо дӯстони мушфиқ мушоварат кун», зеро ба андешаи мутафаккир «рои ду кас на чун рои як бошад, ки як чашм он натавон дид, ки ду чашм бинад ва як даст он натавонад бардошт, ки ду даст бардорад» [57, 32-33].

Дар боби якдигарфаҳмӣ андешаҳои Кайковус пайгирона мебошанд, аз ин рӯ, вай дар «Қобуснома» ҳамвора таъкид мекунад, ки дар забон дигар магӯй ва дар дил дигар ниҳон мадор, гандумнамои ҷавфурӯш набош, ғаму шодиро ба касе ифшо кун, ки вай темори ғаму андуҳи ту бошад, ҳақро инкор макун, аз ҳунару омӯхтан нанг мадор, аз донишу ҳунари хеш ғарра машав, чизе ки надонӣ, биёмӯз, танҳо писанди рои хеш мабош, андешаро муқаддами гуфтори хеш дор ва ҳоказо.

Ба андешаи Кайковус яке аз омилҳои якдигарфаҳмӣ, созгорӣ ва устуворӣ дар оила дӯшизагии арусу домод мебошад, зеро муҳаббати зани бокира боиси дилбандии вай ба шавҳар ва ҳамчунон муҳаббати шавҳар нисбат ба зан мегардад. «…агар духтар дӯшиза бошад, талаб домоди дӯшиза, то зан дил дар шӯй бибандад ва шӯй низ дар зан доштан бикӯшад ва аз ҷонибайн созгорӣ бошад» [57, 96].

Яке аз арзишҳои бағоят муҳими оиладорӣ, ки дар пойдории оила нақши муҳим бозида, аз масъалаҳои доғи рӯз барои оилаи тоҷик мебошад, ин

сарфаю сариштакорӣ аст. Бо назардошти муҳиммияти масъала бо ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 272 аз 8.06.2007) [136] қабул гардида, солҳои 2008, 2010 ва 2017 ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Аз ин рӯ, омӯхтани андешаи ниёгон оид ба сарфаю сариштакорӣ барои бунёди оилаи солим ва пойдор нигоҳ доштани он муҳим арзёбӣ мегардад. Кайковус дар мавриди исрофкорӣ ибрози назар намуда, аз ҷумла, қайд мекунад, ки «…асли табоҳии бозаргонӣ дар исроф аст…» [97, 119], дар идомаи ин мавзуи барои пойдории оила муҳим мутафаккир бо сабки зарбулмасалҳои халқӣ менигорад, ки «харҷ бояд ба андозаи дахл бошад», «сабаби фақр исроф дон», чун аз эътидол бигузарад, исроф падид ояд», «ва ҳукамо написандидаанд исроф кардан дар ҳеҷ кор, ки оқибати исроф ҳама зиён аст» [57, 75]. Мавриди зикр аст, ки андешаҳои пурарзиши тарбиявии Кайковус дар боби арзишҳои оиладорӣ дар замимаи 1, ҷадвали 1-уми диссертатсияи мазкур мураттаб сохта шудаанд. Аз ҷумла, тафсилоти бештари андешаҳои Кайковус оид ба риояи сарфаю сариштакорӣ дар оила дар замимаи 1, ҷадвали 1 инъикос гардидаанд.

### 1.3 Ақидаҳои педагогии Муҳаммад Ғаззолӣ дар бораи арзишҳои оиладории халқи тоҷик

Абуҳомид Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолии Тӯсӣ яке аз мутафаккирони намоёни асри XI-и илму адаби халқи тоҷик ба шумор меравад. Ин бузургмарди илму адаби тоҷик дар соли 450 ҳиҷрӣ-қамарӣ (1058-1059) дар рустои Тобирони Тӯс таваллуд шуда, овони кӯдакию ҷавониашро ба донишандӯзию ҷаҳонгардӣ сарф кардааст. Падари Ғаззолӣ порсомарди суфимаслак буда, ба касби ғаззолӣ ё нахи пашмфурӯшӣ машғул буд. Абуҳомид Ғаззолӣ барои поксозии руҳ ва эҷоди осори илмӣ аз синни 39 солагӣ то поёни умр гӯшанишиниро ихтиёр мекунад.

Ғаззолӣ дар синни 40 солагӣ дар соҳаи илмҳои исломӣ саромади донишмандону орифони даврони хеш гардид. Бо эҷоди осори пурқиммат Ғаззолӣ дар қолаби анвои илмҳои дини мубини ислом руҳи тоза дамида, бо шарофати ибрози андешаҳои бикр дар тасаввуфу ирфон, фалсафаю калом, равоншиносию ахлоқ ва улуми тарбия навгониҳо ворид намуд.

Тавре ки аз забони мусаҳҳеҳи ҷилдҳои 1-2-юми асари Ғаззолӣ «Кимиёи саодат» бармеояд, «нахустин ховаршиносе, ки дар китоби хеш зери унвони «Тартиби таърихии муаллафоти Ғаззолӣ» сухан гуфтааст,  замони таълифи осори Ғаззолиро дар чаҳор марҳила ба-дин тартиб танзим кардааст:

Марҳилаи аввал – (478 то 484 ҳ.қ.) «Китобу-л-ваҷиз»-и Ғаззолӣ дар ин марҳила таълиф шудааст.

Марҳилаи дуввум – (484 то 488 ҳ.қ.) Ғаззолӣ дар он китобҳои «Мақосиду-л-фалосифа» ва «Таҳофуту-л-фалосифа» ва «ал-Иқтисод фӣ-л эътиқод» ва «Фазоеҳу-л-ботиния»-ро навишт.

Марҳилаи севвум – (489 то 495 ҳ.қ.) Ғаззолӣ дар ин солҳо «Эҳёу улуми-д-дин»-ро, ки қаблан оғоз намуда буд, ба анҷом расонида ва китобҳои «ал-Мустасфо» дар усули  фиқҳ ва «Кимиёи саодат» ва «Минҳоҷу-л-обидин ило ҷаннати Рабби-л-оламин»-ро навишт.

Марҳилаи чорум – (аз соли 495 ҳиҷрӣ оғоз мешавад ва дар соли 505 ҳиҷрӣ дар шаҳри Тӯс бо марг поён мепазирад), Ғаззолӣ дар ин солҳо ба нигориши китобҳои «Меъёру-л-илм» ва «Маҳакку –н-назар» ва «ал-Мақсаду-л-асно фӣ шарҳи асмои-л-Лоҳи-л-ҳусно» ва «ал-Аҷвибату-л-мускита» ва «ал-Мунқиз мина-з-залол» ва «Илҷому-л—авом ва теъдоде китобу рисолаи дигар пардохтааст [3, 68].

Дар бораи шумораи асарҳои мутафаккир андешаҳо гуногун буда, ин мавзуи таҳқиқоти алоҳида мебошад.

Бо назардошти арзиши баланди илмию амалии мероси эҷодии Абуҳомид Ғаззолӣ муҳаққиқони хориҷию ватанӣ кайҳост, ки ба омӯзишу таҳлили илмии мероси маънавии номбурда таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Айни замон ҷанбаҳои гуногуни мероси эҷодии Ғаззолӣ, масъалаҳои марбут ба

ҷаҳонбинии мутафаккир ва хусусиятҳои афкори педагогӣ-дидактикии ӯ аз ҷониби муҳаққиқони русзабон А.Е. Кримский, В.В. Бартолд, Е.Э. Бертелс, И.П. Петрушевский, С.Н. Григорян, А.А.Игнатенко, Н. С. Кирабаев, Г.М. Керимов, А.Э. Шмидт, В.В. Наумкин ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Бузургии шахсият ва арзиши баландии илмии мероси Абуҳомид Ғаззолиро муҳаққиқони варзидаи Шарқу Ғарб Анри Корбэн, Ҷам Хидев, Ҳ.У. Волфсон, Г. Фон Грюнебаум, Ф. Роузентал, Асин Паласиос, Морис Буиж, Мишел Аллар, Р. Гоше, Д. Макдоналд, Голдзиҳер, Л. Масинён, М. Иқбол, Алиасғари Ҳалабӣ, Муртазо  Мударрисии Гелонӣ,  Ором Аҳмад, М. Шариф, Муҳаммад Мехти Алам,  Забеҳулло Сафо, Саид Нафисӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Ғ.И. Динонӣ, Ҳанно Фохурӣ, Абуато ар-Рифоҳӣ, ал-Олусӣ, Иброҳим ал-Катан, Халил Ҷарр, Сайид Ҳусайн Наср, Абдураҳмони Бадавӣ, Амин Усмон, С. Салҷуқӣ, Ф. Сулаймон ва дигарон дар осори хеш инъикос намудаанд.

Дар ин радиф аз олимону мутахассисони тоҷик  Б.Ғ. Ғафуров, А.М. Баҳоваддинов, М.С. Осимӣ,  М. Диноршоев, А.А. Шамолов, З. Вазиров, З. М. Диноршоева,  К. Қодиров, Қ. Т. Хоҷаев,  Г.М. Каримова метавон ёдовар шуд, ки ҳаёту фаъолияти эҷодии  Абуҳомид Ғаззолӣ, аз ҷумла, афкори педагогӣ ва панду ахлоқию тарбиявии ӯро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Аммо аз ин анбӯҳи бузурги адабиёти илмӣ асари ҷудогона ё таҳқиқоти алоҳидаеро ёфтан душвор аст, ки мустақиман ба масъалаи арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии Абуҳомид Ғаззолӣ бахшида шуда бошад. Зеро дар мероси ин абармарди барҷастаи илми тоҷик дар баробари таълимоти пурарзиш оид ба илмҳои гуногун афкори педагогӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Новобаста аз умри нисбатан кӯтоҳ (1058-1111), ин чеҳраи намоёни илму фарҳанг аз худ мероси гаронарзише оид масъалаҳои алоҳидаи фалсафа, дин, тасаввуф, суханварӣ, ахлоқ ва таълиму тарбия боқӣ гузоштааст, ки онҳо имрӯз низ аҳамияти худро барои рушди илму фарҳанг ва низоми муосири таълиму тарбия гум накардаанд.

Муҳаққиқ Н.С. Кирабаев дар заминаи таҳлили илмии асари Ғаззолӣ «Эҳёи-улум-ад-дин» масъалаҳои вобаста ба тарзу усулҳои тарбияи инсони комилро мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор додааст. Ба андешаи Н.С. Кирабаев Ғаззолӣ расидан ба сатҳи инсони комилро тавассути худтакмилдиҳии маънавию ахлоқӣ муайян карда, зинаи олии камолотро дарёфти ҳақиқат, маърифати яқинӣ арзёбӣ карда, сарҷумлаи кимиёи саодати абадиро дар рӯй гардонидан аз ин дунё ва рӯй овардан ба Худои Таъоло муайян кардааст [60, 84]. Аммо Н.С. Кирабаев марҳилаҳое, ки Ғаззолӣ тавассути озмоиш ва азобу ранҷ расидан ба ҳадди инсони комилро муайян кардааст, ба қадри кофӣ таҳлил накардааст.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқи араб Усмон Амин «Ахлоқ дар таълимоти Ал-Ғаззолӣ» таваҷҷуҳи асосӣ ба моҳияти арзишҳои ахлоқӣ зоҳир гардида, барои ошкор намудани нақши хирад ва ахлоқ дар раванди тарбия мусоидат менамояд.

Дар мақолаи Муҳаммад Мехти Алам – «Ал-Ғаззолӣ дар бораи ҳасад» паҳлуҳои ахлоқию равонии ин сифати бади инсонӣ баррасӣ гардида, аммо муҳаққиқ то ба охир аз уҳдаи таҳлили тамоми ҷанбаҳои ҳасад ва ошкор намудани решаҳои гносеологии он баромада натавонистааст.

Муҳаққиқи дигар Ф. Сулаймон дар таҳқиқоти хеш - «Ал-Ғаззолӣ андар боби тарбия» баъзе ғояҳои ахлоқии мутафаккирро ба риштаи таҳқиқ кашида, ҷойгоҳи онҳоро дар раванди тарбия муайян ва онҳоро ҳамчун консепсияи томи назариявӣ арзёбӣ кардааст.

Дар байни муҳаққиқони араб Муҳаммади Абул-Қосим дар таҳқиқи афкори ахлоқию педагогии Ғаззолӣ хизмати арзанда анҷом додааст. Номбурда дар таҳқиқоти худ таҳти унвони «Имом Ғаззолӣ – муаллим ва тарбиятгар» таълимоти мутафаккирро дар партави тамоюлоти муосири дини мубини ислом мавриди таҳқиқ қарор дода, зикр менамояд, ки масъалаи меҳварӣ барои имом Ғаззолӣ дар марҳилаи зиндагии суфиёнааш ин ободии охират барои ҳар як инсони огоҳ аз аҳкоми шариат мебошад.

Аз пажӯҳишҳое, ки муҳаққиқони тоҷик ба таҳлили афкори педагогии Ғаззолӣ бахшидаанд, метавон рисолаи доктории Қ.Т. Хоҷаев «Педагогические взгляды мыслителей таджикского народа в XI веке» (Душанбе, 2010.- 273 с.-ро номбар намуд, [114] ки аз боби 4-уми он чор зербоб бевосита ба таҳлили афкори педагогии Абуҳомид Ғаззолӣ дар мисоли асари безаволи ӯ «Кимиёи саодат» бахшида шуда, муҳаққиқ дар раванди омӯзиш ба масъалаҳои ақидаҳои педагогии мутафаккир, таълимоти номбурда оид ба некукорӣ, адолат, тарбияи муҳаббат ва дӯстӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст [114].

Олими тоҷик Қ. Қодиров дар рисолаи илмии хеш [111] як бахши алоҳидаро ба мавзуи доктринаи ахлоқи суфизм дар «Эҳёу улуми-д-дин»-и имом Ғаззолӣ бахшида, аксарияти масъалаҳои марбут ба ахлоқ, аз ҷумла, роҳҳои худтакмилдиҳии инсон ва андӯхти сифатҳои ҳамидаи инсонро, ки Ғаззолӣ дар асари номбурда инъикос намудааст, ҳамаҷониба таҳлил кардааст.

Осори мазҳабию фалсафии Ғаззолӣ дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба ва хулосаҳои мантиқии мутафаккир оид ба чор мазҳаби дини ислом ва тамоми шаклҳои маърифати инсон дар шинохти ҳақиқати дин навиштааст ва баъзе фарқиятҳое, ки дар муқоиса бо мазҳабҳои дигар ба назар мерасанд, асосан ба масъалаҳои зоҳирии ибодат, аз қабили одоби таҳорату никоҳ ва амсоли ин аст.

Консепсияи никоҳи Муҳаммад Ғаззолӣ – кафолати бунёди оилаи солим ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ буда, таҳқиқу баррасии он аз нигоҳи илмӣ аз аҳамият холӣ нест.

Яке аз асарҳои машҳуртарине, ки боиси маъруфияти Ғаззолӣ дар олами ислом ва берун аз он гардид, ин китоби фиқҳӣ, ахлоқию тарбиявӣ ва ирфонии ӯ «Кимиёи саодат» мебошад, ки дар он масъалаҳои худошиносию хештаншиносӣ, дунёшиносиву охиратшиносӣ ва чаҳор рукн-ибодату муомалот ва муҳликоту мунҷиёт мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Андар боби арзиши «Кимиёи саодат» андешаронӣ намуда, муҳаққиқон онро дар як поя ба асари машҳури ӯ «Эҳёу улуми-д-дин» гузошта, қайд кардаанд, ки «Наздик буд, ки «Эҳё» Қуръоне шавад», «Агар улуми исломӣ

нобуд шавад, ҳамаро метавон аз китоби «Эҳё» берун кашид». Ин ду ситоиш ва ситоишҳои дигаре, ки аз китоби арзандаи «Эҳёу улуми-д-дин»-и Ғаззолӣ шудааст, дар мавриди «Кимиёи саодат»-и вай низ содиқ аст. Чун «Кимиёи саодат чакидае аст аз китоби бузурги «Эҳёу улуми-д-дин» бо афзуну костӣ, ки метавон гуфт: Ғаззолӣ онро бо ҳамон назму тартиб, бо насре равону зебо, бо забони модарии худ навиштааст, ки донишварон онро доирату-л-маорифи исломию ирфонӣ ба шумор овардаанд [3, 75].

Тавре ки худи Абуҳомид Ғаззолӣ дар дебочаи асараш «Кимиёи саодат» менигорад, «Ва чун гавҳари одамӣ дар аввали офариниш ноқису хасис аст, мумкин нагардад вайро аз ин нуқсон ба дараҷаи камол расонидан, илло ба муҷоҳадату муолаҷа» [3, 85-86].

Ба андешаи Ғаззолӣ барои ба камол расонидани инсон, махсусан, дар самти тарбияи ахлоқиву маънавӣ ҷидду ҷаҳд ва азму талоши зиёд лозим аст. Мурод аз ин ҷаҳду талош ба саодат расонидани инсон аст. Бо назардошти ин, кори басо нозук ва заҳматталаб аст, ки Ғаззолӣ онро ба илми кимиё шабоҳат додааст, ки он новобаста аз пешрафту дастовардҳо қодир нест, ки «мису биринҷро ба сафои зари холис расонад», ба ҳамин монанд душвор аст, ки «гавҳари одамиро аз хиссати баҳимият ба сафою нафосати малакийят расонад, то бад-он саодати абадӣ ёбад» [3, 85-86]. Адиб асари хешро бо ҳамин мақсад «Кимиёи саодат» номидааст, ки аз он шарҳу тафсири илми тарбияи инсон (ё ба ибораи Ғаззолӣ «шарҳи ахлоти ин кимиё»- О.Т.) ва ба ҳадди саодати абадӣ расонидани ӯро дарёфтан мумкин аст.

Дар ин радиф, таҳқиқоти мо низ танҳо як кӯшиши ошкор намудани моҳияти афкори педагогии ахлоқии имом Ғаззолӣ дар боби ташаккули он арзишҳоест, ки дар асари безаволи ӯ «Кимиёи саодат» инъикос ёфта, ба бунёду пойдории оила мусоидат намуда, ба ин васила, саодати дунявии ҳайати оиларо таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои пурқимати Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ дар замимаи 2, ҷадвали 2-и диссертатсияи мазкур мураттаб сохта шудаанд.

Ҳадафи мо таҳлили тамоми осори мутафаккир нест, зеро ин гуна масъалагузорӣ аз доираи вазифаҳои таҳқиқоти мо берун аст.

Интихоби «Кимиёи саодат» ба сифати объекти таҳлили афкори педагогию дидактикии Ғаззолӣ аз он вобаста аст, ки асари номбурда хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар он муаллиф тавонистааст тамоми дастовардҳои афкори педагогии антиқӣ ва асримиёнагиро дар омезиши ногусастанӣ бо андешаҳои пурқимати худ оид ба проблемаҳои ахлоқию тарбиявӣ, аз ҷумла, дар боби ташаккули арзишҳои оилавӣ, фаро гирад.

Бузургии неруи ақлонии имом Ғаззолӣ дар он зоҳир мегардад, ки новобаста ба «ноқисию хасисӣ»-и инсон [3, 85-86], вай дар такя ба хиради инсон эътимод дорад, ки бо ҷидду ҷаҳд, тавассути таълиму тарбия ноқисиҳои инсонро бартараф намуда, вайро ҳадди баландтарин камолоти ин дунёву охират расонидан имконпазир аст. Ба андешаи мутафаккир, ин кори осон нест, аммо бо ҷаҳду талоши худи инсон ва тарбиятгар зинаҳои камолот тадриҷан тай хоҳанд шуд, танҳо дар ҳамин маврид тазоди барҷаста миёни инсони ноқису маъюб ва инсони комил баръало намоён мегардад. Яъне, эътимод ба неруи бузурги хиради инсон ба принсипи асосии маънавӣ ва мавқеи иҷтимоии мутафаккир табдил ёфтааст.

Тавре ки Қ.Т. Хоҷаев қайд мекунад «ба андешаи Ғаззолӣ, инсони комил воқеияти мутлақ аст. Ӯ ғояи тасаввуфии ашъаияро оид ба инсони комил такмил дода, зикр менамояд, ки ҳама гуна инсони парҳезкор ва аҳлоқан вайроннашуда метавонад барои мартаба ва дараҷаи инсони комил талош варзад, зеро ҳар инсон тибқи андому таъйиноти худ тавассути худшиносӣ барои дарки моҳияти Илоҳӣ офарида шудааст» [114, 214].

Дар қисми «Китоби аркони мусулмонӣ»-и асари «Кимиёи саодат» - и Ғаззолӣ рукни аввал «Дар ибодат» ва рукни дувум «Дар муомалат», яъне, рафтору муомила бо дигарон унвон дорад. Барои таҳқиқоти мо, ки ба масъалаи арзишҳои оиладорӣ бахшида шудааст, рукни дувум аҳамияти бештар дорад. Зеро ин қисми асар, яъне, рукни дувум дар навбати худ боз ба 10 асли зерин ҷудо мешавад, ки баъзе аз аслҳо, аз ҷумла, асли аввал: «Одоби

таом хӯрдан»; асли дувум –«Одоби никоҳ», асли севвум – «Одоби касбу тиҷорат», асли панҷум «Одоби суҳбат бо халқ», асли ҳаштум – «Одоби самоъ», яъне, гӯш кардан мустақиман ба масъалаҳои тарбияи фарзандон дар оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ бахшида шудаанд.

Дар мавриди яке аз арзишҳои муҳимтарини оиладорӣ – *никоҳ* Ғаззолӣ нигоҳи хосса дошта, аксарияти андешаҳои ӯ, ба истиснои онҳое, ки имрӯз ба талаботи ҷомеаи дунявии Тоҷикистон созгор нест, аҳамияти ахлоқию тарбиявии худро гум накардаанд. Ҳамин тавр, дар боби «Одоби никоҳ» мутафаккир қайд мекунад, ки чӣ тавре ки бақои ҳаёти инсон бе шаробу таом мумкин нест, «пас ҳамчунин ба бақои ҷинси одамӣ ва насли вай ҳоҷат аст ва ин бе никоҳ мумкин нест. Пас, никоҳ сабаби асли вуҷуд аст ва таом сабаби бақои вуҷуд аст» [3, 380].

Воқеан, оила ҳамчун ниҳоди хурди иҷтимоӣ асосан ба никоҳ асос ёфта, яке аз арзишҳои муҳим дар ҳаёти ҳар як инсон ба ҳисоб меравад. Новобаста аз он ки имрӯз як зумра ҷавонон пеш аз ҳама, барои ба даст овардани вазъи созгори моддӣ, соҳиб шудан ба мавқеи баланд дар фаъолияти меҳнатию касбӣ талош меварзанд, оила дар роҳи ҳаётӣ ҳамоно ба сифати тамоили асосии шахс боқӣ мемонад. Бо ибораи дигар, оила самти асосӣ, муҳим ва ба иҷтимоиёт нигаронидашудаи ҳаёту фаъолияти инсон ба шумор рафта, дар муҳити он инсон ба олами ҳастӣ чашм кушода, ба камол мерасад, соҳиби хулқу атвори муайян гардида, дар он раванди иҷтимоишавии шахс ҷараён мегирад. Аз ин рӯ, барои танзими муносибатҳо дар доираи оила никоҳ нақши калидиро мебозад. Бе никоҳ оила моҳият ва арзиши иҷтимоии худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, дарки моҳият ва арзиши иҷтимоии оила яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ба шумор меравад.

Дар «Кимиёи саодат» Ғаззолӣ панҷ манфиати (савоби) зерини никоҳро барои пойдории оила зикр намудааст:

Якум, «манфиати аввал, дар фарзанд аст». [3, 381-382]. Ба андешаи мутафаккир, никоҳ ба хотири шаҳват нест, балки яке аз манфиатҳои муҳими он фарзанд, яъне, бақои насли инсон аст ва агар фарзанд солеҳ бошад, падару

модарро нигаҳбон мешавад ва пас аз фавтиданашон онҳоро бо дуо ёд мекунад. Барои тақвияти андешаи хеш дар боби манфиати иҷтимоии никоҳ Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» аз ҳикояту ривоёти зиёд истифода бурдааст, ки онҳо барои дарки моҳияти масъалаи матраҳшаванда бағоят муҳим мебошанд.

Дуюм, никоҳшаванда «дини худро дар ҳисор кунад ва шаҳватро, ки олати Шайтон аст, аз хеш боз кунад» [3, 383].

Ба андешаи Ғаззолӣ, бо шарофати никоҳ инсон «чашм аз назару дил аз васваса» нигоҳ медорад. Дар ин маврид, мутафаккир бо зикри андешаи «дини худро дар ҳисор кунад», ба ҳифзи арзишҳои динию ахлоқӣ ишора кардааст. Муҳимтар аз ҳама, ба ақидаи ӯ никоҳ бояд барои барпо кардани оила, ба дунё овардани фарзандон ва тарбияи онҳо бошад, на аз баҳри шаҳват.

Бунёду пойдорӣ ва устувории оила ба омилҳои гуногуни ба ҳам алоқаманд вобаста мебошад. Аз ҷумла, онҳое, ки азми бунёди оиларо доранд, бояд оид ба моҳияту ҳадафи бунёди оилаи муосир, чигунагии муносибатҳои оилавӣ, уҳдадориҳои тарафайн дар оила, масъулияти падарию модарӣ ва амсоли инҳо тасаввурот дошта бошанд. Яке аз омилҳои муҳими бунёди оила ин ҷаҳду талош баҳри хушбахт шудан аст. Хушбахтӣ дар оила дар мавриде муяссар мегардад, ки агар ҳамаи аъзои оила ба он ноил гарданд.

Сеюм, «унс бошад ба дидори занон ва роҳате, ки дилро ҳосил ояд…» [3, 384]. «Ва бӯи хуши занон барои осоиши тан, то қуввати он ёбад, ки ба намоз расад…» [3, 385]. Ба ақидаи Ғаззолӣ, бо шарофати никоҳ ва бо унс гирифтан ба дидори ҳамсари хеш қалбу равони шавҳар роҳат меёбанд ва туфайли чунин осоиш дар қалби вай рағбати ибодат тоза мегардад, ҷисми ӯ барои намозу ибодат ва меҳнат ҷиҳати таъмину осоиши оила нерумандтар мегардад. Дар ин маврид низ мутафаккир на танҳо оид ба осоиши равонии инсон, ки бо шарофати никоҳ тавассути ҷимоъ ҳосил мегардад, балки нисбат ба манфиате, ки дар маҷмуъ, ба руҳу равон ва ҷисм мерасад, ибрози андеша намуда, бартарияти никоҳи қонуниро нисбат ба муносибатҳои бенизоми ҷинсӣ ва аҳамияти онро барои бунёду пойдории оила басо дақиқу равшан нишон додааст.

Чорум, «зан тимори хона бидорад ва кори пухтану рӯфтану шустан кифоят кунад, ки агар мард бад-ин машғул шавад, аз илму амалу ибодат бозмонад» [3, 385]. Ба андешаи Ғаззолӣ, бад-ин сабаб зан дар кору зиндагӣ ва роҳи дин такягоҳи мард мебошад. Воқеан, зани вафодор ва оқилаву доно дар баробари фаъолияти меҳнатӣ, нигоҳубин ва тарбияи фарзандон дар корҳои ҳамарӯза пайваста ба мард кумак расонида, бо маслиҳатҳои муфид роҳҳои ҳалли мушкилоти зиндагиро нишон медиҳад, дар лаҳзаҳои навмедӣ ва ҳассоси зиндагӣ бо лутфу меҳрубонӣ ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Баъзан, дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ, маҳз мавҷуд набудани якдигарфаҳмию дастгирии ҳамдигар боиси аз байн рафтани оилаҳо мегардад. Ҳол он ки бо шарофати лутфу меҳрубонӣ ва ҳузури зан дар лаҳзаҳои гуногуни ҳаёт мард имкон пайдо мекунад, ки ба ҳалли масъалаҳои таъминоти моддию маънавии оила, корҳои илмию эҷодӣ ва дигар ухдадориҳои ба зиммаш вогузошта дилпурона машғул шавад. Дастгирии тарафайн, ҳамкориву якдигарфаҳмӣ дар оила барои пойдории оила, иҷрои самарабахши функсияҳои иҷтимоии он дар ҷомеа ва ташаккули арзишҳои нави оиладорӣ дар замири тамоми аъзои он, бахусус, насли наврас мусоидат менамояд.

Панҷум, «сабр кардан бар ахлоқи занон ва кифоят кардани муҳиммоти эшон ва нигоҳ доштани эшон бар роҳи шаръ» [3, 385]. Ин андешаҳои пурқиммати Ғаззолӣ барои дарки моҳияти иҷтимоӣ ва арзиши баланди ахлоқии никоҳ дар ҷомеаи имрӯза, аҳамияти никоҳ барои идомаи насли солими оянда ва пешгирии ҳодисаҳои нангини фоҳишагӣ, ҷудошавии оилаҳо, аз ҷумла, оилаҳои ҷавон, таваллуди фарзандоне, ки берун аз никоҳ таваллуд мешаванд, бағоят муҳим аст. Тавре ки Президенти мамлакат қайд намуд, масъалае, ки имрӯз дар Тоҷикистон «боиси ташвиши аҳли ҷомеа гардидааст, ҷудо шудани оилаҳои ҷавон мебошад.

Мутаассифона, баъзе падару модарон ба фарзандони худ аксари масъалаҳои ҳаётӣ, аз ҷумла, моҳияти никоҳ ва нозукиҳои зиндагиро намефаҳмонанд, ба ибораи Ибни Сино, тадбири манзилро ёд надода, ҳамаи онро ба худи духтарон ҳавола менамоянд ва дар шуури онҳо ҳисси

таҳаммулгароӣ ва сабуриву пуртоқатиро ташаккул намедиҳанд. Дар натиҷа, чунин духтарон бе тайёрии оилавӣ ба шавҳар мебароянд ва ба мушкилоти хонаводагӣ тоб наоварда, хонавайрон мешаванд» [142].

Андар боби  сифатҳои никоҳ бо занон мутафаккир 8 сифатро зикр намудааст. Мо аз шарҳи муфассали сифатҳои мазкури никоҳ, ки аксаран моҳияти динӣ доранд, худдорӣ намуда, танҳо оид ба сифатҳои ҳафтум ва ҳаштуми никоҳ, ки имрӯз барои бунёду пойдории оилаи солим аҳамияти бештар доранд, ибрози назар мекунем. Масалан, ҳангоми тавсифи сифати ҳафтум зикр мекунад, ки зан «аз насаби муҳтарам бошад ва он насаби дину салоҳ бошад, ки бе асл адаб ноёфта бувад ва ахлоқи нописандида дорад ва бошад, ки хулқ ба фарзанд сироят кунад» [3, 392]. Яъне, агар аслу насаби зан аз оилаи соҳибэҳтиром ва аз дину шариат огоҳ бошад, ин омил ба хулқу рафтори фарзандон таъсири мусбӣ мерасонад, вале агар зан аз хонадони бетарбия бошад ё ахлоқи вай нописандида, пас таъсири он ба рафтору кирдори насли наврас ҳатман манфӣ хоҳад буд. Муҳиммияти андешаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар ниҳояти кор фарзандони бетарбия дар оянда ба бунёди оилаи солим мусоидат нахоҳанд кард.  Аз ин рӯ, ҷомеа ҳамеша манфиатдор аст, ки тамоми аъзои оила дорои ахлоқи ҳамида бошанд, зеро дар оянда ҳар кадом бунёдгузори оилае хоҳанд буд.

Воқеан, зан-модар аввалин муаллим ва мураббии фарзанд аст. Бинобар ин, зан-модар бояд бомаърифат, хушодобу хушрафтор, хушпиндору хушрафтор бошад ва барои ба ҳаёти мустақилона омода кардани фарзандон, тарбияи намунавии онҳо нақши калидӣ мебозад. Фарзанде, ки аз чунин модар панду насиҳат мешунавад, дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия ёфта, ба қадри Ватан, таъриху фарҳанги аҷдодӣ, забони модарӣ ва дигар муқаддасоти миллати худ мерасад.

Яке аз масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, ки ба бунёду пойдории оилаи муосир таъсир манфӣ мерасонад, ин никоҳи хешутаборӣ мебошад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки

«Донишмандони соҳаи генетика ва тибби тоҷик сабаби бемориҳои солҳои охирро ба никоҳи хешутабории наздик мансуб дониста, тамоюли рӯ ба афзоиш будани онро илман исбот намудаанд» [142]. Аз ин рӯ, омӯзиш ва муайян намудани ҷойгоҳи ин масъала, яъне, никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он дар афкори илмию педагогии мутафакккирони тоҷику форс барои солимии равонию ҷисмонии насли наврас бағоят муҳим мебошад.

Вобаста ба ин, зимни арзёбии сифати ҳаштуми никоҳ Ғаззолӣ дар асараш «Кимиёи саодат» қайд мекунад, ки зан «аз хешовандони наздик набувад, ки дар хабар аст, ки фарзанд аз он заиф ояд. Ва магар сабаб он бошад, ки шаҳват дар ҳаққи хешовандон заифтар бувад» [3, 392]. Дар ҳақиқат, илми муосири тиб оқибатҳои зарарноки никоҳи хешутабории наздикро собит намуда, муҳаққиқони соҳа яке аз сабабҳои таваллуди кӯдакони дорои ноқисиҳои зеҳниву ҷисмониро маҳз дар ҳамин арзёбӣ мекунанд.

Дар асноди меъёрии ҳуқуқӣ оид ба оила ва никоҳ дар ин маврид аз муоинаи тиббӣ ба таври ихтиёрӣ гузаштанро пешбинӣ гардидааст, вале баъзан ҷавонон тадбири мазкурро истисно карда, ба оқибатҳои ҳузнангези он – таваллуди фарзандони аз ҷиҳати ақливу ҷисмонӣ ноқис дучор меоянд. Дар мавриди риояи талаботи мазкур аз ҷониби арусшаванда ва домоди оянда онҳо барои бунёду устувории боз як оилаи солиму хушбахт дар ҷомеа заминаи воқеӣ фароҳам меоранд.

Вале, таҳлилу мушоҳидаҳо собит менамоянд, ки солҳои охир дар Тоҷикистон шумораи никоҳҳои хешутаборӣ афзуда, дар ин замина таваллуди кӯдакони дорои ноқисиҳои равонию ҷисмонӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Масалан, тибқи маълумоти оморӣ «аз 165 ҳазор маъюбе, ки дар кишвар ба қайд гирифта шудааст, 35 фоизаш ба иллати никоҳи хешутабории наздик ба миён омадааст» [142].

Дар масъалаи пешгирии ҳолатҳои никоҳи хешутаборӣ андешаҳои Муҳаммад Ғаззолӣ аз ақидаҳои Унсурулмаолии Кайковус тафовут надоранд,

онҳо якҷоя оид ба никоҳи хешутаборӣ, пешгирии оқибатҳои ҳузнангези ин падидаи номатлуб як тасаввуроти мукаммалро ташкил медиҳанд.

Тарбияи садоқат, муҳаббату вафодорӣ ҳамчун арзиши маънавӣ, аз ҷумла арзиши оиладорӣ дар таълимоти имом Ғаззолӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар ин маврид мутафаккир аз забони Ибни ал-Муборак чунин ҳикоятеро мисол меорад: «Ва Ибни ал-Муборак дар ғазв буд бо тоифае аз бузургон. Касе пурсид, ки ҳеҷ амал ҳаст фозилтар аз ин, ки мо бад-он машғулем? Гуфтанд: «Ҳеҷ чиз фозилтар аз ин намедонем». Ибни ал-Муборак гуфт: «Ман донам: касе, ки вайро иёлу фарзандон бошад ва эшонро дар салоҳ бидорад ва ба шаб аз хоб бедор шаваду кӯдаконро бараҳна бинаду ҷома бар эшон фаро кунад, он амали вай аз ин ғазви мо фозилтар» [3, 385-386]. Ба андешаи мутафаккир, ғамхорӣ нисбат ба аҳли хонавода, дар андешаи нафақаи хонавода будан аз садақа фозилтар аст ва касби ҳалол, ки натиҷааш фароҳам овардани луқмаи ҳалоли аҳли хонавода аст, кори абдол, яъне, наздикони Худованд аст.

Ҳамзамон, боби сеюми одоби никоҳро Ғаззолӣ «Дар одоби зиндагонӣ кардан бо занон аз аввали никоҳ то ба охир» унвон дода, бо ин муносибати худро нисбат ба яке аз фазилатҳои муҳими оиладорӣ – муҳаббати заношӯӣ иброз медорад ва нишон медиҳад, ки яке аз шартҳои муҳими оилаи солим ва пойдории он аз ибтидо то интиҳои никоҳ ва зиндагӣ кардан бо як ҳамсар аст. Аз ҷумла, вай менависад, ки «никоҳ асле аст аз усули дин, бояд ки одоби дин дар вай нигоҳ доранд, агар на, фарқ набошад, миёни никоҳи одамиёну гушнӣ кардани сутурон» [3, 392-393]. Бо чунин таъкид мутафаккир бори дигар муқаддас будани никоҳро ҳамчун яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ собит менамояд.

Алабатта, на ҳамаи одобу суннатҳои оиладорӣ, ки Ғаззолӣ зикр менамояд, созгори шароити ҷомеаи демокративу дунявӣ мебошанд. Зеро таълимоти Муҳаммад Ғаззолӣ асосан бар аҳкоми шариат, ақидаҳои қуръонӣ ҳадисҳо такя намуда, манфиати табақаеро, ки мутафаккир намояндаи он буд, ҳимоя мекунад ва ба вазъи иҷтимоӣ-фарҳангии замонаш робитаи зич доранд.

Аз ҷониби дигар, муносибати байниҳамдигарии зану шавҳар бо ҷузъиёту нозукиҳои зиёд дар шариати ислом ба таври муфассал инъикос ёфтааст. Тавре ки муҳаққиқон зикр намудаанд, - «ҳуқуқи зан дар хонавода бахши муҳим ва ҳассоси масъалаи ҷойгоҳи зан дар шариати исломӣ буда, дини мубини Ислом дар ин бахш таълимоти комилеро пешниҳод намудааст [121, 73]. Тибқи таълимоти мазкур мард вазифадор аст, ки занро дар тамоми марҳилаҳои ҳаёташ таҳти ғамхориву таъмин қарор диҳад. Ин ҳуқуқи занро мард дар доираи муносибатҳои хонаводагӣ амалӣ мегардонад. Аммо новобаста аз ин, робитаву вобастагиҳои таълимоти Ғаззолӣ бо дини мубини ислом аз  таълимоти ин абармарди илму ирфони тоҷик дар масъалаи оилаву оиладорӣ дурдонаҳои ратсионалиеро дарёфтан мумкин аст, ки аҳамияти бузурги тарбиявӣ дошта, дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ самари нек ба бор меоранд.

Мавриди зикр аст, ки Муҳаммад Ғаззолӣ масъалаи никоҳу оиладорӣ, шарту шароити бунёд ва пойдории оиларо нисбат ба Унсурулмаолии Кайковус ба маротиб амиқтар омӯхта, андешаҳои худро дар баробари овардани ҳикоёту гуфтори бузургону Пайғамбар (с), бо далелҳои шаръӣ ва дунявӣ низ асоснок намудааст.

Дар мавриди никоҳ Ғаззолӣ риояи 12 одоби зеринро зурур мешуморад, ки албатта, як қисми онҳо ба талаботи ҷомеаи дунявии Тоҷикистон созгор нестанд:

- адаби аввал – валима, яъне, зиёфат;

- адаби дувум – хӯи неку пеш гирифтан бо занон;

- адаби севум – «бо эшон бозӣ кунаду мазоҳ кунад, мард бояд хандон бувад, чун андарояд ва  хомӯш бувад чун, берун шавад ва ҳарчи биёбад, бихӯрад ва ҳар чи наёбад, напурсад» [3, 394].

- адаби чаҳорум он ки мазоҳу бозӣ бад-он ҳад нарасонад, ки ҳайбати вай ба ҷумлагӣ биафтад;

- адаби панҷум он аст, ки дар мавриди рашк эътидол нигоҳ дорад;

- адаби шашум - хароҷоти оиларо неку кунад, дар ин маврид андоза нигоҳ дорад, яъне, тавре ки худи Ғаззолӣ менависад – «нафақаи неку кунад ва танг фаро нагирад ва исроф низ накунад» [3, 397].

- адаби ҳафтум – ҳарчи занонро аз илми дин дар кори намозу таҳорат ва ҳайзу ғайри он ба кор ояд, биомӯзонад;

- адаби ҳаштум – агар ду зан дошта бошад, миёни онҳо баробар дорад;

- адаби нуҳум – агар зан аз фармони шавҳар саркашӣ кунад, дар ибтидо вайро ба тоат хонад, агар манфиат набахшад, се шаб аз вай ҷудо бихуспад, агар ин низ натиҷа надиҳад, пас «вайро бизанад ва ба рӯй назанад ва сахт назанад, чунон ки ҷое бишиканад» [3, 399].

- адаби даҳум – дар суҳбат кардан аст. Дар ин маврид мутафаккир мефармояд, ки «мард набояд, ки бар зан афтад чун сутур, бояд ки дар пеши суҳбат расуле бошад. Гуфтанд: «Он расул чист?» Гуфт: «Бӯса» [3, 399].

- адаби ёздаҳум – дар таваллуди фарзанд аст. Дар ин маврид низ Ғаззолӣ пас аз риояи аҳкоми шариат, таъкид мекунад, ки бояд падару модар ба фарзанд номи неку гузоранд.

Яке аз масъалаҳое, ки баъзан дар оилаҳои муосир боиси нофаҳмиву ноҷуриҳо дар оила мегардад, ин таваллуди духтар аст. Вобаста ба ин, мутафаккир қайд мекунад, ки «ба сабаби духтар кароҳият нанамояд ва ба сабаби писар шодии бисёр накунад, ки надонад, ки хайр дар кадом аст» [3, 401].

- адаби дувоздаҳум - «он ки то битавонад талоқ надиҳад, ки Худой Таъоло аз ҷумлаи мубоҳот талоқро душман дорад» [3, 402].

Яъне, Ғаззолӣ дар маъракаи никоҳ зиёфат доданро ҷонибдор буда, вале зиёфати сарфакоронаро дар назар дорад. Масъалаи дигар, ин муносибати нек доштан бо ҳамсар, меҳрубону хандонрӯй будан бо ӯ мебошад, вале мард, ба андешаи ӯ, ҳазлу шӯхиро набояд ба ҳадде расонад, ки аз он ҳайбаташ пеши зан коҳиш ёбад. Ба ақидаи ӯ, рашки мард бояд боэътидол бошад, зеро рашки аз эътидол берун метавонад боиси аз байн рафтани оила гардад. Мард ҳангоми таъмини нафақаи оила бояд андозаро нигоҳ дорад, дар ин маврид

тангдаст набошад, вале ба исрофкорӣ низ роҳ надиҳад. Адаби ҳафтуме, ки Ғаззолӣ дар мавриди никоҳ муқаррар кардааст, ин таълими динии занон мебошад. Мутафаккир қайд мекунад, ки агар мард бо ду зан никоҳ дошта бошад, вазифадор аст, ки миёни эшон баробариро риоя кунад. Агар зан аз фармони шавҳар саркашӣ кунад, аввал ӯро ба итоат кардан даъват кунад, агар натиҷае надиҳад, се шаб аз вай ҷудо бихобад, агар тадбири мазкур низ натиҷа надиҳад, пас ӯро бизанад, вале тавре бизанад, ки ягон аъзояш нашиканад. Дар боби суҳбат бо зан-ҳамсар Ғаззолӣ тавсия медиҳад, ки мард набояд дуруштӣ кунад, балки меҳрубону ҳалим бошад ва сароғози суҳбати мард бо зан, ба ақидаи ӯ бӯса аст, зеро он қалбро нарму гарм ва суҳбатро дилписанд мегардонад. Адаби дигари никоҳ ба таваллуди фарзанд робита дошта, риояи аҳкоми шариат ва номи неку гузоштан ба фарзандро тақозо мекунад. Таъкиди дигари мутафаккир оид ба таваллуди духтар дар оила аст. Ба ақидаи ӯ, падару модар аз таваллуди духтар набояд изҳори нороҳатию нафрат кунанд, зеро ҳанӯз маълум нест, ки оқибати кор чӣ гуна хоҳад шуд.

Дар радифи муҳиммиятҳои мазкури никоҳ бештар аз ҳама, одоби талоқ додан муҳимтар аст. Ғаззолӣ нисбат ба ин масъала аз нигоҳи ҳуқуқию ахлоқӣ муносибати хосса дорад. Ба андешаи номбурда, агар дар оила масъалаи талоқ ба миён ояд ва мард илоҷи дигаре надошта бошад, пас аз як талоқ беш надиҳад ва таъкид мекунад, ки дар ҳолати ҳайз талоқ додан макруҳ аст. Ба ақидаи ӯ, ҳангоми талоқ додан мард набояд хашму ғазаб кунад, балки ҳини талоқ ба зан ҳадяе бидиҳад, то аз дили вай ғамро зудояд, ҳамзамон сирри занро пинҳон дорад ва иллатеро, ки боиси талоқ гардидааст, ба касе ифшо накунад.

Муҳаммад Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» фасли алоҳидаро ба масъалаи ҳаққи шӯй бар зан бахшида, ҳамчун Ҳуҷат-ул-ислом онро дар партави талаботи шариат баррасӣ менамояд. Бинобар ин, аксари андешаҳои номбурда, вобаста ба ин, масъалаи басо нозуки ҳуқуқӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй нестанд, чунончи: «ҳаққи мард бар зан азимтар аст, ки вай ба ҳақиқат бандаи мард аст…занонро суҷуд фармудандӣ дар пеши мардон. Ва

ҳаққи мард бар зан он аст, ки дар хона бинишинад ва бе дастурии вай берун нашавад ва фаро дару бом нашавад ва бо ҳамсоягон мухолатату ҳадиси бисёр накунад…чун дӯсти шавҳари вай дар бикӯбад, чунон посух диҳад, ки вайро нашиносад ва аз ҷумлаи ошноёни шавҳар худро пӯшида дорад» [3, 402].

Дар шароити имрӯза яке аз омилҳои нопойдории оилаҳо, махсусан, оилаҳои камбизоат ин хароҷоти аз андоза зиёд дар мавриди барпо кардани тӯю маъракаҳо ва ҷашну маросими оилавӣ мебошад. Бо назардошти муҳимияти масъала бо ҳидоятҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қабул гардида, солҳои 2008, 2010, 2017 ба он тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд. Новобаста аз фишангҳои ҳуқуқӣ, имрӯз низ дар мамлакат оилаҳое мавҷуданд, ки талаботи қонунгузориро риоя намекунанд ва ин аксаран боиси касодии буҷети оилавӣ, бад гардидани сатҳи некуаҳволии аъзои оила, маҳдуд гардидани имконият барои истироҳату фароғат ва таҳсили фарзандон мегардад. Ҳол он ки қариб ҳазорсолҳо пеш аз ин мутафаккирони халқи тоҷик нисбати хароҷоти беҳуда ва исроф андешаҳои пурқимат иброз намудаанд.

Масалан, дар мавриди зиёфати тӯёна Ғаззолӣ ҷонибдори хароҷоти кам буда, дар «Кимиёи саодат» қайд менамояд, ки «Ва ҳар ки гӯсфанд надорад, он қадар таом, ки пеши дӯстон ниҳад, валима (яъне, зиёфат) бувад [3, 393].

Ҳамчун донишманди бузурги ҳуқуқи исломӣ Муҳаммад Ғаззолӣ дар боби риояи ҳуқуқи падару модар, фарзандон, хешовандон, ҳамсоягон ибрози назар намуда, боби севуми «Кимиёи саодат»-ро «Андар ҳуқуқи мусулмонону ҳамсоягону хешовандон ва бандагон» номгузорӣ кардааст.

Дар мавриди риояи ҳуқуқи падару модар ӯ қайд менамаояд, ки «бидон, ки ҳаққи эшон азимтар аст, ки наздикии эшон бештар аст» ва бо зикри суханони Расул (с) илова мекунад, ки – «некуӣ кардан бар модару падар фозилтар аз намозу рӯзаву ҳаҷ ва умраву ғазо» [3, 512]. Ба ақидаи Ғаззолӣ, ҳаққи падару модар барои фарзанд аз он ҷиҳат бузург аст, ки онҳо ба ӯ беш

аз дигарон наздику қарин мебошанд. Аз ин рӯ, вай некӣ кардан ба падару модарро фозилтар аз намозу рӯзаву ҳаҷ ва умраву ғазо арзёбӣ кардааст ва бо гузашти ҳазорсолаҳо ин панди мутафаккир ҳанӯз моҳияти иҷтимоӣ ва арзиши баланди тарбиявии худро гум накардааст.

Ба андешаи мутафаккир, ҳаққи падару модар аз ҳаққи фарзандон устувортар аст, аз ин рӯ, таъзими фарзандон бар волидайн воҷиб, яъне, ҳатмӣ буда, ҳатто Худованд онро ба ибодати хеш баробар кардааст. Умуман, дар таълимоти Ғаззолӣ эҳтироми падару модар, аз ҷумла, калонсолон мавқеи хос дошта, ба сифати яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ дар байни мардуми тоҷик дорои решаҳои амиқи таърихӣ мебошад. Мутафаккир зимни баррасии он аз номи Расул (с) илова мекунад, ки «Ҳар кӣ пирро ҳурмат надорад ва бар кӯдакон раҳмат накунад, аз мо нест» [3, 497].

Ҳамзамон, Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» ба яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ нақши муҳимро мебозад, яъне, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ибрози назар намуда, аз номи Анас (ра) суханони Расулро (с) меорад, тибқи он аввалин масъулияти падару модар дар самти таълиму тарбия аз синни хафтрӯза шудани фарзанд оғоз ёфта, тақозо мекунад, ки падару модар дар ин айём зиёфат ороста, ба фарзанд номи неку гузоранд, дар шашсолагӣ бояд ба адабомӯзӣ ва дар ҳафтсолагӣ ба намозгузории фарзанд машғул шуда, дар нуҳсолагӣ рахти хоби ӯро бояд ҷудо кунанд, агар даҳсола шуда, вале намоз нагузорад, танбеҳ диҳанд ва дар синни шонздаҳсолагӣ бояд писарро хонадор кунанд. Новобаста аз тафовутҳо, ки аслан ба масъалаҳои динӣ рабт доранд, дар маҷмуъ ин арзишҳо то имрӯз қиммати ахлоқию тарбиявии худро нигоҳ доштаанд.

Дар радифи риояи ҳуқуқи фарзанд ва масъулияти падару модар Муҳаммад Ғаззолӣ ба як арзиши бисёр муҳими оилавӣ – меҳру муҳаббат ва шафқати падару модар нисбат ба фарзанд ишора карда, таъкид мекунад, ки он суннат аст ва нисбат ба тамоми фарзандон бояд баробар бошад: «Ва аз ҳуқуқи фарзанд он аст, ки миёни эшон аз ато ва навохт баробар доранд ва кӯдаки худро навохтану бӯса додан суннат аст» [3, 513].

Мавриди зикри хос аст, ки мутафаккир ҳуқуқи фарзандро дар ҳамбастагӣ бо ҳуқуқи падару модар мавриди баррасӣ қарор дода, қайд мекунад, ки «бидон, ки яке аз Расул (с) пурсид, ки некуӣ бо кӣ кунам? Гуфт: «Бо модару падар». Гуфт: «Мурдаанд». Гуфт: «Бо фарзанд, ки ҳамчунон ки падарро ҳақ аст, фарзандро ҳақ аст» [4, 512].

Муҳаммад Ғаззолӣ дар осори хеш ба яке аз арзишҳои барои бунёду пойдории оила бағоят муҳим – якдигарфаҳмӣ ҳамчун омили муҳимтарини суботу пойдории оила ишора карда, онро ҳаққи ёздаҳуми мусулмон арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ, агар «ҳар ду мусулмон, ки бо якдигар ба ваҳшат бошанд, ҷаҳд кунад, то миёни эшон оштӣ афканад» [3, 499]. Агар ба сабабу омилҳои ҷудошавии оилаҳои муосирро таҳлил намоем, дар байни онҳо мавҷуд набудани якдигарфаҳмӣ миёни зану шавҳар мақоми аввалро соҳиб мешавад.

Яке аз арзишҳои муҳимтарине, ки нисбати он Муҳаммад Ғаззолӣ ибрози назар намудааст ва он имрӯз низ аҳамияти худро аз даст надодааст, ин пайдо кардани ҳуқуқи суҳбат ва дӯстию бародарӣ мебошад.

Ба андешаи мутафаккир, дар ҳар ду маврид, яъне, барои суҳбату дӯстӣ кардан инсон бояд ҳуқуқи маънавӣ дошта бошад, ё ба ибораи дигар, барои суҳбат кардан ва аҳди дӯстӣ бастан вай бояд ҳуқуқ пайдо кунад. «Бидон, ки акди бародарию суҳбат чун баста шуд, ҳамчун ақди никоҳ аст, ки вайро ҳуқуқ аст» [3, 482]. Муҳимтар аз ҳама, мутафаккир дар «Кимиёи саодат» 10 ҳаққи зерини аҳди бародариро муайян мекунад, ки онҳо дар мавриди муҳаббату якдигарфаҳмии миёни аъзои оила низ аҳамияти бағоят бузурги иҷтимоиро моликанд:

- ҳаққи аввал - мол аст ва бародар бояд ҳаққи бародари хешро тақдим кунад, мол миёни онҳо бояд муштарак бошад;

- ҳаққи дувум - дар ҳама ҳолатҳо бо дилу чеҳраи кушода ёрӣ расонидан ба бародар;

- ҳаққи севум - бар забон аст, бародар дар ҳаққи бародар бояд сухани нек гӯяд, ва айби ӯро пӯшида дорад, агар касе ғайби бародар нисбати ӯ сухане гӯяд, ҷавоб гардонад;

- ҳаққи чаҳорум - дар ҳузур ва ғайби бародар бо забон изҳори шафқату дӯстӣ кунад;

- ҳаққи панҷум - ба ҳар чӣ ки бародар ниёз дорад, аз ҷумла, дар масъалаи илму дониш ва дин вайро биёмӯзад, то бо ин роҳ тавонад бародари худро аз оташи дӯзах нигоҳ дорад;

- ҳаққи шашум - агар бародар саҳву гуноҳе содир кунад ва ё дар иҷрои ягон кору амал камбудиву нуқсон кунад, ӯро бояд авф кард;

- ҳаққи ҳафтум - он ки дӯсту бародари худ ва фарзандону аҳли байти вайро дар ин дунёву пас аз марг бо дуои нек ёд кунад;

- ҳаққи ҳаштум - вафодорӣ аст. Вафодорӣ на танҳо бо бародар, балки пас аз вафоти ӯ аз фарзандону аҳли хонаводаи бародар бохабар бошӣ;

- ҳаққи нуҳум - он ки бояд миёни бародарон самимияту ягонагӣ бошад;

- ҳаққи даҳум - бародар набояд худро аз бародарони дигар болотар ҳисобад.

Яке аз арзишҳои беҳамтои оилавӣ ин саломатии фарзандон аст, ки барои таъмини он саъю талоши беандоза зарур аст. Дар ин маврид низ Ғаззолӣ назари хос дорад. Вобаста ба ин, арзиши иҷтимоӣ, ки заминаи асосии ташаккули он дар оила гузошта мешавад, мутафаккир дар раванди баррасии масъалаи одоби таом хӯрдан қайд менамояд, ки «… мувозабат (саъю талоши доимӣ -О.Т.) бар илму амал бе саломатии тан мумкин нест…Пас, ҳар кӣ таом барои он хӯрад, то вайро қуввати илму амал бошад…» [3, 362-363].

Ба андешаи мутафаккир, инсон дар давоми як шабонарӯз бояд ҳашт соат бихобад. Чунин тарзи андеша ба тавсияҳои илми муосир оид ба давомнокии хоб мутобиқат мекунад. Аз андоза зиёд хуфтанро Ғаззолӣ зоеъи умр арзёбӣ намуда, таъкид мекунад, ки хоб «муаттили умр аст». Тавре ки зикр шуд, асли аввали китоби «Аркони мусулмонӣ» - «Одоби таом хӯрдан» унвон дошта,

мутафаккир зимни ҳаллу фасли ин масъала қайд менамояд, ки «ҳар ки таом барои он хӯрад, то вайро қуввати илму амал бошад» [4, 363].

Ба ақидаи Ғаззолӣ, таом хӯрдан аз роҳи дин буда, инсон набояд бо ҳарисию тамаъ хӯрок хӯрад, луқмаи ӯ бояд ҳалол ва ба андозаи ҳоҷат бошад, муҳимтар аз ҳама, одоби хӯрок хӯрданро риоя кунад. Зиёда аз ин, мутафаккир тақозо мекунад, ки бояд суннатҳои таомхӯрӣ пеш аз тановул, баъзе пас аз тановул ва баъзеи дигар ҳангоми хӯрдан риоя карда шаванд. Дар навбати худ одоби пеш аз хӯрок хӯрданро Ғаззолӣ ба ҳафт зинаи зерин ҷудо кардааст:

- аввал дасту даҳон шустан;

- дуюм - на ба хон, балки ба сурфа нигаристан;

- сеюм - ҳангоми хӯрдан неку нишастан;

- чорум - таомро на барои шаҳват, балки барои қуввати ибодат истеъмол кардан;

- панҷум - то гурусна нашудан даст ба таом набурдан;

- шашум - ба ҳар чизи дар хон буда қаноат кардан ва талаби таомҳои хуш накардан;

- ҳафтум-танҳо хӯрок нахӯрдан.

Ба ақидаи Ғаззолӣ, ниёзи таом хӯрдан бо дӯстон боиси зиёрати дӯст мешавад. Аммо бояд меҳмони нохонда набошӣ, ба истиснои ташриф ба «хонаи дӯсте, ки бар вай эътимод дорад ва аз дили вай огоҳ бувад, раво бошад, балки миёни дӯстон ин суннат аст» [3, 371]. Дар ин маврид низ мутафаккир одоби таом хӯрдан бо дӯстонро зикр намудааст.

Мутафаккир тавсия медиҳад, ки барои саломатии бардавом инсон таом бояд «ба қадри ҳоҷат хӯрад ва одоби таом хӯрдан нигоҳ дорад» [3, 363]. Ин тавсияи Ғаззолӣ дар мавриди рафъи яке аз мушкилоти асосии асри XXI – фарбеҳӣ, ки яке аз мушкилоти оилаи муосир, ҳамзамон боиси пайдоиши бемориҳои гуногун гардидааст, бағоят муҳим мебошад.

Ба андешаи Ғаззолӣ, саломатии инсон аз одоби таомхӯрӣ вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, вай таъкид мекунад, ки «Бидон, ки дар хӯрдан

суннатҳост: баъзе пеш аз хӯрдан ва баъзе пас аз он ва баъзе дар миёни хӯрдан» [3, 363].

Илова бар ин, мутафаккир дар асараш «Кимиёи саодат» ба таври муфассал одоби вақти хӯрдан, одоби об хӯрдан, одоби пас аз таом хӯрдан, одоби таом хӯрдан бо дигар кас, фазилатҳои таом хӯрдан бо дӯстон ва амсоли инро ба таври муфассал зикр намуда, дар ин мавридҳо риояи талаботи шариатро низ таъкид намудааст. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки «нишони он ки таом хӯрдан аз роҳи дин бувад, он бошад, ки ба шараҳ (ҳарисона -О.Т.) таом нахӯрад ва аз ҳалол хӯрад ва ба қадри ҳоҷат хӯрад ва одоби хӯрдан нигоҳ дорад» [3, 363].

Мусаллам аст, ки бо гузашти айём одоби таомхӯрӣ тағйиру такмил ёфта, дар ин самт дигаргуниҳо ба назар мерасанд, вале қисми муайяни андешаҳои Ғаззолӣ аҳамияти илмию амалии худро гум накардаанд. Таҳқиқ ва таҳлили интиқодии онҳо бешак, ба вусъати раванди ташаккул ва такомули арзишҳои оиладорӣ, аз ҷумла, ташаккули фарҳанги таомхӯрӣ ва дар ниҳояти кор, ба таъмини саломатии аҳли оила мусоидат хоҳанд кард.

Дар баробари қонеъгардонии ниёзҳои моддӣ Ғаззолӣ оид ба илм ва талаби илм кардан ва манфиати он андешаҳои ҷолиб баён намудааст.

Аз ҷумла, вай қайд менамояд, ки «… ғизои дил маърифат аст ва ҳарчанд беш бошад, беҳтар. Ва ғизои тан таом аст ва агар зиёдат аз ҳадди хеш бувад, сабаби ҳалок гардад» [3, 157-158].

Хулоса, бузургии ҳикмати Ғаззолӣ дар боби оилаву оиладорӣ аз он иборат аст, ки вай ҳар масъалаи ба оила ва оиладорӣ вобастаро бо тамоми ҷузъиёт, вале дар доираи аҳкоми шариат баррасӣ намуда, аз Қуръони карим ва ҳадисҳои Пайғамбари ислом мисолҳои арзандаву мушаххас меорад. Таҳлилу баррасии онҳо аз нигоҳи арзишҳои умумибашарӣ ва аҳамияти онҳо барои оилаи муосир ба мо имкон медиҳад, ки аз ин уқёнуси паҳновари афкору андеша барои дар муҳити хонаводаи имрӯза тарбия намудани ворисони арзандаи оянда дурдонаҳои асилро пайдо кунем.

Дар раванди таҳлили назариявии «Қобуснома»-и Кайковус ва «Кимиёи саодат»-и Ғаззолӣ дар боби ташаккули арзишҳои оиладорӣ мо умумияти зерини онҳоро ошкор намудем:

- асарҳои мазкур дар пайравӣ ба осори таълимиву тарбиявӣ ва андарзномаву насиҳатномаҳои даврони паҳлавӣ ва асарҳои тасаввуфӣ эҷод гардида, дар онҳо риояи аҳкоми шариат ҳатмӣ мебошад;

- дар асарҳои номбурда ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ба монанди никоҳ, вафодориву муҳаббат, меҳру садоқат, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва шафқати волидайн нисбат ба фарзандон, ғамхорӣ нисбат ба саломатӣ, илмомӯзиву донишандӯзӣ ва ахлоқи онҳо, донистани ҳаққи падару модар ва калонсолон, фарҳанги меҳмондорӣ дар оила, муносибати неку ба ҳамдигар ва ҳамсоягон, хешовандону дӯстон ва ростқавлӣ дар ҳамбастагӣ ба ғояи асосии таълимоти суфия - тарбияи «Инсони комил» бо забони сода ифода гардидааст;

- дар осори Кайковус ва Ғаззолӣ зарурати ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳам дар муҳити оила ва ҳам берун аз он таъкид шуда, ҳамзамон ҳамбастагии гусастанопазири ин раванд бо боварию эътиқод ба Худованд, тарбияи ахлоқи накӯ ва рафтору одоби писандида, таъмини солимӣ ва таълими касбу ҳунаромӯзии фарзандон нишон дода шудааст;

- дар афкори педагогии Ғаззолӣ ва Кайковус тарбияи инсони идеалӣ ё ба ибораи тасаввуфии «Инсони комил», бо иштироки фаъолонаи оила арзёбӣ гардидааст, ки он бешак, ба ҷараёни ташаккули арзишҳои оиладорӣ робитаи мустақим дорад. Зеро агар дар раванди тарбия арзишҳои оиладорӣ сарфи назар шаванд, инсон комил шуда наметавонад;

- дар масъалаи бунёди оилаи солим ва интихоби ҳамсар Кайковус ва Ғаззолӣ ҳамақидаанд. Ба андешаи Кайковус, занро аз оилаи салоҳ бояд хост, зеро зани нек офияти зиндагонӣ аст. Ғаззолӣ дар ин маврид зикр менамояд, ки агар аслу насаби зан аз оилаи соҳибэҳтиром ва аз дину шариат огоҳ бошад, ин омил ба хулқу рафтори фарзандон таъсири мусбӣ мерасонад, вале агар зан аз хонадони бетарбия бошад ё ахлоқи вай нописандида, пас таъсири

он ба рафтору кирдори насли наврас, аз ҷумла, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳатман манфӣ хоҳад буд.

- барои он ки тарбияи ақлониву ҷисмонии фарзандон дар оила натиҷаи дилхоҳ диҳад, дар замири онҳо арзишҳои оиладорӣ зина ба зина ташаккул ёбанд, Унсурулмаолии Кайковус ва Ғаззолӣ ба волидайн тавсия медиҳанд, ки фарзандонро аз синни кӯдакӣ собитқадам ва бо муҳаббат ба тарбия фаро гиранд, суҳбату насиҳатро сидқан анҷом диҳанд, зеро кӯдакону наврасон хеле нозук буда, ба зудӣ муносибати ғайрисамимиро дарк мекунанд. Дар чунин маврид муҳаббату садоқат ба сифати арзишҳои оиладорӣ дорои решаҳои амиқ ва устувор мегарданд, ки ин умумияти дигари таълимоти ин ду мутафаккир оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ мебошад.

Ҳамзамон, таҳлили қиёсии мундариҷаи «Қобуснома»-и Кайковус ва «Кимиёи саодат»-и Ғаззолӣ дар афкори педагогии онон оид ба арзишҳои оиладорӣ фарқияти зеринро ошкор намуд:

- оид ба тамоми масъалаҳои тарбия дар оила ва ташаккули арзишҳои оилавӣ андешаҳои Ғаззолӣ нисбат ба Кайковус ба маротиб фарохтару амиқтар мебошанд. Ба андешаи Ғаззолӣ, инсон қабл аз ҳама, бояд ҳақиқати худ бишносад, дувум Худои Таъоло, сеюм ҳақиқати дунё ва чорум ҳақиқати охиратро. Кайковус бошад, дар ибтидо шинохти Эзиди таъоло ва тақаддусро гузошта, сипас ба зикри дигар уҳдадориҳои фарзанд пардохтааст;

- Ғаззолӣ масъалаи никоҳу оиладорӣ, шарту шароити бунёд ва пойдории оиларо нисбат ба Унсурулмаолии Кайковус амиқтар омӯхта, андешаҳои худро дар баробари овардани ҳикоёту гуфтори бузургону Пайғамбар (с), бо далелҳои шаръӣ ва дунявӣ асоснок намудааст;

- Ғаззолӣ заминаи муҳими пойдории оиларо ба омодагии ахлоқӣ-психологии никоҳшавандагон алоқаманд карда, ҳамчун яке аз арзишҳои устуворсози оила тибқи аҳкоми шариат риояи 12 одоби никоҳро зарур мешуморад, ки ин гуна тафсилот дар «Қобуснома»-и Кайковус ба назар намерасад;

- дар мавриди якдигарфаҳмӣ дар оила Ғаззолӣ зикр кардааст, ки ҳар ки ӯро ҷуфти нек бувад, ҳама корҳои дунё ва охирати ӯ ба сомон бувад; Дар ин маврид Кайковус ба фарзандаш тавсия медиҳад, ки аз машварат ор макун ва бо аёли худ дудилу дукиса мабош;

- ба андешаи Ғаззолӣ, муҳаббат  самараи маърифат буда, омили дигари пайдоиши муҳаббат ин накукорӣ аст. Кайковус оид ба ишқу муҳаббат ва расми он дар боби чордаҳум ва бисту шашуми «Қобуснома» ибрози назар намуда, қайд менамояд, ки агар занро неку дорӣ, нисбат ба вай муҳаббат дошта бошӣ, аз падару модар ва фарзанд ба ту мушфиқтар бошад, вале дар боби муҳаббат ҳамчун яке аз арзишҳои оиладорӣ ва шартҳои муҳими пойдории оила Кайковус андешаҳои нисбатан маҳдуд дорад;

- дар таълимоти иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва педагогии Ғаззолӣ раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба ҳаёти порсоиву парҳезкорӣ, қаноату шикастанафсӣ алоқаманд карда шуда, мутафаккир дар раванди тарбияи фарзандон ва ташаккули арзишҳои оилавӣ дар ҷустуҷӯи фитрати аслию ҷавҳарӣ аст. Ба ақидаи ӯ, падару модар дар саодату шақовати фарзандон масъулияти умда дошта, дар камолоти равонию  ҷисмонии инсон  таъсири қавӣ ва инкорнопазир доранд;

- яке аз бартариятҳои таълимоти Ғаззолӣ дар боби масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд  дар он зоҳир мегардад, ки ӯ онро дар ҳамбастагӣ ба марҳилаҳои камолоти фарзандон баррасӣ намудааст: нахустин марҳилаи масъулияти волидайн аз синни хафтрӯза шудани фарзанд оғоз ёфта, тақозо мекунад, ки падару модар дар ин айём зиёфат ороста, ба фарзанд номи неку гузоранд, дар шашсолагӣ бояд ба адабомӯзӣ ва  дар ҳафтсолагӣ ба намозгузории фарзанд машғул шаванд, дар нуҳсолагӣ рахти хоби ӯро ҷудо кунанд, агар даҳсола шуда, вале намоз нагузорад, танбеҳ диҳанд ва дар синни шонздаҳсолагӣ писарро  хонадор кунанд;

- Кайковус боби бисту ҳафтуми «Қобуснома»-ро «Андар фарзанд парвардан ва ойини он» унвон дода, тарбияи фарзандро раванди ҳадафманд ва басо пурмасъулияту бонизом арзёбӣ карда,  онро бе нишондоди синнусолӣ

ба марҳилаҳои «номи хуш ниҳодан», «ба дояву мураббӣ супоридан», «хатна кардан» (агар писар бошад –(О.Т.), «Қуръон омӯзонидан» ҷудо карда, дар ин раванд масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд таъкид кардааст. Зеро агар волидайн ҳамин масъулиятро дарк карда натавонанд, раванди ташаккули дигар арзишҳои оиладорӣ на танҳо душвор, балки имконнопазир мегардад;

- дар таълимоти ахлоқии Ғаззолӣ даъват ба  тарки молу ҷоҳ ва ҳавову ҳавас хеле барҷаста буда, мутафаккир дар раванди маърифати инсон се намуди маърифат - тариқи ақлӣ (ратсионалӣ), тариқи ҳиссӣ ва тариқи завқиро (маърифати ботинӣ, ирфонӣ) ҷоиз медонад ва бо ин хусусияти худ аз андешаҳои Кайковус дар самти тарбия ва ташаккули арзишҳои оилавӣ тафовут дорад;

- «Қобуснома» пешакӣ ҳамчун барномаи муайяни тарбиявӣ ва тибқи нақшаи муайяни муаллиф тарҳрезӣ шуда, яке аз хусусиятҳои барҷастааш дар он зоҳир мегардад, ки зери таъсири он дар  раванди камолоти инсон на ангезаҳои гӯшанишиниву хилватгузинӣ, балки табъи болидаву  ҷаҳонсозӣ ташаккул меёбад;

- дар таълимоти Ғаззолӣ масъулият ва мавқеи шахс дар ҷомеа ва оила ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ӯ алоқаманд карда шудааст. Яъне,  бар дӯши инсон бори  ин дунёву охират ба таври нисбатан барҷаста гузошта шудааст. Дар ин маврид, дар таълимоти ахлоқии Ғаззолӣ мо ду хусусиятро бояд зикр намоем. Якум, дар таълимоти мазкур андешаҳои назариявӣ ва амалӣ ниҳоят фаровон буда,  онҳо хусусияти ҳамагонӣ доранд. Дуюм, назарияи  ахлоқии Ғаззолӣ ба ғароизи табиӣ алоқаманд набуда, баръакс, шаҳвонияту ғароизи фардро дар доираи талаботи шариат маҳдуд ва тобеи маънавиёти исломӣ гардонида, ба ниёзи имонии ӯ табдил додааст;

- «Кимиёи саодат» ҳамчун асари педагогию дидактикӣ хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар он муаллиф тамоми дастовардҳои афкори педагогии антиқӣ ва асримиёнагиро дар омезиши ногусастанӣ бо андешаҳои пурқимати худ оид ба проблемаҳои ахлоқию тарбиявӣ, аз ҷумла, дар боби ташаккули

арзишҳои оилавӣ фаро гирифтааст. Дар осори Ғаззолӣ таъкиди «бидон» хусусияти ҳамагонӣ дорад;

- Дар «Қобуснома» тарбияи фарзанд дар мақоми аввал қарор дорад. Кайковус ҳатто хурдтарин ҷузъиёти ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии фарзандро сарфи назар накарда, туфайли андешаҳои ҷолиб консепсияи тарбияи муттасил ва камолоти равонию ҷисмонии фарзандон ва зимни он раванди ташаккули арзишҳои оиладориро муайян кардааст. Дар «Қобуснома» таъкиди «бидон» хусусияти инфиродӣ дошта, қабл аз ҳама, ба фарзандаш Гелоншоҳ нигаронида шуда, бо мурури замон, бинобар зуҳури маъруфият ва арзиши баланди таълимоти тарбиявию ахлоқии Кайковус, он хусусияти ҳамагонӣ пайдо кард;

- дар мавриди тарбия ва ҳуқуқи фарзандон Ғаззолӣ «миёни эшон аз ато ва навохт» риояи баробариро ҷоиз медонад, вале Кайковус назари дигар дорад. Ба андешаи ӯ, барои духтарон танҳо омӯхтани намозу рӯза ва риояи шарту шароити шариат кифоя аст, яъне, вай таҳсили духтаронро зарур намешуморад ва таъкид менамояд, ки духтар ҳарчи зудтар бояд ба шавҳар дода шавад;

- низоми педагогии Ғаззолӣ ин низоми суфизми монистӣ аст, маънавиёте, ки Кайковус дар «Қобуснома» нигоштааст, ин тарзи хосси дарки воқеияти таърихӣ мебошад.

## Хулосаи боби якум

Пас аз шикасти давлати Сомониён дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон асри XI ҳамчун давраи пурпечутоби таърихӣ, нобасомониҳои дарборӣ, зулму тааддии ҳокимони маҳаллӣ нисбат ба оммаи халқ, вусъати норозигии мардум нисбат ба истибдод ва ҳукмронии бегонагон арзёбӣ мегардад.

Ҳаёти илмию адабӣ дар марказҳои бузурги илмию фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон – Бухорову Самарқанд, Ҳироту Исфаҳон ва дигар шаҳрҳо дар қиёс ба давраи Сомониён рӯ ба таназзул ниҳод.

Вале новобаста аз зулму тааддии бегонагон ва ҷабри ҳокимони маҳаллӣ илму адаб ва фарҳанги халқи тоҷик ривоҷу равнақ ёфт, назми классикӣ на танҳо аз инкишоф бознамонд, балки жанрҳои анъанавии он, аз ҷумла, достонҳои дидактикӣ, панду ахлоқӣ, ки дар баробари дигар масъалаҳои иҷтимоию педагогӣ фарогири мавзуи оила ва арзишҳои оиладорӣ буданд, бо сабку хусусиятҳои хосса аз нав эҳё гардида, вусъат ёфтанд.

Ба раванди пайдоиш, ташаккул ва рушди афкори илмию педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI, ки таълимоти суфия яке аз ҷузъҳои муҳимтарини он маҳсуб меёбад, дар баробари омилҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ, ахлоқу маънавиёти мардум, руҳияи марҳилаи мушаххаси таърихӣ сарчашмаҳои зерини таърихӣ: педагогикаи этникӣ ва эҷодиёти бадеии шифоҳии мардум, «Авесто», хираднома ва пандномаҳои аҳди Сосониён, дини ислом, Қуръони карим, ҳадисҳо, афкори педагогии чеҳраҳои барҷастаи адабиёти классикии то асри XI-и тоҷик ва арзишҳои умумиинсонӣ таъсири бузург расониданд.

Дар ин давра ҷараёни динӣ-фалсафии суфия (тасаввуф) тавассути осори намояндагони барҷастаи худ ба пешрафти адабиёти на танҳо мардуми тоҷик, балки халқҳои дигар низ таъсири амиқ расонид.

Ғояи марказии таълимоти суфия - тарбияи инсони комил дар шароити онвақтаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии Осиёи Миёна ва Эрон андешаи пешқадам ва аз нигоҳи педагогӣ арзишманди илмӣ ба шумор мерафт.

Бо назардошти он ки раванди тарбияи инсони комил аз оила шуруъ мегардад, таъсири ғояи мазкур дар афкори педагогии намояндагони илму адаби асри XI-и халқи тоҷик, аз ҷумла, дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус, «Кимиёи саодат», «Насиҳат-ул-мулук» ва дигар асарҳои Имом Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, ки дар баробари дигар мавзуъҳо фарогири масъалаҳои оилаву оиладорӣ, арзишҳои оиладорӣ ва тарбияии фарзанд мебошанд, баръало ба назар мерасад.

Яке аз намунаҳои барҷастаи осори дидактикиву педагогии марҳилаи мазкур асари безаволи Унсурулмаолии Кайковус «Қобуснома» ба шумор

меравад. Дар асари мазкур масъалаҳои бунёди оила, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба монанди марҳилаи ибтидоии бунёди оилаи солим интихоби ҳамсар, муҳаббату якдигарфаҳмӣ дар оила, ҳурмату эҳтироми байниҳамдигарии аъзои оила, эҳтироми калонсолону волидайн, саломатӣ ва интихоби шуғли арзанда, илмомӯзӣ ва адаби фарзандон, одоби меҳмондориву меҳмон шудан, сарфаю сариштакорӣ дар оила мавқеи хосса дорад.

Дар 21 боби «Қобуснома»-и Кайковус масъалаҳои умдатарини тарбияи оилавӣ, аз ҷумла, ташаккули арзишҳои оиладорӣ мақоми барҷаста дошта, муаллиф онҳоро тавассути маслиҳатҳои панду ахлоқии сарвари оила – падар (яъне, Кайковус -О.Т.) ба писараш Гелоншоҳ ифода кардааст.

Муаллиф мулоҳизаҳои хешро аз баёни шинохтани Эзиди таъоло, офаридани пайғамбарон, сипос доштан аз Худованди неъмат, фузунии тоат аз роҳи тавонистан оғоз намуда, дар боби панҷум ба яке аз арзишҳои муҳими оиладории тоҷикон андар шинохти ҳаққи падару модар ибрози назар карда, сипас дар бобҳои гуногуни асар марҳила ба марҳила оид ба ҷараёни ташаккули фарзанд аз синни кӯдакӣ то ба пирӣ, муҳиммияти омӯзиши илму ҳунар ва касб барои камолоти равонию ҷисмонии фарзанд андешаҳои ҷолиб иброз намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ, консепсияи мукаммали тарбияи муттасил ва камолоти равонию ҷисмонии фарзандонро дар шароити оила ташкил дода, бисёр нуктаҳои он барои бунёди оилаи намунавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ то ҳанӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

Дар афкори педагогии яке аз шахсиятҳои бузурги олами ислом Муҳаммад Ғаззолӣ, ки бо усули фалсафӣ, далелҳои мантиқӣ ва баррасии масъалаҳои динӣ ифода гардидаанд, мавзуи фарҳанги оиладорӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ мавқеи барҷаста дошта, муаллиф онҳоро дар қиёс ба Унсурулмаолии Кайковус амиқтар таҳлил намудааст. Мавзуи мазкур махсусан, дар асарҳои ӯ «Кимиёи саодат» ва «Насиҳат-ул-мулук» ҷойгоҳи намоён дошта, муаллиф зимни баррасии он тамоми ҷузъиёти онро фаро гирифта, таъсири тарбияву ахлоқро дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ

муассир меҳисобад. Ба андешаи ӯ, фитрати инсон дар асл поку беолоиш аз ҳар гуна рангу таассуб аст. Бинобар ин, мутафаккир нақш ва масъулияти умдаи падару модарро дар раванди тарбияи оилавӣ, ташаккули арзишҳои устуворсози оила ва махсусан, таълиму тарбияи фарзанд бағоят муҳим арзёбӣ кардааст.

Ба андешаи Ғаззолӣ, мурод аз ҷаҳду талош дар раванди тарбия, аз ҷумла, дар муҳити оила ва зимни он ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ба монанди риояи одобу суннатҳои никоҳ, якдигарфаҳмӣ, муҳаббату вафодорӣ, таълиму тарбия, таъмини саломатии фарзандон, эҳтироми падару модар ва калонсолон, лутфу меҳрубонӣ нисбат ба ҳамдигар, сарфаю сариштакорӣ ва амсоли инҳо ба ҳадди инсони комил ва саодат расонидани ӯ мебошад. Адиб асари хешро бо ҳамин мақсад «Кимиёи саодат» номидааст, ки аз он шарҳу тафсири илмии тарбияи инсон (ё ба ибораи Ғаззолӣ «шарҳи ахлоти ин кимиё» -О.Т.) ва ба ҳадди саодати абадӣ расонидани ӯро дарёфтан мумкин аст.

Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» яке аз арзишҳои муҳими оиладорӣ никоҳро мавриди баррасӣ қарор дода, муҳаббати заношӯиро ҳамчун фазилати муҳими оиладорӣ арзёбӣ мекунад ва бо далелҳои ақливу шаръӣ собит менамояд, ки яке аз шартҳои муҳими оилаи солим ва пойдории он аз ибтидо то интиҳои никоҳ бо як ҳамсар зиндагӣ кардан мебошад. Ба андешаи ӯ, бе никоҳ оила моҳият ва арзиши иҷтимоии худро аз даст медиҳад, барои бақои ҷинси одамӣ ва насли вай никоҳ василаи муҳимтарин буда, никоҳ сабаби асли вуҷуд ва таом сабаби бақои вуҷуд мебошад.

Мусаллам аст, ки Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ ҳамчун фарзандони замони хеш аз таъсири муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дини ислом дар канор набуданд ва таъсири омили мазкур ҳангоми таҳлили афкори педагогии онҳо баръало ба назар мерасад, вале новобаста аз ин, татбиқи ғояҳои пешқадами мутафаккирони номбурда барои тарбияи насли аз ҷиҳати маънавию ҷисмонӣ солими ҷомеа, аз ҷумла, дар ҷараёни тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ бағоят муҳим мебошанд.

Омӯзишу баррасии ҳамаҷонибаву интиқодии осори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оилавӣ имкон медиҳад, ки:

- барои тарбияи ҳисси масъулиятшиносии волидайн дар таълиму тарбияи фарзанд, омодасозии онҳо ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ шароитҳои созгори маънавию ахлоқӣ фароҳам оварда шавад;

- дар оилаи муосир барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ фазои мусоиди ёрии байниҳамдигарӣ ва якдигарфаҳмӣ фароҳам ояд;

- сатҳи фарҳанги муносибати байниҳамдигарӣ миёни аъзои оила баланд бардошта шавад;

- барои тарбияи маънавию ахлоқии фарзандон дар оила, ҳисси масъулиятшиносии онҳо нисбат ба бунёди оилаи намунавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладории созгори ҷомеаи нави демократию дунявии Тоҷикистон фазои солими равонию педагогӣ фароҳам ояд.

# БОБИ 2. ТЕХНОЛОГИЯИ ПЕДАГОГИИ АМАЛИСОЗИИ АРЗИШҲОИ ОИЛАДОРИИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИК ДАР РАВАНДИ ТАРБИЯИ ОИЛАВИИ ҶОМЕАИ МУОСИР

## 2.1. Усулу воситаҳои татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии муосир

Таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосир ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳаёти оилавӣ ва арзишҳои оиладорӣ таъсир расонид. Имкониятҳои функсионалии оила аксаран тағйир ёфта, баъзе суннату арзишҳои оиладорӣ қариб аз байн рафтанд. Дар баъзе кишварҳо оила моҳияти худро ҳамчун арзиши олӣ аз даст дода, муносибатҳои оилавӣ то ҳадде нолозим ва вайрону бемаънӣ шудаанд, ки хусусияти муоширати расмӣ ва зоҳирпарастӣ пайдо кардаанд. Новобаста ба ин, ҳар як ҷомеа, давлат ва инсон ба мавҷудият ва таҳкиму пойдории онҳо ниёз дорад. Бо ибораи дигар, оила аз муҳимтарин рукни зиндагии инсон ба шумор рафта, солимию пойдории он асоси саодатмандию хушбахтии аъзои он маҳсуб меёбад.

Дар асноди қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон таърифи ҳуқуқии оила ба назар намерасад, аммо дар «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ» таърифи зерини он оварда шудааст: «Оила иттифоқи озод, ихтиёрона, баробарҳуқуқ ва чун қоида якумраи зану шавҳар аст, ки ба муҳаббату эҳтироми тарафайн бо мақсади ташкили оила барои тавлид ва тарбияи фарзандон асос ёфта, бо риояи ҳама шартҳои дар қонун зикршуда ва умумияти маънавӣ ва хоҷагӣ, инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳоро байни аъзои оила ба вуҷуд меорад ва дар ҳифзи давлат мебошад. Вазифаҳои асосии оила репродуктивӣ, тарбиявӣ хоҷагидорӣ (иқтисодӣ), маънавияти ба ҳам созгори аъзои оила ва дастгирии моддӣ мебошад» [108, 366].

Аз таърифи мазкур бармеояд, ки оила иттифоқест, ки дар заминаи принсипҳои ихтиёрӣ, озодӣ, баробарҳуқуқӣ барпо мешавад, вале барои пойдории он ва тавлиду тарбияи фарзандон муҳаббату эҳтироми байниҳамдигарӣ, умумияти маънавию хоҷагӣ, риояи хуқуқу уҳдадориҳои аъзои он нақши асосиро мебозанд.

Барои асосноксозии илмии шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои оиладорӣ қабл аз ҳама, бояд мундариҷа ва моҳияти арзишҳои мазкурро муайян намуд.

Таҳлили мундариҷаи осори илмии солҳои охир собит менамояд, ки мавзуи арзишҳо, оила, арзишҳои оиладорӣ ва ташаккули чунин арзишҳо дар муҳити оила, аз ҷумла, нақши волидайн дар раванди ҳифз ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва таҳқиқи олимони соҳаҳои гуногун: педагогика, психология, сотсиология, мардумшиносӣ, фарҳангшиносӣ ва фалсафа гардидааст. Аммо ҳар як муҳаққиқ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки мавзуи мазкурро аз дидгоҳи арзишҳои худ, аз мавқеи фарҳанги мушаххас ва вобастагиҳои дигар ба риштаи таҳқиқ кашад. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур аксаран боиси ихтилофи назарҳо, печидагиҳо, андешаҳои гуногун гардида, дар раванди таҳқиқ мавзуот ва мушкилоти нав ба бор меорад.

Чунин вазъият ба он вобаста аст, ки худи оила ҳамчун арзиш ва падидаи таърихӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҳар марҳилаи мушаххаси пешрафти хеш дорои хусусиятҳои хос мебошад, ки тафсилоти бештари он дар ҷадвали зерин баръало ба назар мерасад:




***Расми 2. Оила ҳамчун падидаи таърихӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ***

Мусаллам аст, ки арзишҳои оиладорӣ дар ҳар як консепсия ва таснифот оид ба оила, аз ҷумла, дар анвои оилаҳое, ки дар расми 2  инъикос ёфтаанд, яъне, вобаста ба намуди заношӯӣ, таркиби ҳокимият ва тақсимоти он дар оила гуногун мебошанд. Вале новобаста аз гуногун будани намудҳои оила дар ҳар як марҳилаҳои мушаххаси таърихӣ суннату арзишҳои оиладорӣ барои пойдории он нақши муҳим бозидаанд. Аз ин рӯ, мавзуи арзишҳо ва арзишҳои оиладорӣ дар адабиёти илмӣ мавқеи хосса дошта, ҳар як муҳаққиқ онро вобаста ба аломатҳои муайян баррасӣ ва тасниф менамояд. Масалан, дар ҷадвали зерин низоми арзишҳои инсон тибқи таълимоти  мутафаккир ва равоншиноси австриягӣ, асосгузори низоми психологияи инфиродӣ Алфред Адлер (1870-1937) пешниҳод гардидааст [6, 25]:

**Ҷадвали 1**

**Низоми арзишҳои инсон аз рӯи таълимоти Алфред Адлер**

| **Арзишҳои ҷисмонӣ** | **Арзишҳои эмотсионалӣ** | **Арзишҳои зеҳнӣ** |
|---|---|---|
| Фаъолияти ҳунармандӣ | Масъулият | Таълим |
| Ҳузуру ҳаловат | Устувории эмотсионалӣ | Эҷодиёт |
| Ба варзиш машғул шудан | Обрӯю эътибор | Хирадмандӣ |
| Сарватмандӣ | Зӯрозмоӣ | Мураккабӣ |
| Намуди зоҳирӣ | Дин | Қарор қабул кардан |
| Саломатӣ | Амният | Маҳорати фикран истисно кардан |
| Рухсатӣ | Боварӣ | Мустақилият |
| Шароити кор | Муносибатҳои маҳрамона | Такомул |
| Неру | Муҳаббат | Тибқи нақша кор кардан |
| Фаъолнокӣ зоҳир намудан | Дӯстӣ | Мутолиа |
| Саёҳат | Шавқу рағбат | Муошират |
| Ҷолибият | Кушодарӯйӣ | Хираду фаросат |
| Амнияти молиявӣ | Манфиатбахшӣ | Дақиқият |
|  | Кумак |  |

Барои таҳқиқоти мо низоми арзишҳои инсон, ки аз ҷониби  Алфред Адлер коркард ва пешниҳод шудааст, аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки ҳар як

инсон дар оила таваллуд мешавад, дар муҳити оила аз ҷиҳати ҷисмонию маънавӣ ба камол мерасад ва қабл аз ҳама, дар оила арзишҳои муайянро аз худ мекунад, ба онҳо эътимод пайдо мекунад ва арҷ мегузорад.

Агар низоми арзишҳои инсонии Алфред Адлерро бо он арзишҳои оиладорӣ, ки дар осори Унсурулмаолии Кайковус инъикос гардидаанд, муқоиса кунем, метавон зикр намуд, ки онҳоро мутафаккири тоҷик ҳанӯз дар асри XI бо тафсилоти нисбатан зиёд шарҳу тавзеҳ дода, моҳияти онҳоро барои бунёди оилаи солим ва саодатмандиву хушбахтии инсон ошкор намудааст. Масалан, дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ба арзишҳои ҷисмонӣ бобҳои 6, 9, 10, 11, 17, 21, 24, 25, 32, 41, 44, ба арзишҳои эмотсионалӣ бобҳои 1, 2, 3, 4, 5, 12, 13, 14, 15, 22, 26,28, 30, 36, 42, ба арзишҳои зеҳнӣ бобҳои 5, 7, 8, 31, 27, 31, 33, 34, 35, 38, 39, 40, 42, 43 бахшида шудаанд, ки тафсилоти он дар ҷадвали зерин инъикос гардидааст (57, 12-13):

**Ҷадвали 2**

**Ҷойгоҳи низоми арзишҳои инсон ва оиладорӣ дар таълимоти Унсурулмаолии Кайковус**

| **Номгӯи бобҳои «Қобуснома», ки дар онҳо зарурати ташаккули *арзишҳои ҷисмонӣ* таъкид шудааст** | **Номгӯи бобҳои «Қобуснома», ки дар онҳо зарурати ташаккули *арзишҳои эмотсионалӣ* таъкид шудааст** | **Номгӯи бобҳои «Қобуснома», ки дар онҳо зарурати ташаккули *арзишҳои зеҳнӣ* таъкид шудааст** |
|---|---|---|
| Боби шашум андар фурӯтанӣ ва афзунии гуҳару ҳунар | Боби аввал андар шинохти Эзиди таъоло ва тақаддус | Боби панҷум андар шинохти ҳаққи падару модар |
| Боби нуҳум андар тартиби пириву ҷавонӣ | Боби дувум андар офаридани пайғамбарон | Боби ҳафтум андар пешӣ ҷустан дар сухандонӣ ва дониш |
| Боби даҳум андар хештандорӣ ва тартиби хӯрдан | Боби сеюм андар сипос доштан аз Худованди неъмат | Боби ҳаштум андар ёд кардани пандҳои Анӯшервони одил |
| Боби ёздаҳум андар шароб хӯрдан ва шарти он | Боби панҷум андар шинохти ҳаққи падару модар | Боби бисту ҳафтум андар фарзанд парвардан ва ойини он |
| Боби ҳафтдаҳум | Боби дувоздаҳум андар | Боби сиву якум |

| | | |
|---|---|---|
| андар хуфтану осудан ва расми он | меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан | андар толибилмӣ ва фақеҳӣ ва мударрисӣ |
| Боби нуздаҳум андар чавгон задан ва шароити он | Боби сездаҳум андар мазоҳ ва нард ва шатранҷ ва шароити он | Боби сиву сеюм андар тартиби сиёҳати илми тиб |
| Боби бисту якум андар ҷамъ кардани молу хоста | Боби чордаҳум андар ишқ варзидан ва расми он | Боби сиву ҷаҳорум андар илми нуҷум ва ҳандаса |
| Боби бисту чорум андар хона ва иқор харидан | Боби понздаҳум андар таматтуъ кардан ва тартиби он | Боби сиву панҷум андар расми шоирӣ ва ойини он |
| Боби бисту панҷум андар аспу чаҳорпой харидан | Боби бистум андар оини ҳарб ва корзор кардан | Боби сиву ҳаштум андар одоби надимӣ кардан |
| Боби сиву дуюм андар тиҷорат кардан ва шароити он | Боби бисту дуюм андар амонат нигоҳ доштан | Боби сиву нуҳум андар ойини котиб ва шароити котибӣ |
| Боби чиҳилу якум андар расми сипаҳсолорӣ | Боби бисту шашум андар зан хостан ва шароити он | Боби чиҳилум андар шароити вазири подшоҳ |
| Боби чиҳилу чорум андар ойини ҷавонмардӣ | Боби  бисту ҳаштум андар дӯстӣ гузидан ва расми он | Боби чиҳилу дувум андар ойин ва шарти подшоҳӣ |
| | Боби бисту нуҳум андар андеша кардан аз душман | Боби чиҳилу сеюм андар ойин ва расми деҳқонӣ ва ҳар пешагоне |
| | Боби сиюм андар укубат кардан ва авф кардан | |
| | Боби сиву шашум андар одоби хунёгарӣ | |
| | Боби чилу дувум андар ойин ва шарти подшоҳӣ | |

Мавриди зикри хос аст, ки Унсурулмаолии Кайковус ба мисли Алфред Адлер арзишҳои  ҷисмонӣ, эмотсионалӣ ва зеҳниро ба таври мушаххас ҷудо накардааст, вале дар ҳар мавриди муносиб ҳангоми мурочиат ба фарзандаш Гелоншоҳ зарурати ташаккули онҳоро таъкид намудааст. Ҳар як фарзанд ҳамчун узви комилҳуқуқи оила ба мисли дигар узви хонандон ба ташаккули арзишҳои инсонӣ ниёз дошта,  онҳо дар маҷмуъ, ба раванди ташаккули низоми арзишҳои нисбатан бузург  - арзишҳои оиладорӣ мусоидат менамоянд.

Бо ибораи дигар, танҳо дар сурати дар замири тамоми аъзои оила ташаккул ёфтан ва устувор гардидани арзишҳои инсонӣ барои ташаккули мукаммали арзишҳои оиладорӣ имконияти воқеӣ фароҳам омада, ба ин васила, оилаи солими намунавӣ бунёд мегардад.

Дар адабиёти илмӣ «арзишҳои оилавӣ» ҳамчун мафҳуми сермаъно баррасӣ гардида, он фарогири принсипи умумӣ нисбат ба амсилаҳои рафтори инсон дар доираи фарҳанг ё ҷомеаи мушаххас тавассути раванди иҷтимоишавӣ мебошад ва шахс ба муҳиммияти оила, маънӣ ва маҳаки зиндагӣ будани он эътимод пайдо мекунад. Оила дорои аломатҳои арзишӣ буда, он дар як вақт, ба шумули арзишҳои ҳам шахсӣ ва ҳам иҷтимоӣ дохил аст ва дар доираи муносибатҳои мутақобилаи инсонӣ қарор дошта, яке аз самтҳои воқеияти объективӣ ба шумор меравад. Бо ибораи дигар, оила объекти арзишӣ буда, дар шуури инфиродӣ ва ҷамъиятӣ дорои моҳияти махсус мебошад. Раванди дарки оила ҳамчун арзиш ва муқаддасот аз қонеъгардонии талабот нисбат ба муоширaт бо аъзои дигари оила ва эътимод бар он ки узви ҳамин оила ҳастӣ, инчунин, аз соҳибиродагӣ дар мутобиқсозии рафтору гуфтор бо арзишҳои оила, майлу хоҳиши аз фароғати муштарак ҳаловат бурдан, аз рафтори собитқадаму мутобиқ ба эътиқоди хеш нисбат ба арзишҳо ва муносибати оилавӣ вобастагии амиқ дорад.

Аз ин рӯ, дар заминаи ғояи асосии фарзияи таҳқиқот, қайд менамоем, ки раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар муҳити оила дар шароити муосири ҷомеа дар мавриде самаранок хоҳад шуд, ки агар:

- мафҳуми «арзишҳои оиладорӣ» ҳамчун категорияи илмӣ-педагогӣ аниқ карда шуда, хусусиятҳои хосси он муайян карда шаванд;

- амсилаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба тарбияи омодагии насли наврас ба ҳаёти оилавӣ ва масъулияти падарию модарии ба қонуниятҳо, принсипҳо ва муносибатҳои педагогӣ асосёфта равона гардидааст, таҳия ва озмуда шавад;

- низоми меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои ташаккули арзишҳои оиладорӣ муайян карда шаванд;

- маҷмуи шароитҳои педагогии ташаккули самарабахши арзишҳои оиладорӣ, аз ҷумла, он арзишҳои оиладорӣ, ки аз афкори илмию педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик бармеоянд, таҳия ва татбиқ карда шавад.

Зеро арзишҳои оиладорӣ ба сифати арзишҳое ташаккул меёбанд, ки минбаъд онҳо функсияи меъёрҳои қобили қабули ҳамон оила ва аксаран ҷомеаро иҷро намуда, асоси идеалии тамоюлот, маҳакҳои ормонӣ ба шумор меравад ва дар заминаи онҳо воқеият арзёбӣ мегардад, тавассути онҳо тарзи гуфтору рафтор интихоб карда мешавад [40; 47; 48; 118; 94]

Ба андешаи олими шинохта С.Ф. Анисимов - «Арзиш – ҳама чизи барои инсон муҳим, ашё ё падида (аз ҷумла, худи инсон, ҳамчун арзиши олӣ), ки объекти мазкур арзёбӣ ва интихоб мекунад, барои пешрафти ҷомеа ва рушди шахсияти инсон истифода мебарад», фаҳмида мешавад [12, 96].

Муҳаққиқи дигари рус Р.С. Немов арзишро ҳамчун «чизе, ки инсон дар ҳаёт, муҳити атрофи худ, дар одамон, дар фарҳанги моддию маънавии одамон қадршиносӣ мекунад; он чи ки вай, махсусан, ғанимат медонад, дар ҳаёту фаъолияти худ нисбат ба он аҳамияти бештар ва хосса медиҳад», арзёбӣ кардааст [82, 257].

Дигаргуниҳои шароити иҷтимоии ҳаёт, вусъати ниёзҳои ҷомеа ва шахс боиси тағйироти куллии арзишҳои оиладорӣ мегарданд. Аз ин рӯ, мафҳуми «арзишҳои оиладорӣ»-ро ҳар як муҳаққиқ вобаста ба хусусияти ҷомеаи мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ, арзишҳои иҷтимоие, ки вай ба онҳо беш аз ҳама эътимод дорад, дар доираи ҷаҳонфаҳмии хеш маънидод мекунад.

Тавре ки Э.Г. Эйдемиллер қайд мекунад – «арзишҳои оиладорӣ – ин ормонест (идеалест), ки шуури оилавӣ тавлид намуда, ошкоро меписандад ва ривоҷ медиҳад, он дорои тасаввуроти абстрактӣ оид ба хислатҳои муносиб дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолият мебошад. Арзишҳои оиладорӣ ба фарҳанги психологии шахсияти ҳар як хешованди наздик дар шакли манбаи муҳими мотиватсияи (ангезаи) рафтори ӯ шомил мебошанд» [123, 30].

Вале ба андешаи Ж.Н. Дюлдина «арзишҳои оиладорӣ ин хусусиятҳои ба ҳам алоқаманди ахлоқӣ, маънавӣ, фарҳангӣ, анъанавӣ ва миллӣ дар гурӯҳи хурди иҷтимоист, ки ба никоҳ ва қаробати хунӣ асос ёфтаанд» [49, 194].

Дар «Большой толковый словарь русского языка» арзишҳои оиладорӣ ҳамчун «арзишҳое, ки ба оила дахл доранд; ба ҳаёти оила ва оила алоқаманд» мебошанд, [27, 114] шарҳ дода шудааст.

Вобаста ба мавзуи мавриди таҳқиқ Е.В. Мжелская ибрози назар намуда, аз ҷумла қайд кардааст, ки арзишҳои оиладорӣ «ин тамоюли ботинӣ-маънавиест, ки иҷтимоан писандида аст, аксарияти одамон онро мепазиранд, барои тамоми одамон ҳамчун маҳак ва ормон хизмат намуда, раванди мақсадноки бунёди оилаи идеалиро муайян мекунад» [74, 114].

Таҳти мафҳуми «арзишҳои оиладорӣ» мо раванди ҳадафманди муттасилеро арзёбӣ мекунем, ки аз синни кӯдакии аъзои оила оғоз гардида, ба ташаккули онҳо тамоми ниҳодҳои масъули таълиму тарбия дар ҷомеа - оила, муассисаҳои томактабӣ, мактаб, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, фарҳанг, низоми таҳсилоти иловагӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, воситаҳои ахбори омма, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва коллективҳои меҳнатӣ ҷалб карда шуда, мақсади ниҳоии он тарбияи маҷмуи арзишҳои барои ҷомеа матлуб, аз ҷумла, никоҳу оиладорӣ, омодасозии ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, ҳалли мушкилоти оилаҳои ҷавон, дар маҷмуъ, бунёди оилаи солиму намунавӣ мебошад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҳар як ҷомеа ин бунёди низоми ягонаест, ки ба таҳкиму ҳифзи оила ҳамчун микромуҳити иҷтимоисозии инсон ва ҳимояи ӯ равона карда шуда, ҳадафи он ташаккули арзишҳои асили умуминсонӣ дар замири ҳар як шахс мебошад, ки бо тағйирёбии шароитҳои таърихӣ дигаргуну азнавсозӣ мешаванд ва дар баробари ин, ҷомеаи мутаммадин онҳоро эътироф мекунад.

Ҷомеа ҳамеша ба эҳёи арзишҳои қаблӣ, омӯзиши тамоилу равандҳои нав ва ташкили раванди омодасозии насли наврас ба ҳаёти оилавӣ ниёз дорад. Вобаста ба ин, омодагии насли наврас ба ҳаёти оилавӣ дар мавриде самаранок хоҳад шуд, ки агар арзишҳои таърихии оилавӣ бо арзишҳои

муосири оиладорӣ тарзе омезиш ёбанд, ки созгори марҳилаи мушаххаси рушди ҷомеа бошанд.

Мусаллам аст, ки арзишҳои оила қабл аз ҳама, дар оилаи волидайн ташаккул ёфта, сипас дигар ниҳодҳои масъули таълиму тарбия ба ин раванд ҳамроҳ мешаванд.

Аз ҳамин нуқтаи назар, дар замони муосир, дар замоне, ки ба пойдориву суботи оила хавфҳои гуногун таҳдид мекунанд, масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад. Муҳиммияти ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар шароити имрӯза боз аз он бармеояд, ки дар ин самт як қатор зиддиятҳо ба назар мерасанд, аз ҷумла:

- зиддият байни созмондиҳии раванди таъминоти шароит барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва нокифоягии таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологӣ ва технологии ташаккули он;
- байни талаботи объективии иҷтимоии ҷомеа ва давлат нисбати дар ниҳоди насли наврас ташаккул додани арзишҳои оиладорӣ ва мақоми воқеии оила дар ҷомеа, паст гардидани нақши оилаи волидайн, ниҳодҳои иҷтимоии ҷомеа ва муассисаҳои таълимӣ дар раванди ташаккули он бо назардошти шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ;
- байни фаъолнокии аъзои оила дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва сатҳи пасти саводнокии педагогии волидайн, омодагии касбии омӯзгорон ва ҳамкории онҳо дар ин самт.

Зиддиятҳои мазкур нишондиҳандаи нокифоягии таҳқиқи проблемаи асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба шумор рафта, зарурати таҳқиқи онро ногузир месозанд.

Меъёрҳое, ки тибқи онҳо ташаккулёбии арзишҳои оиладорӣ муайян карда мешаванд, аз нишондиҳандаҳои гуногун вобастаанд. Зеро ҳар як категорияи аҳолӣ, ки зимни таҳқиқоти сотсиологӣ дар робита ба арзишҳои оиладорӣ мавриди пажӯҳиш қарор мегирад, ба арзишҳои оилавӣ дар заминаи неруи ақлониву зеҳнӣ, камолоти маънавӣ, сатҳи маълумотнокӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, аз ҷумла, таҷрибаи ҳаёти оилавӣ ва арзишҳои худ баҳо медиҳад.

Масалан, муҳаққиқ Е.В.Горбунова [37, 45] дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ дар байни донишҷӯён нишондиҳандаҳои зерини меъёрҳоро муайян кардааст, ки тавассути онҳо сатҳи ташаккули арзишҳои оилавӣ дар байни категорияи номбурда (донишҷӯён) арзёбӣ мегардад:

- сатҳи ташаккули ҷаҳонфаҳмӣ дар шуури маънавӣ;
- дарки оила ҳамчун арзиш, муқаддасот;
- ҳифз ва ғанӣ гардонидани анъанаҳои миллӣ ва фарҳангии оила, мансубият ба оила ва авлод;
- маърифатӣ-тарбиявӣ (азхуднамоӣ ва ғанӣ гардонидани донишҳо оид ба масъалаҳои никоҳу оиладорӣ);
- ташаккули нақши иҷтимоии ҳамсарон ва волидайн;
- саводнокии педагогӣ, дорои таҷрибаи пешқадам ва технологияҳои нави тарбия будан ва омодагӣ баҳри татбиқи онҳо;
- фаъолиятнокӣ (деятельностный) (мавҷудияти маҳорату малакаҳои иқтисодӣ, ки оянда дар рӯзгор заруранд ва қобилияти истифодаи онҳо);
- қобилияти танзими муносибатҳои дохилиоилавӣ ва ҳолатҳои низоъангез ва низоъ;
- умумияти манфиатҳои оилавӣ ва шавқу ҳавасҳо.

Бузургии (ҳаҷму андозаи) ҳар як нишондиҳанда имкон медиҳад, ки оид ба сатҳи зуҳуроти аломатҳои асосии дарки оила ҳамчун арзиш ва муқаддасот, таъсири омилҳои гуногун дар ҷараёни бунёд ва устуворгардонии он ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ибрози андеша намуда, ба ин васила, дараҷаи ташаккули арзишҳои оиладориро муайян созем.

Агар афкори педагогии мутафаккирони тоҷики асри XI оид ба арзишҳои оиладорӣ, аз ҷумла, таълимоти Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолиро аз ҳамин нуқтаи назар таҳлил намоем, метавон зикр намуд, ки ин чеҳраҳои илму адаб ташаккули арзишҳои оиладориро дар заминаи принсипҳои зерин муайян кардаанд:

Якум- ***принсипи муттасилият ва тарбияи бармаҳали кӯдакон***;

Илми муосир собит намудааст, ки марҳилаи асосии ташаккули инсон ҳамчун шахсият аз давраи таваллуди вай оғоз меёбад. «Равоншиносон итимнон доранд, ки то синни 5-солагӣ кӯдак 80 фоизи иттилоотеро, ки дар тули тамоми умр бояд донад, аз худ карда метавонад» [54, 82, 86].

Принсипи муттасилият ва тарбияи бармаҳали кӯдаконро Унсурулмаолии Кайковус бештар аз ҳама, дар боби бисту ҳафтуми асараш «Қобуснома» бо ибораҳои «андар омӯхтани адаби вай тақсир макун», «ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд», «ҳарчи омӯхтанӣ бошад аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯз», «то чун вай ба камол расад, одати вай низ ба камол расад» таъкид кардааст.

*Принсипи дуюме*, ки аз таълимоти Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ дар боби ташаккули арзишҳои оиладорӣ бармеояд, ин ***принсипи таълими оилавӣ*** мебошад. Муҳаммад Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» қайд мекунад, ки «бидон, ки кӯдак амонате аст дар дасти падару модар ва он дили поки вай чун гавҳаре аст нафис ва нақшпазир аст ва чун мум ва аз ҳама чизҳо холӣ аст. Чун замине пок аст, ки ҳар тухм, ки дар вай афканӣ, бирӯяд. Агар тухми хайр афканӣ, ба саодати дину дунё бирасад ва модару падар ва устод дар он савоб шарик бошанд» [3, 30]. Дар боби таълими оилавӣ муҳаққиқони муосири хориҷӣ А.И. Антонов, Т.В. Андреев, Ш.А. Амонашвили, А.Э. Измайлов, А.С. Макаренко ва дигарон, инчунин, олимони тоҷик М. Лутфуллоев, Х. Афзалов, Ф. Шарифзода, М.И. Ашуралиев, М.И. Ғиёсиев, М.Н. Ҷалилова, М.М. Каримова, Б. Маҷидова, Ҳ. Раҳимзода, Л.С. Хидирова, Ф. Ҳоҷиева ва дигарон андешаҳои пурқиммат иброз намудаанд, ки ин бори дигар робитаи мантиқии афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус, Муҳаммад Ғаззолиро бо консепсияҳои муосир оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ, инчунин, арзишҳои умумибашарӣ нишон медиҳад.

Принсипи сеюме, ки аз афкори педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ бармеояд, ин *принсипи муҳаббат ва ҷилавгирии эҳсосот* аст. Воқеан, муҳаббат принсипи муҳимтарини тарбия аст. Он дар раванди на танҳо ташаккули арзишҳои оиладорӣ, балки дар ҷараёни тарбияи афроди ҳамаи синну сол муҳим арзёбӣ

мегардад, аммо барои кӯдак он нуқтаи назар бағоят муҳим аст, ки вай аллакай аз қадамҳои нахустини зиндагӣ муҳаббати падару модар ва устоду мураббиро эҳсос менамояд. Ба андешаи Ғаззолӣ, «муҳаббат самараи маърифат аст. Ва камоли маърифат ҳосил кардан ба ду тариқ аст: Яке тариқи суфиён, ки покизаи рӯзгор бошанд ва дар муҷоҳидат бошанд. Ва тариқи дигар, омӯхтани илми маърифат аст, на илми калом ва илмҳои дигар» [3, 486] Дар ҳамин маврид Кайковус мефармояд, ки «Аз фазлу ҳунар фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷо оварда бошӣ» [57, 92]. Дар робита ба ин, табиб ва руҳшиноси варзида В. Синелников қайд менамояд, ки «Ҳар он чи ки барои кӯдакон анҷом медиҳанд, бояд бо муҳаббат бошад. Усулан, ҳатто дар лаҳзаҳое, ки танбеҳ додан лозим аст» [103, 59]. Кайковус дар мавриди танбеҳи фарзанд ҳангоми таълим гирифтан мефармояд, ки «ба вақти тааллум агар муаллимон ӯро (фарзандро -Т.О.)» бизананд, ӯро шафқат мабар…» [57, 94].

Принсипи чоруми таълимоти Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ин *принсипи ҳурмату эҳтиром* аст. Аз қадимулайём дар оилаи тоҷикон ҳурмату эҳтироми падару модар арзиши волои оиладорӣ маҳсуб меёбад ва ин суннати оилавӣ дар таълимоти ин ду мутафаккир – Унсурулмаолии Кайковус ва Ғаззолӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Дар «Қобуснома», илова ба тамоми таъкидҳои муаллиф нисбати ба ҷо овардани ҳурмату эҳтироми волидайн, боби махсуси (панҷуми) ин асари безавол ба унвони «Андар шинохти ҳаққи падару модар» номгузорӣ шудааст. Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» қайд мекунад, ки «бидон, ки ҳаққи эшон (падару модар -О.Т. )» азимтар аст, ки наздикии эшон бештар аст» [3, 381] ва дар «Насиҳат-ул-мулук» мефизояд, ки «Искандарро пурсидаанд, ки чарост, ки устоди хешро азизтар аз падари хеш медорӣ? Гуфт: «Аз баҳри он ки падари ман сабаби зиндагонии ман аст фонӣ ва устоди ман сабаби зиндагонии ман аст боқӣ» [80, 137]. Вобаста ба ин, мутахассисони равоншинос қайд мекунанд, ки «Ба кӯдак имкон додан лозим аст, ки худаш мустақилона Оламро дарк кунад, вале ҳамеша ӯро назорат бояд кард» [11, 59].

Принсипи панҷуми таълимоти Кайковус ва Ғаззолӣ дар боби ташаккули арзишҳои оиладорӣ ин принсипи меҳнати эҷодкорона ва созанда аст. Дар «Қобуснома» Кайковус ба фарзандаш Гелоншоҳ таъкид мекунад, ки «Агар пешавар бошӣ, аз пешаварони бозор аз ҳар пешае, ки бошӣ, зудкору сутудакор бош, то ҳарифонат бисёр бошанд ва ҳар коре, ки кунӣ, беҳ аз он кун, ки ҳампешагон кунанд» ва илова мекунад, ки «тадбири кишти соли оянда имсол ҳамекун» [57, 169].

Тақвияти андешаҳои Кайковус ва Ғаззолӣ оид ба меҳнати эҷодкорона ва созандаро имрӯз дар осори муҳаққиқони тоҷик М.Т. Алиев, Д.Д. Ғафурова, Г. Мухторова, Ф. Шарифзода ва дигарон мушоҳида намудан мумкин аст [7; 34; 78; 115].

Мавриди зикр аст, ки дигаргуниҳои солҳои охир дар ҳаёти оила ва сохтори он дар адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ ҳамаҷониба тасвир ва таҳлил гардидаанд. Яке аз ангезаҳои дигаргуниҳои оила, бешубҳа ба шуғли касбӣ фаро гирифта шудани занон, вусъат пайдо кардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, махсусан, аз ҳисоби сарварони оила, яъне, мардон ба шумор меравад, ки ин боиси тағйир ёфтани стратегияи ҳаётии онҳо гардида, ба оила низ таъсири бузург расонид. Зеро бори гарони таълиму тарбияи оилавии фарзандон дар чунин оилаҳо асосан бар дӯши занон буда, чунин вазъият бешак, ба тағйирёбии арзишҳои оиладорӣ ва раванди ташаккули онҳо тавассути механизмҳои тарбиявии оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоию тарбиявӣ таъсири калон расонид.

Вобаста ба ин, шарти навбатии педагогӣ дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ ин муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба раванди бунёд ва пойдории оила мебошад.

Зимни баргузории таҳқиқот мо ба хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ бо саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?» муроҷиат намудем, ки тафсилоти он дар расми зерин инъикос гардидааст:




***Расми 3. Сатҳи таъсири омилҳои гуногун ба раванди бунёд ва пойдории оила (тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба ҳисоби фоиз).***

Аз таҳлили ҷавоби респондентон - хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ бармеояд, ки онҳо таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, яъне таъминоти моддӣ ва сарфаю сариштакориро барои бунёд ва пойдории оила дар мадди аввал (22,4%), сипас таъсири омилҳои ҳуқуқӣ – никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оиларо дар ҷойи дуюм (18,9%), таъсири омилҳои фарҳангию миллӣ, яъне серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздикро дар ҷойи сеюм (18,1%), омилҳои ҷамъиятию давлатӣ - Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шарафро дар ҷойи чорум (16,2%), омилҳои маънавию ахлоқӣ – ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзиро дар ҷойи панҷум (15,1%) ва ниҳоят, омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ – шароитҳои табиӣ, захираҳо ва меҳнатро дар ҷойи шашум (9,3%) гузоштаанд.

Барои он ки андешаи мо нисбат ба вобастагии дарки моҳияти оила ва арзишҳои оиладорӣ аз неруи ақлониву зеҳнӣ, камолоти маънавӣ, сатҳи

маълумотнокӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, аз ҷумла, таҷрибаи ҳаёти оилавӣ ва арзишҳои ҳар як шахс ба таври возеҳ собит гардад, мо натиҷаи ҷавоби падару модарон, омӯзгорон ва хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ, ки зимни баргузорӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқот ба даст омадаанд, дар ҷадвали зерин инъикос намоем ва онро мавриди таҳлил қарор диҳем:

Ҷадвали 3

Тақсимоти ҷавоби респондентҳо ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?» (ба ҳисоби фоиз ва мақом дар рейтинги умумии ҷавобҳо)

| **Номгӯйи омилҳо** | **Респондентҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Хонандагон** | | **Омӯзгорон** | | **Падару модарон** | |
| | **Рей тинг** | **%** | **рейт инг** | **%** | **Рей тинг** | **%** |
| ***Омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ:*** ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ | 5 | 15,1 | 1 | 26,3 | 2 | 21,7 |
| ***Омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ:*** шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат | 6 | 9,3 | 6 | 5,3 | 3 | 16,6 |
| ***Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ***: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ | 1 | 22,4 | 4 | 17,9 | 5 | 6,7 |
| ***Омилҳои фарҳангӣ- миллӣ***: серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик | 3 | 18,1 | 5 | 7,4 | 1 | 25,0 |
| ***Омилҳои ҳуқуқӣ:*** никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оила | 2 | 18,9 | 3 | 20,0 | 4 | 8,3 |
| ***Омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ:*** Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шараф. | 4 | 16,2 | 2 | 23,1 | 2 | 21,7 |

Таҳлили ҷавобҳои хонандагону омӯзгорони МТМУ ва падару модарон (ниг. ба ҷадвали 3) нишон дод, ки омӯзгорон ва падару модарон бо назардошти бартарияти неруи зеҳнӣ, камолоти маънавӣ, сатҳи маълумотнокӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, аз ҷумла, таҷрибаи ҳаёти оилавӣ таъсири омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ, яъне, ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру

шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзиро дар раванди бунёд ва пойдории оила мутаносибан дар мақоми якум ва дуюм ҷой додаанд. Дар баробари ин, 25 фоизи падару модарон таъсири омилҳои фарҳангию миллӣ, яъне, серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздикро дар раванди бунёд ва пойдории оила дар мақоми аввал ҷой додаанд.

Ба андешаи муҳаққиқон «ҳамчун соҳиби аломатҳои арзишӣ оила ҳам ба арзишҳои шахсӣ ва ҳам ба арзишҳои иҷтимоӣ шомил буда, дар ҷодаи муносибатҳои байниҳамдигарии инсонҳо ва яке аз тарафҳои воқеияти объективӣ қарор дорад» [37, 4]. Аз ин ҷост, ки сотсиологияи муосир пайваста робитаи ногусастании низоми фарҳангӣ ва иҷтимоиро таъкид намуда, борҳо нисбати зарурияти баррасии мавзуи таъсири таҳаввулоти арзишҳои оиладорӣ ба ҷанбаҳои асосии мавҷудияти оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ишора намудааст. Аммо проблемаи мутобиқати арзишҳои оиладорӣ ва амалияи иҷтимоӣ ҳанӯз аз нигоҳи назариявӣ ва методӣ дар сатҳи зарурӣ ҳаллу фасл нагардидааст. Бинобар ин, яке аз шартҳои асосии педагогии ҳалли проблемаи мазкур ин таҳлили ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни насли наврасест, ки ба сӯи бунёди оила қадам мегузоранд.

Олими шинохта А.Г. Вишневский тағйирёбии функсияи оила ва баланд гардидани нақши ниҳодҳои давлатию ҷамъиятиро дар татбиқи функсияҳои мазкур мавриди таҳқиқ қарор дода, қайд менамояд, ки таҳаввули оила аз раванди таҳаввулот дар давлату ҷомеа вобастагии амиқ дорад [31, 49].

Новобаста аз анбӯҳи бузурги адабиёти илмӣ зиддияти оилаи муосир, сохтор ва динамикаи тағйирот дар оила ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, таҳаввули арзишҳои оилавӣ ва аҳамияти амалии ин дигаргуниҳо таҳлилу таҳқиқоти доманадорро тақозо мекунанд.

Имрӯз назарияи арзишҳо, методология ва услубҳои муносибати арзишӣ дар сотсиологияи оила, педагогикаи оила ва оиладорӣ дар сатҳи зарурӣ

мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд ва дар амал аҳён-аҳён истифода бурда мешаванд.

Илм ҳанӯз ба масъалаҳои таъсири сиёсат ва идеология ба арзишҳои оилавӣ, муқоисаи вариантҳои имконпазири дар ҳаёти оилавӣ омезиш ёфтани арзишҳои оилавӣ ва ғайриоилавӣ ва пешгӯйи намудани пайомадҳои он барои фарҳанг, ҷойгоҳи оила ва арзишҳои он дар байни дигар арзишҳои умумибашарӣ ҷавоби мушаххас ва саҳеҳ надодааст. Бинобар ин, сохторҳои дахлдори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва зерсохторҳои он бояд ба таҳқиқи масъалаҳои мазкур таваҷҷуҳи ҳар чи бештар зоҳир намоянд, модели хонаводаи муосири тоҷикро аз нигоҳи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию педагогӣ ҳаматарафа асоснок намоянд.

Маҳз оила бунёдгузори асосии муносибати арзишии инсон нисбат ба олам мебошад. Ягон ниҳоди дигари иҷтимоӣ қодир нест, ки ҷойгоҳи оиларо дар ин самт иваз намояд. Зеро неруи асосии тарбия дар оила ин муҳаббати ҳамхунӣ (зотӣ, ирсӣ) ба шумор меравад.

Арзишҳои барои оила хосро А.М. Рогова ба ду гурӯҳи зерин тақсим намудааст: арзишҳои бунёдӣ ва махсус.

Арзишҳои бунёдӣ барои тамоми намуди оилаҳо хос мебошанд. Ба арзишҳои бунёдии оила номбурда ҳам арзишҳои иқтисодӣ (моликияти оила, рӯзгордорӣ) ва ҳам арзишҳои ғайрииқтисодӣ (никоҳ, ҳамсар, фарзандон, волидайн, садоқати ҳамсарӣ, шаҳват)-ро дохил намудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ ба ташаккули арзишҳои оилавӣ се гурӯҳи омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Тамоюлоти умумиҷаҳонии рушди оила;

2. Омилҳое, ки барои кишвари мушаххас (Руссия) дар шароити ислоҳоти бозаргонӣ хос мебошанд;

3. Омилҳое, ки барои гурӯҳҳои гуногуни насли ҷавон хос мебошанд.

Номбурда ба омилҳои умумиҷаҳониии рушди оила инҳоро дохил намудааст: вусъати индивидуализм, мустақилият, барои худ зистан, бартарияти

манфиатҳои шахсӣ нисбат ба манфиатҳои оилавӣ, тағйирёбии тамоми низоми арзишҳои оилавӣ, тағйирёбии таъйиноти оила, таҳаммулпазирӣ нисбат ба намудҳои гуногуни рафтори оилавӣ, аз ҷумла шаҳвонӣ.

Ба омилҳое, ки барои кишвари мушаххас (Руссия) хос мебошанд, инҳоро дохил намудааст: вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии аксарияти аҳолӣ (мавҷудияти кори сердаромад, манзил, моликият); омилҳои сиёсати оилавӣ (мавҷудияти имкониятҳои давлат барои ҳалли мушкилоти моддӣ ва иҷтимоии оила, аз ҷумла, масъалаи манзил); омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (фарҳанг ва анъанаҳои муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеа, таҳсилоти махсус, тарбия оид ба проблемаҳои оила, тадбирҳои маърифатии дар ҷомеа оид ба масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, савияи донишҳои ҷавонон оид ба проблемаҳои оила); воситаҳои ахбори омма (барномаҳои гуногун оид ба ҳаёти оилавӣ); тавсифоти шахсӣ (шавқу завқ, афзалиятҳо, фаъолнокӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти шахсӣ).

Ба омилҳои барои гурӯҳҳои гуногуни насли ҷавон хос метавон тавсифи иҷтимоии онҳоро дохил намуд: ҷинс, синну сол, макони зист [94, 171-172].

Арзишҳои оилаи мушаххас муайянкунанда ва индикатори сатҳи фарҳанги он ба шумор мераванд. Фарҳанги оиларо метавон ҳамчун маҷмуи арзишҳои моддӣ ва маънавӣ ва натиҷаи рушди таърихии он арзёбӣ намуд. Аъзои оила (ва фарзандон) дар доираи арзишҳои оиладорӣ (фарҳанги оила) кору фаъолият намуда, ҳамзамон объекти робитаи мутақобилаи фарҳангӣ ва субъект, офарандаи арзишҳо ба шумор мераванд.

Шарти дигари педагогӣ дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ, ки дар осори мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик инъикос гардидаанд, ин гурӯҳбандӣ ва тавсифи онҳо дар ҳамбастагӣ бо таълимоту андешаҳои муҳаққиқони муосир мебошад. Зеро танҳо дар ҳамбастагии ногусастанӣ бо консепсияҳои муосир оид ба арзишҳои оиладорӣ ҷиҳатҳои барои ҷомеаи муосир ва бунёди оилаи намунавӣ созгори афкори педагогии ниёгонро муайян намудан имконпазир мегардад. Аслан арзишҳои оиладории муосир аз суннатҳои оиладории ниёгон сарчашма мегиранд ва аз насл ба насл

гузашта, як қисми онҳо бо назардошти мутобиқат накардан ба талаботи замони нав аз байн мераванд, қисми дигари онҳо бинобар ҷавобгӯ будан ба ниёзҳои аҳли ҷомеаи навбунёд боқӣ мемонанд, мазмуну моҳияти нав пайдо мекунанд. Насли калонсол бошад, дорои суннатҳои хосси оиладорӣ буда, насли наврас ҳамчун қишри бунёдгузори ҷомеаи нав бо мурури камолоти хеш низоми арзишҳояшро ташаккул медиҳад. Бинобар ин, дар раванди таълиму тарбия суннатҳои оиладории ниёгон ва арзишҳои ташаккулёбандаи насли наврас онҳоро бояд тавре ба ҳам омезишу пайванди қавӣ диҳем, ки дар натиҷа як низоми томи арзишҳои оиладории созгори ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва демокративу дунявӣ ташаккул ёбад.

Аслан, оила худ яке аз муқаддасот ва арзишҳои олиест, ки инсоният дар тули мавҷудияти хеш офаридааст. Ягон миллату халқият ва умумияти фарҳангӣ бидуни оила арзи вуҷуд накардааст. Аз ин рӯ, барои рушди мусбат, ҳифз ва таҳкими он ҷомеа, давлат ва ҳар як инсон новобаста аз синну сол манфиатдор аст. Илми муосир аллакай бартарияти оиларо дар тарбия ва камолоти насли наврас собит намудааст. Ин бартарият дар гуногунрангии робитаи мутақобила, муттасилияту мудовамати он, дар доираи арзишҳое, ки дар оила аз худ мешаванд, зуҳур меёбад. Аз ин рӯ, падару модар ҳамчун сарварони оила дар ин самт бояд собитқадам бошанд ва кӯшиш намоянд, ки бо фарзандон пайваста оид ба арзишҳои оиладорӣ суҳбату машварат кунанд.

Зимни баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ мо ба падару модарон ба саволи «Оё дар боби арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба бо фарзандонатон суҳбат кардаед?» муроҷиат намудем, ки натиҷаи он дар расми 4 инъикос ёфтааст:




***Расми 4. Натиҷаи таҳқиқи сатҳи фаъолияти падару модарон дар раванди ташаккули арзишҳои оиладории фарзандон***

Тавре ки таҳлили ҷавоби падару модарон нишон медиҳад (ниг. ба расми 4), 58, 3 фоизи падару модарон бо фарзандони худ оид ба арзишҳои оиладорӣ суҳбат мекунанд, вале 38,4 фоизи онҳо бо фарзандони худ ягон маротиба суҳбат накардаанд ва 3,3 фоиз дар ҷавоб додан душворӣ кашидаанд.

Аз ин рӯ, бо мақсади ошкор намудани сабаби чунин муносибат ва омилҳое, ки ба фаъолнокии волидайн чиҳати ташаккули арзишҳои оиладорӣ монеа эҷод мекунанд, мо ба онҳо бо саволи «Агар бо фарзандонатон оид ба арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба суҳбат накарда бошед, сабаб чист?» муроҷиат кардем, ки натиҷаи он дар расми 5 инъикос гардидааст:




***Расми 5. Тақсимоти ҷавоби падару модарон ба саволи «Агар бо фарзандонатон оид ба арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба суҳбат накарда бошед, сабаб чист?» (ба ҳисоби фоиз).***

Таҳлили ҷавобҳои падару модарон ба саволи мазкур (ниг. ба расми 5) аз он шаҳодат медиҳад, ки 41,7 фоизи онҳо гузаронидани суҳбат бо фарзандонро дар мавзуи арзишҳои оиладорӣ вазифаи китобдорону омӯзгорон меҳисобанд, 38, 3 фоизи онҳо барои суҳбат кардан бо фарзандон дар боби арзишҳои оиладорӣ вақт надоранд, ҳатто барои 15 фоизи падару модарон суҳбат бо фарзандон оид ба арзишҳои оиладорӣ шавқовар нест, 5 фоизи падару модарон бо сабабҳои гуногун - то оиладор шудани фарзанд гузаронидани суҳбатро зарур намешуморанд, аз суҳбат бо фарзандон оид ба арзишҳои оиладорӣ таъминоти моддии оиларо авлотар мешуморанд, натиҷаи чунин суҳбатҳоро мусбӣ намеҳисобанд ва ғайра. Ҳол он ки, «оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгароӣ маҳз дар оила ташаккул меёбанд» [142].

Мавриди зикри хос аст, ки дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ, бешак нақши зан-модар бағоят бузург аст.

Аз ин рӯ, Муҳаммад Ғаззолӣ дар боби тарбияи кӯдак дар оила қайд мекунад, ки сарвари оила «Бояд ки андар ибтидо ҷаҳди он кунад, то зане, ки вайро шир диҳад, ба салоҳ ва некхӯю ҳалолхора бувад, ки хӯи бад аз доя сироят кунад ва шир, ки аз ҳаром ҳосил ояд, палид бувад» [3, 381].

Беҳуда нест, ки Кайковус дар мавриди бунёди оила фармудааст, ки «Бояд ки зан тамому расида ва оқила бошад...» [57, 91]. Аз андешаи мутафаккирони тоҷик бармеояд, ки нақши зан дар тарбияи кӯдак басо пурмасъулият аст, сатҳи донишу фаҳмиш, ақлу фаросат, хулқу атвор ва фазилати вай ногузир ба кӯдак таъсир мерасонад.

Аз ин ҷост, ки дар замони муосир сатҳи фарҳанги ҳар миллат ва пешрафти ҳар кишвар аз муносибат нисбат ба занону модарон, аз мақому манзалати онҳо дар ҷомеа муайян карда мешавад. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми мулоқоту суханрониҳо пайваста

нисбат ба  зан-модар бо эҳтирому самимияти хосса ибрози назар намуда, бунёди ҷомеаи навро бидуни ширкати фаъолонаи занон имконнопазир меҳисобанд. Сарвари мамлакат дар яке аз суханрониҳо, аз ҷумла, қайд намуданд, ки «Бузургтарин ҳадафе, ки имрӯз дар назди мо қарор дорад, сохтмони ҷомеаи ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва демократӣ мебошад. Вобаста ба ин, мо бояд амиқ дарк намоем, ки бе ширкати фаъолонаи занон расидан ба ин ҳадафи бузург мушкил аст.

Зеро ба уҳдаи зан — модар, ки меҳвари асосии ҳар хонадон аст, аз рӯзи азал вазифаи муқаддас ва басо масъулиятнок— тарбияи инсони нав ва дар ниҳоди вай ҷойгир намудани ахлоқи ҳамида, шафқат ва муҳаббат, эҳсоси ватанпарварию миллатдӯстӣ, қудрати созандагию офаридагорӣ гузошта шудааст» [142].

Имрӯз занон зиёда аз нисфи аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ин неруи бузургро дар тамоми риштаҳои зиндагӣ, ҳалли мушкилот ва вазифаҳои муҳими ҷомеаи навбунёд самаранок истифода бурда тавонистан яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад.

Агар мо осори адибони классики тоҷикро бо ҳусни зеҳн мутолиа кунем, аз ин ганҷинаи пурбаҳо ҳазорҳо далели бузургии зан-модарро дармеёбем ва мутмаин мегардем, ки воқеан дар масири кору пайкор ва талоши хеш ба сӯи камолоту тавоноӣ бани башар маҳз бо шарофати заҳматҳои шабонарӯзии зан-модар ба мақсад расидааст.

Аз ин рӯ, дар амсилаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ яке аз рукнҳои асосӣ – зан модар маҳсуб меёбад ва барои он ки вай функсияи педагогии худро дар шароити оила ба таври мукаммал иҷро карда тавонад, тамоми ниҳодҳои дигаре, ки дар фароҳам овардани шароитҳои мусоиди педагогӣ масъуланд, бояд ҳангоми тарҳрезиии тамоми барномаву тадбирҳо маҳз ҳамин рукни муҳим, яъне, зан-модар ва нақши созандаи ӯро дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ аз мадди назар дур накунанд.

Бо шарофати истиқлолияти давлатӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолгардонии нақши занон дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии мамлакат

ҳамаи омилҳо мавҷуданд, яъне, заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шароити иҷтимоиву фарҳангӣ ва иқтисодиву сиёсӣ фароҳам оварда шудаанд.

Аз ҷумла, аз соли 1997 ҷудо гардидани квотаҳои президентӣ барои таҳсили духтарон аз ноҳияҳои кӯҳистон, Фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», қабули Кодекси оила, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаи «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсис ва ҷудо намудани грантҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016-2020», «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007- 2016», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» муҳимтарин санадҳое мебошанд, ки барои беҳтар гардонидани ҳаёти иҷтимоии занон нақши ҳалкунанда мебозанд.

Илова бар ин, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2015 ҳамчун «Соли оила» дар кишвар, таъсиси маҷаллаи «Бонувони Тоҷикистон», соли 2014 ба узви Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мақоми зан шомил гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фаъолияти самараноки занону бонувон дар ҷомеа имкониятҳои васеъ ва заминаи боз ҳам мусоид фароҳам овdefinitions.

Метавон зикр намуд, ки ҷанбаи аксиологии (моҳияти арзишии) оила ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Ин бори дигар аз он шаҳодат

медиҳад, ки зарурати омӯзиши арзишҳо ва муқаддасоти гузашта ва имрӯзаи оилаи тоҷик, аз ҷумла, нақши зан-модар дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ дарк ва дар таҳқиқоти иҷтимоӣ-фалсафӣ ва педагогӣ мавриди пажӯҳиши ҷудогона қарор дода нашудааст.

Масъалаҳои маърифати оиладорӣ, ташаккули арзишҳои оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва таъмини пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки таваҷҷуҳи пайвастаи олимону мутахассисон, тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Мавриди зикри хос аст, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ нақши калидӣ мебозанд, зеро 11 соли ҳаёти насли наврас маҳз дар ҳамин муҳит гузашта, онҳо барои дарки моҳияти аксарияти масъалаҳои муҳими сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва амсоли инҳо имконияти мусоиди бештар доранд.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъала, имрӯз дар низоми таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат омӯзиши фанни «Маърифати оиладорӣ» ба роҳ монда шудааст, ки зимни таълими он омӯзгорон ба хонандагон – падару модарони оянда масъалаҳои хусусиятҳои хосси ташкили оила, омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, никоҳ ва оила, одоби муносибат дар оила, оила ва тарбияи фарзанд, танзими оила ва ҳифзи солими он, дар маҷмуъ, фарҳанги хонаводагиро меомӯзанд. Вале бояд зикр намуд, ки раванди ташаккули арзишҳои оиладориро танҳо бо омӯзиши фанҳои ҷудогона маҳдуд кардан мумкин нест. Ба андешаи ин ҷониб, танҳо омӯзиши мақсадноки силсилаи фанҳои таълимӣ, ташкили муттасили хониши берунназсинфӣ ва чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ барои ташаккули мукаммали арзишҳои оиладорӣ мусоидат карда метавонад.

Дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ мо ба омӯзгорон ва хонандагони МТМУ , инчунин, падару модарон бо саволи «Ба андешаи

Шумо барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ таълими кадом фанҳоро ба роҳ мондан зарур аст?» муроҷиат намудем.

Аз ҷумла, ба саволи «Барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ Шумо бештар таълими кадом фанҳоро зарур мешуморед? омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин посух доданд?» (ниг. ба расми 6).




***Расми 6. Сатҳи зарурияти таълими фанҳо барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири насли наврас (тақсимоти ҷавоби омӯзгорони МТМУ ба ҳисоби фоиз)***

Агар ҷавоби омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба саволи «Барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ Шумо бештар таълими кадом фанҳоро зарур мешуморед?» тариқи рейтинг арзёбӣ карда шавад (ниг. ба расми 6) се мақоми аввалро дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ фанҳои «Маърифати оиладорӣ», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» ва «Адабиёти тоҷик» мутаносибан бо 21.0%, 20.0% ва 17.9% ишғол мекунанд.

Натиҷаи пурсиши хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳамин савол нишон дод, ки ин категорияи респондентҳо мақоми аввалро дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ бо 21.7% ба фанни «Маърифати оиладорӣ», мақоми дуюмро бо 18.3% ба фанни «Адабиёт» ва мақоми сеюмро бо 17.5 фоиз ба фанни «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» нисбат медиҳанд.

Падару модарон дар ин маврид бо омӯзгорону хонандагон ҳамақида буда, аммо дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ мақоми аввалро бо 31.7 % ба

фанни «Маърифати оиладорӣ», мақоми дуюмро бо 26.7 % ба фанни «Одоби муоширати ва рӯзгордорӣ» ва мақоми сеюмро бо 11.7 % ба фанни «Ахлоқ» додаанд. Яъне, падару модарон дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ мақоми фанни «Ахлоқ»-ро нисбат ба «Адабиёт» афзалтар шуморидаанд.

Таҳаввулоти иҷтимоӣ дар ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистон боиси тағйироти куллӣ дар мундариҷаи равобит ва муносибатҳои иҷтимоӣ, трансформатсияи сохторҳои иҷтимоӣ ва дигаргуниҳо дар моҳияту мазмуни фаъолияти ниҳодҳои иҷтимоӣ гардид. Таҳаввулоти мазкур ба яке аз ниҳодҳои муҳими иҷтимоӣ - оила низ таъсири бузург расонида, мавқеъ, нақш ва механизмҳои тарбиявии онро тағйир дод. Ба андешаи сотсиологҳо, дар шароити имрӯза оилаи муосир тадриҷан аломатҳо ва функсияҳои хосси худро аз даст дода истодааст [70, 22].

Имрӯз дар зери таъсири омилҳои экзогенӣ (беруна -Т.О.) ва эндогенӣ (дохилӣ -Т.О.) дар кишварҳои гуногун вайроншавии нақши оилаҳо дар ҷомеа, функсияҳои суннатии он, дигаргуншавии низоми арзишҳои оиладорӣ баръало ба назар мерасад. Ин тағйирот дар камшавии аъзои оила, афзудани шумораи ҷудошавиии оилаҳо, болоравии синну соли ақди никоҳ (дар баъзе кишварҳо - баръакс, афзудани шумораи синну соли навхонадорони камтаҷриба) ва ғайра ба назар мерасад. Алабатта, дар ҳар кишвар бо назардошти вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, рушди фарҳанг ва илму маориф суръат ва сатҳу сифати ин дигаргуниҳо гуногун аст. Дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [144] қайд намуданд, «Дар масъалаи бақайдгирии ақди никоҳ (дар Тоҷикистон -Т.О.) вазъ ба куллӣ тағйир ёфт. То қабули қонун («Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»- Т.О.) ҳар сол дар кишвар беш аз 57 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта мешуд. Тибқи

маълумоти оморӣ, танҳо дар шаш моҳи баъди қабули қонун шумораи ақди никоҳ дар кишвар то 23 ҳазор зиёд гардида, соли 2007 ба 97 ҳазор ва соли 2008 ба 106 ҳазор расид.

Бо вуҷуди чунин тамоюли мусбат, қайд намуданд, Пешвои миллат,…ҳар сол аз шумораи умумии ақди никоҳи оилаҳои ба қайд гирифташуда 10 фоизи онҳо, бахусус, оилаҳои ҷавон бекор мешаванд» [143]. Мутаассифона, ин раванд дар ҷумҳурӣ беш аз пеш вусъат меёбад. Тибқи маълумоти оморӣ шумораи талоқҳои бақайдгирифташуда дар мамлакат дар соли 2015 – 8346, соли 2016 – 8845, соли 2017 – 10 053 ва соли 2018 – 10 976-ро ташкил додааст [129]. Дар баробари ин, тавре ки Пешвои миллат санаи 21 майи соли 2021 зимни суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар иброз намуданд, тибқи маълумот дар се солу чор моҳи охир дар кишвар 252 ҳазор ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст. Вале дар ҳамин давра қариб 38 500 оилаҳои ҷавон пош хӯрдаанд, ки ниҳоят ташвишовар мебошад» [147] ва ин барои кишваре, ки мардумони он дорои суннатҳои қадима ва арзишҳои волои оиладорӣ мебошанд, падидаи воқеан номатлуб аст.

Сабабҳои асосии ин гуна тамоилро сарвари давлат пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона, бе муоинаи пешакии тиббӣ хонадор кардани фарзандон, ки аксаран бо айби падару модарон рӯй медиҳад, қабл аз хонадоршавӣ ба эътибор нагирифтани вазъи саломатии фарзандон ва ҳамчун натиҷаи он – афзудани шумораи таваллуди кӯдакони маъюб, инчунин, никоҳи хешовандӣ, волидайни гирифтори нашъамандӣ арзёбӣ намуданд.

Воқеан, дар раванди озмоиши таҷрибавӣ, ки дар ҷамоатҳои деҳоти «Ситораи сурх» ва «Обшорон»-и ноҳияи Ёвон, инчунин, ҷамоати деҳоти «Машъал»-и ноҳияи Вахш гузаронида шуд, 25 фоизи падару модарон, 18, 1 фоизи хонандагони синфҳои 7-11 ва 7, 4 фоизи омӯзгорони МТМУ қайд намудаанд, ки барои бунёд ва пойдории оила омилҳои фарҳангӣ-миллӣ, яъне, серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик таъсири бештар доранд. Ин бори

дигар шаҳодат медиҳад, ки қисми муайяни падару модарон нисбат ба бунёд ва пойдории оила ҷонибдори ақидаҳои консервативӣ мебошанд. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҳрезии чорабиниҳои гуногун омили мазкур бояд аз мадди назар дур намонад.

Тамоюлоте, ки дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ ба вуқуъ меоянд, ба равандҳое, ки дар макросатҳ ба вуҷуд меоянд, робитаи мустақим ва зич дошта, камбудиҳое, ки дар дохили оила ба назар мерасанд, ба фаъолияти ниҳодҳои дигари ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ, ба низоми иҷтимоии ҷомеаи тозаистиқлоли тоҷик бетаъсир намемонад. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи таҳкими оила, ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ пайваста ғамхорӣ зоҳир намуда, дар ин самт тадбирҳои муассир меандешад.

Аз ҷумла, Фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», қабули Кодекси оила, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаи «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо ташаббуси Пешвои миллат эълон гардидани соли 2015 ҳамчун «Соли оила» аз зумраи муҳимтарин тадбирҳое мебошанд, ки ба таҳкими мақоми оила дар ҷомеа ва боз ҳам фаъол гардонидани нақши зан – модар дар ташаккул ва рушди арзишҳои оиладорӣ равона карда шудаанд.

Аз ин рӯ, роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста мақомоти дахлдори давлатӣ, пеш аз ҳама вазоратҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, адлия, кумитаҳои кор бо занон ва оила, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллиро вазифадор менамоянд, ки ба масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон, пешгирӣ

намудани никоҳи байни хешовандони наздик, бемориҳои сироятӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати оиладорӣ, беҳтар намудани раванди тарбияи фарзандон, омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд, зеро аз ҳалли мусбати онҳо хушбахтиву пойдории оилаҳои ҷавон ва дар маҷмуъ солимии ҷомеа вобастагии зич дорад.

Дар оилае, ки зану шавҳар ҳангоми ҳаллу фасли ҳама гуна масъалаҳои рӯзгор бо ҳамдигар маслиҳату машварат намуда, бо ризоияти тарафайн амал мекунанд, низоъу ихтилоф камтар ба назар мерасад, ин гуна оилаҳо босубboту устувортаранд. Дар ин бобат Ғаззолӣ мефармояд, ки «Зан чунон бояд, ки бо шавҳар дар зоҳиру ботин яке бувад» [80, 172]. Маъмулан, зани оқилу бофарҳанг мушовири хубу беғарази ҳамсари худ аст, ӯ омодааст, ки ба хотири ҳифозати назми хонавода дар аксар маврид таҳаммулпазир бошад, бо истифода аз савияи маърифати оиладории хеш, таҷрибаи андӯхта дар самти рӯзгордорӣ ва маслиҳату машварати худ дар тарбияи фарзанд, ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва ба ин васила дар пешрафту шукуфоии ҷомеа нақши муассир гузорад.

Аз ин рӯ, шарти дигар ва бағоят муҳими педагогӣ, ки ба ҷараёни ташаккули арзишҳои оиладорӣ таъсири мусбат мерасонад, ин тарғибу ташвиқи ҳамаҷонибаи таҷрибаи рӯзгордидаи ҳамин гуна занҳо дар ҷомеа мебошад. Барои ин аз имкониятҳои тарбиявии тамоми ниҳодҳои барои тарбияи оилавӣ масъул – худи оила, муассисаҳои томактабӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу гимназияҳо, муассисаҳои таҳсилоти касбии тамоми зинаҳо, ВАО, шабакаи глобалии интернет истифода бурдан ба манфиати кор хоҳад буд.

Вобаста ба ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои иттилоотӣ, имрӯз дар оилаи муосир тағйироти куллӣ ба амал омада истодааст, аз ин рӯ, барои дарки ин дигаргуниҳои ба ҳам вобаста ва арзёбии бақову инкишофи ояндаи оила таҳқиқоти доманадори фалсафию сотсиологӣ ва педагогӣ ногузир мегарданд. Бо истифода аз тамоми имкониятҳои дастрас ҳангоми баргузории ҳамин гуна таҳқиқоти сотсиологӣ бояд дар пурсишномаҳо ҳатман саволҳое ворид

гарданд, ки зарурат ва аҳамияти омӯзиши афкори педагогии ниёгон ва роҳҳои дар назария ва амалияи тарбияи оилавӣ ворид намудани таълимоти педагогии ниёгонро дар ин самт ошкор карда тавонанд.

Аз ҷониби дигар, оила дар ҳар як ҷомеаи мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад ва дар мавриди бартарият пайдо намудани арзишҳои нави оиладорӣ, қонуниятҳои нави инкишофи ҷомеа дар низоми арзишҳои он таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуқуъ меояд, ки баъзан ба устуворӣ ва суботи он таъсири манфӣ мерасонанд.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла, Н.Д. Никандаров ин тағйиротро дар оилаи муосир ҳамчун «болоравии арзишҳои инфиродӣ дар соҳаи фарҳанг» арзёбӣ намуда, [83, 55], гурӯҳи дигар бошад, онро «бухрони ниҳодҳои оилавӣ» [53, 77] маънидод кардаанд.

Воқеан, дар даҳсолаи охир бевафоӣ (аҳдшиканӣ) дар никоҳ, азбайнравии оилаҳо, бепарвоии волидайн дар раванди таълиму тарбияи фарзандон, афзудани шумораи модарони танҳо, зиёдшавии исқоти ҳамл, таваллуди фарзандони берун аз никоҳ ва дигар падидаҳои номатлуб дар ҳаёти оилавӣ бештар ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, қабл аз ақди никоҳ ҳар ду ҷониб – домоду арус бояд ба масъалаи барпо намудани оила масъулияти баланд зоҳир кунанд. Дар ин маврид Ғаззолӣ мефармояд, ки «Воҷиб аст бар мардуми донову ҳушёр, ки эҳтиёт кунад дар кори зан хостану духтар ба шавҳар додан, хосса, ки духтар расида гашт, то бо ору айб ва дарди сар наафтад» [80,173].

Таҳқиқоти озмоишӣ нишон дод, ки хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ дар сатҳи зарурӣ тасаввурот надоранд. Беҳуда нест, ки 51, 3 фоизи хонандагон дар гурӯҳи назоратӣ ва 9,1 фоиз дар гурӯҳи озмоишӣ ба 20 саволҳои пешниҳодшуда дар мавзуи оила ва арзишҳои оиладорӣ ҷавоби нодуруст гардонидаанд Танҳо пас аз гузаронидани чораби-нии тарбиявӣ ва иҷрои супоришҳо дар доираи барномаи хониши беруназ-синфӣ оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ ҳиссаи ҷавобҳои дурусти пурра дар гурӯҳи назоратӣ ба 36,3 фоиз ва дар гурӯҳи озмоишӣ 71,3 фоиз баробар шуд

Албатта, ҳар як давлат ба пойдории оила манфиатдор буда, кӯшиш менамояд, ки тавассути тадбирҳои гуногун ба устувории оила ва маърифати оиладорӣ мусоидат намояд. Дар ин радиф метавон аз ташаббусҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва эълони соли 2015 ҳамчун «Соли оила» ёдовар шуд, ки онҳо бори дигар аз таваҷҷуҳу ғамхориҳои Пешвои миллат дар самти бунёди оилаи солим шаҳодат медиҳанд. Ба андешаи Пешвои миллат «…масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи проблемаҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомоти давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти аҳамияти масъала, мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад [137].

Дар моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар радифи уҳдадориҳои гуногуни волидайн дар самти тарбияи фарзанд, аз ҷумла, қайд гардидааст, ки падару модар уҳдадоранд:

- барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё намоянд;

- фарзандро ба зиндагии мустақилона омода намоянд;

- фарзандро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намоянд» [135].

Аз муҳтавои қонуни мазкур бармеояд, ки яке аз уҳдадориҳои муҳими падару модар ин ташаккули на танҳо арзишҳои оиладорӣ, балки дар руҳияи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тарбия намудани фарзандон мебошад.

Дар мавриди масъулияти падару модар андар тарбияи фарзанд Кайковус таъкид мекунад, ки «Агар Худои таоло туро фарзанд диҳад, андеша кун бар

парвардани он». Ғаззолӣ бошад, фарзандро амонат дар дасти падару модар дониста, ҳамчун замини пок тавсиф намуда, қайд мекунад, ки «Агар тухми хайр афканӣ, ба саодати дину дунё бирасад ва модару падар ва устод дар он савоб шарик бошанд» [4, 32].

Барои он ки падару модар аз уҳдаи иҷрои ин уҳдадорӣ дар сатҳи барои ҷомеа созгор бароянд, бояд ниҳодҳои дигари ҷомеа ба раванди ташаккули фарҳанги педагогиву оиладории онҳо мусоидат намоянд.

Ба андешаи муҳаққиқ С. Шосаидзода «фарҳанги педагогии падару модарон, аз ҷумла, фарҳанги ислоҳи рафтори номатлуби фарзандон, ин дар маҷмуъ силсилаи тадбирҳо ва тарзу усулҳои худафрӯзии (худфизоии) шахсияти волидайн дар шаклу намудҳои гуногуни фаъолияташон дар самти идоранамоии ҳаёти оилавӣ мебошад, ки дар раванди он арзишҳои ниёгон эҳё ва аз худ мешаванд, интиқол меёбанд ва дар ҳамин замина бо омезиши ганҷинаҳои ғановатманди дирӯзу имрӯз барои рӯзгори ояндагон арзишҳои нав ташаккул ва рушд меёбанд» [122, 92].

Аз ин рӯ, барои он ки арзишҳои оиладорӣ ташаккул ва рушд ёбанд, бояд қабл аз ҳама, падару модарон худашон дар заминаи арзишҳои волои оиладорӣ, суннатҳои беҳтарини рӯзгордорӣ, ки аз мероси бузурги ниёгонамон сарчашма мегиранд, тарбия ёфта бошанд, набзи замонро бо тамоми таҳаввулоти барои оила хос эҳсос кунанд, аз ниёзу интизориҳои фарзандон огоҳ бошанд, хулоса, бояд дорои фарҳанги баланди педагогиву оиладорӣ бошанд, зеро, тавре ки Пешвои миллат қайд намудаанд, – «ҷомеаи солим аз оилаи солим ва насли солим ташаккул меёбад» [137].

Ҳамин тавр, омӯзиши афкори педагогии Кайковус ва Ғаззолӣ ва таҳлили натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки дар заминаи тавсияҳои асосноки илмӣ амсилаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ таҳия гардад. Амсилаи (модели) ташаккули арзишҳои оиладориро дар шакли низоми динамикии мукаммали педагогӣ, ки барои азнавсозӣ доимо кушода аст, тасаввур кардан мумкин аст. Он аз қисмҳои ба ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобастаи зерин иборат аст:

- назариявӣ-методологӣ;
- меъёрӣ-баҳодиҳӣ;
- психологӣ-педагогӣ.

Мавҷудияти қисмҳои мазкур имкон медиҳад, ки ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ таъсиррасонии комплексӣ (маҷмуӣ) ва самарабахши психологӣ-педагогӣ равона карда шавад.

Аммо барои ташаккули самарабахши арзишҳои оиладорӣ қаблан бояд шароитҳои зерини педагогӣ фароҳам оварда шаванд:

1. Шароитҳое, ки ба ташаккули ҷаҳонбинӣ равона карда шуда, барои дарки оила ҳамчун арзиш ва муқаддасоти шахси алоҳида ва дар маҷмуъ, ҷомеа мусоидат намоянд;

2. Шароитҳое, ки аз унсурҳои тарбиявӣ-маърифатӣ иборат буда, барои категорияҳои аз нигоҳи неруи ақлонӣ, сатҳи маълумотнокӣ, таҷрибаи ҳаётӣ, аз ҷумла, ҳаёти оилавӣ нисбатан пасттари таълимгирандагон (хонандагон, падару модарон) фароҳам оварда шудаанд:

а) бунёди фазои таҳсилоте, ки ба баланд бардоштани сатҳи омодагии **назариявӣ** ва амалии таълимгиранда оид ба оила, никоҳ ва дигар арзишҳои оиладорӣ равона карда шудааст;

б) фароҳам овардани фазои иттилоотӣ дар макони таҳсилот бо мақсади вусъати ҳаҷм ва беҳтар намудани сифати иттилооти дастрасшаванда, корҳои методӣ ва ташкилӣ-оммавӣ ҷиҳати ғанӣ гардонидани донишҳо оид ба муносибатҳои никоҳу оиладорӣ;

3. Шароитҳое, ки ба ягонагии мақсаду вазифаҳо ва роҳу усулҳои таъсиррасонии психологӣ-педагогӣ ба шуур, ҳиссиёт ва рафтори насли ҷавон асос ёфта, дар натиҷаи робитаи мутақобилаи муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, хусусӣ, таълимӣ ва оила имкон фароҳам меоранд. Дар натиҷа, ҳар як аъзои ҷомеа ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ ҷалб карда шавад, тавассути шаклҳои гуногуни кор ва робитаи мутақобилаи ниҳодҳои мазкур қобилиятҳои таълимгиранда ба ҳаёти оилавӣ ва масъулияти падарию модарӣ ошкор карда шаванд.

## 2.2. Озмоиши таҷрибавии технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ниёгон дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир

Бо мақсади татбиқи технологияи педагогии истифодаи самарабахши афкори педагогии мутафаккирони асри XI дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир озмоиши таҷрибавӣ гузаронида шуд.

Ба сифати пойгоҳи экспериментали таҳқиқот 7 муассиса - МТМУ №25, 29, 33, 35 ноҳияи Ёвон ва МТМУ №43, 44, 58 ноҳияи Вахш интихоб гардиданд. Ҳангоми омӯзиши муносибати падару модарон оид ба арзишҳои оиладорӣ респондентон асосан аз ҷамоатҳои деҳоти «Ситораи сурх» ва «Обшорон»-и ноҳияи Ёвон, инчунин, ҷамоати деҳоти «Машъал»-и ноҳияи Вахш, яъне, аз ҳамон мавзеъҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии номбурда фаъолият доранд, интихоб гардиданд.

Ба намудҳои гуногуни таҳқиқот дар маҷмуъ 95 нафар омӯзгор, 430 нафар хонандагони синфҳои 7-11-и муассисаҳои мазкур, инчунин 60 нафар падару модарон фаро гирифта шуданд.

Кори таҳқиқотӣ дар се давра гузаронида шуда, дар заминаи истифода аз методҳои илмии омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳо, аз ҷумла адабиёти илмӣ оид ба проблемаи таҳқиқ, эмпирикӣ – мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш (шифоҳӣ ва хаттӣ), тест, суҳбат, таҳлили маводи таълимӣ, таълимӣ-методӣ, омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогӣ, озмоиши муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда, назоратӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти амалӣ, коркарди математикии натиҷаҳои таҳқиқот анҷом дода шуд.

Андӯхти доираи муайяни донишҳои хонандагони МТМУ оид ба арзишҳои оилавӣ зимни омӯзиши фанҳои таълимии «Таърихи халқи тоҷик», «Маърифати оиладорӣ», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» ва таҳияи саволнома имкон дод, ки дар доираи озмоиши шаклдиҳанда тасаввурот ва сатҳи дониши хонандагон оид ба арзишҳои оиладорӣ санҷида шавад.

Ба сифати меъёрҳои арзёбии сатҳи дониши хонандагон арзишҳое интихоб гардиданд, ки дар бунёд, таъмини солимӣ ва пойдории оила нақши барҷаста доранд.

Ба андешаи мо, арзишҳои оиладорӣ ин маҷмуи эътиқоду ғояҳо, анъанаву суннатҳо, мақсаду ормонҳо ва меъёру қоидаҳои муносибати байниҳамдигарии аҳли хонаводаи мушаххас аст, ки дорои решаҳои амиқи таърихӣ мебошанд ва тавассути онҳо оила имкон пайдо мекунад, ки функсияҳои иҷтимоии хешро дар сатҳи барои ҷомеа матлуб анҷом дода, солиму пойдор боқӣ монад.

Сатҳу сифати донишҳои хонандагон оид ба арзишҳои оилавӣ аз ҷониби мо тавассути шаклу услубҳои назоратӣ, саволнома, таҳлили баҳои хонандагон аз фанни «Адабиёти тоҷик», «Маърифати оиладорӣ», «Одоби муоширaт ва рӯзгордорӣ», суҳбат, худбаҳодиҳӣ, санҷиш озмуда шуд.

Бо назардошти он ки тасаввурот ва дониши хонандагон оид ба арзишҳои оиладорӣ, инчунин, дар муҳити берун аз мактаб - оила, муошират бо ҳамсолону рафиқон, ҳамсоягон, хониши беруназсинфӣ, фазои иттилоотии муосир - китобхона, интернет, воситаҳои ахбори омма ва ғайра ташаккул мeёбанд, барои муайян кардани доираи васеи афкору андешаи хонандагон оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ аз пурсишнома низ истифода бурда шуд.

Бо мақсади муайян намудани доираи донишҳои хонандагони МТМУ оид ба арзишҳои оиладорӣ, ки онҳо раванди омӯзиши фанҳои «Адабиёти тоҷик» дар синфҳои 7-11-ум, «Маърифати оиладорӣ» дар синфи 9-ум ва мутолиаи китоби тарбиявии «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» дар синфҳои 8-9-ум аз худ кардаанд, дар ҷараёни таҳқиқот «Пойгоҳи маълумот оид арзишҳои оиладорӣ» ташкил карда шуд, ки он фарогири рӯйхати адабиёти илмӣ оид ба мавзуъ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ, порчаҳо аз осори мутафаккирони тоҷику форс, тесту саволномаҳо, намунаи пурсишномаҳо ва беш аз 500 савол мебошад.

Дар доираи озмоиши шаклдиҳанда *бо ёрии саволнома* сатҳи дониши 430 нафар хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

оид ба арзишҳои оиладорӣ санҷида шуд. Таҳлили натиҷаҳои он дар расми 7 нишон дода шудаанд.




***Расми 7. Тағйирёбии сатҳи дониши хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ (дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ)***

Аз таҳлили маълумоти дар расми 7 инъикосёфта бармеояд, ки дар гурӯҳи озмоишӣ сатҳи дониши хонандагон нисбат ба гурӯҳи назоратӣ баландтар буда, ҷавобҳои дурусти пурра 71.3 фоиз ва ҷавобҳои нодуруст 9.1 фоизро ташкил медиҳанд. Хонандагони гурӯҳи озмоишӣ мавод оид ба арзишҳои оиладориро аз фанҳои «Адабиёти тоҷик», «Маърифати оиладорӣ», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ», ки аз ҷониби муҳаққиқ дар мувофиқа бо омӯзгорон барои хониши беруназсинфӣ тавсия шуда буд, дар сатҳи зарурӣ аз худ кардаанд. Дар ҷараёни суҳбат  хонандагони гурӯҳи озмоишӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ, аз ҷумла, дарки моҳияти никоҳ, муҳаббат нисбат ба ҳамсар, фарзандон ва падару модар, вафодорӣ, якдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтироми ҳамдигар ва калонсолон дар оила, саломатии аҳли оила, сарфаю сариштакорӣ, моҳияти илму адаб барои пойдории оила, таҳаммулпазирӣ ҳамчун омили муҳими якдигарфаҳмӣ ва субот дар оила, омода будани аъзои оила ба кумаки ҳамдигар дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ ва амсоли инҳо ба саволҳо ҷавоби саҳеҳ гардониданд.

Аз таҳлили натиҷаи озмоиши шаклдиҳанда бармеояд, ки новобаста аз сатҳи мавҷудаи донишҳои хонандагони синфҳои 7-11 оид ба арзишҳои оиладорӣ, онҳо дар тули ҳаёти оилавӣ барои такмили минбаъдаи чунин донишҳо ниёз пайдо мекунанд. Зеро дар зери таъсири таҳаввулоти ҷомеа

ҳаёти оилавӣ тағйирпазир мегардад, раванди дарки моҳияти арзишҳои оиладорӣ аз ҷониби аъзои нави оила дигаргун мешавад ва вобаста ба он зарурати тафсири мундариҷаи арзишҳои мавҷуда ва нави оиладорӣ ба миён меояд.

Аз ин рӯ, барои дарки моҳияти арзишҳои оиладорӣ, ҷорӣ намудан, арҷ гузоштан ва ташаккул додани онҳо дар замири онҳое, ки бунёдгузори оила хоҳанд шуд, фаъолияти муназзам ва мунтазами тамоми ниҳодҳои иҷтимоии масъули таълиму тарбия зарур мебошад.

Вобаста ба ин, зарурати дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ санҷидани сатҳи самаранокии барномаҳои амалкунандаи таълимӣ, татбиқи тарзу усулҳои муосири таълим ва асосноксозии тавсияҳои илмӣ ҷиҳати такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба миён омад. Бо ин мақсад, дар раванди таҳқиқот методи омӯзиши асноди таълимӣ ва пурсиши хаттӣ (тавассути паҳн намудани пурсишнома дар байни категорияи номбурдаи респондентҳо) истифода бурда шуд.

Аз ҷумла, бо назардошти сатҳи мураккабии саволҳои пешниҳодшуда ба таври интихобӣ савияи дониши хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ то озмоиш ва баъди озмоиш оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ аз рӯи саволномаи зерин санҷида шуд:

Ҷадвали 4

**Саволҳо**

барои муайян кардани сатҳи дониши хонандагони синфҳои 7-11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ

| № | Савол ва супоришҳо | Холҳо |
|---|---|---|
| 1. | Оила чист? | |
| 2. | Зери мафҳуми «арзишҳои оиладорӣ» чиро мефаҳмед? Мисолҳо оред. | |
| 3. | Оилаи намунавӣ гуфта чӣ гуна оиларо мегӯянд? | |
| 3. | Арзишҳои оиладории тоҷиконро номбар кунед | |
| 4. | Якдигарфаҳмӣ чӣ маъно дорад? | |
| 5. | Никоҳ барои пойдории оила чӣ аҳамият дорад? | |
| 6. | Оё падар ва модар дар таълиму тарбияи фарзандон масъулият доранд? | |

| | | |
|---|---|---|
| 7 | Мафҳумҳои «муҳаббат» ва «вафодорӣ»-ро шарҳ диҳед | |
| 8 | Суннатҳои меҳмоннавозии тоҷиконро номбар кунед | |
| 9 | Андар боби шинохти ҳаққи падар ва модари хеш ибрози назар кунед | |
| 10 | Сарфаю сариштакорӣ барои пойдории оила чӣ аҳамият дорад? | |
| 11 | Ҷашну маросими оилавиро номбар кунед | |
| 12 | Ҳурмату эҳтироми калонсолон барои солимию пойдории оила чӣ аҳамият дорад? | |
| 13. | Аҳамияти илму дониш ва адабро барои пойдории оила бо мисолҳо фаҳмонед | |
| 14. | Некӣ ва некиомӯзии фарзандон барои солимӣ ва пойдории оила чӣ аҳамият доранд? | |
| 15. | Аъзои оила дар кадом маврид бояд ба ҳамдигар дасти кумак дароз кунанд? | |
| 16. | Солимии фарзандон ва дигар аъзои оила барои пойдории оила чӣ аҳамият дорад? Бо мисолҳо шарҳ диҳед. | |
| 17. | Барои бунёди оилаи намунавӣ навхонадорон бояд дорои кадом хислатҳо бошанд? | |
| 18. | Кадом сабабу омилҳо боиси парокандагӣ ва аз байн рафтани оилаҳо мегарданд? | |
| 19. | Шумо ба онҳое, ки оила бунёд кардан мехоҳанд, чӣ маслиҳату тавсия дода метавонед? | |
| 20. | Оилаҳои намунавии маҳали зистатонро бо номбар намудани бартарияти онҳо нисбат ба дигар оилаҳо шарҳу эзоҳ диҳед. | |

Натиҷаи сатҳи дониши хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ, ки тариқи саволномаи мазкур санҷида шуд, дар ҷадвали 5 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 5**

**Натиҷаи арзёбии дониши хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ оид ба арзишҳои оиладорӣ**

| Шумораи хонандагон | То озмоиш | Баъди озмоиш |
|---|---|---|
| 210 | 13.7% | 94.1% |

Аз таҳлили натиҷаи озмоиш бармеояд, ки (ниг. ба ҷадвали 5) пас аз пешниҳоди саволнома (ниг. ба ҷадвали 4) ташкил ва гузаронидани омодагии махсус сатҳи дониши хонандагон оид ба арзишҳои оиладорӣ ба таври назаррас баланд гардид, ки ин шаҳодати равшани афзудани майлу рағбати хонандагон нисбат ба мавзуи арзишҳои оиладорӣ ва дарки моҳияти иҷтимоии он барои бунёд ва пойдории оилаи солим мебошад. Натиҷаҳои

суҳбат, пурсишнома ва санҷиш бо ёрии усулҳои математикию оморӣ таҳлил ва коркард шуданд. Дар ҷараёни таҳлилу коркарди маводе, ки дар натиҷаи озмоиш ба даст омаданд, сатҳи дониши хонандагон оид ба арзишҳои оиладорӣ муайян карда шуд.

Илова бар ин, дар раванди озмоиши муқарраркунанда бо 473 нафар хонандаи синфҳои 7-11-и МТМУ №25, 29, 33, 35 ноҳияи Ёвон ва МТМУ №43, 44, 58 ноҳияи Вахш оид ба арзишҳои оиладорӣ *суҳбат* гузаронида шуд. Таҳлили ҷараёни суҳбат ва ҷавоби хонандагон нишон дод, ки онҳо зарурати ворид намудани мавзуи арзишҳои оиладорӣ ва зиёд намудани теъдоди соатҳои таълимиро барои омӯхтани он зикр намуданд.

Ҳамзамон, бо истифода аз методи пурсиш (паҳн намудани пурсишнома) мавқеи омӯзгорон, хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва падару модарон оид ба бартарияти таълими фанҳои ҷудогона дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ муайян карда шуд.

Озмудашавандагон (омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба саволи «Оё барномаҳои амалкунандаи таълим ва тарзу усулҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар иҷрои вазифаҳои тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, дарки арзишҳои оиладорӣ самарабахш мебошанд?» Чунин посух доданд:




***Расми 8. Сатҳи самаранокии барномаҳои амалкунанда ва тарзу усулҳои таълим дар МТМУ (тақсимоти ҷавоби омӯзгорони МТМУ ба ҳисоби фоиз).***

Таҳлили натиҷаи ҷавоби респондентҳо - омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ниг. ба расми 8) нишон дод, ки барномаҳои

амалкунанда ва тарзу усулҳои таълимро ҳамагӣ 8.4% омӯзгорон хеле самарабахш меҳисобанд, 9.5 фоиз онҳоро комилан самарабахш намеҳисобанд, ба андешаи 17.9 фоизи респондентҳо онҳо на он қадар самарабахш мебошанд, 18.9 фоиз самаранокии онҳоро аз сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва маҳорату малакаи татбиқи тарзу усулҳои пешқадами таълим вобаста медонанд. Ба ибораи дигар, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири хонандагон сатҳи салоҳиятнокии касбӣ, маҳорату малакаи татбиқи тарзу усулҳои пешқадами таълим ва собиқаи педагогии омӯзгорро ҳамчун омили муҳим арзёбӣ намудаанд.

Мавриди зикр аст, ки барои такмили сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва омодасозии онҳо ҷиҳати татбиқи тарзу усулҳои пешқадами таълим дар баробари ҷалби онҳо ба курсҳои такмили ихтисос худомӯзӣ нақши муҳим мебозад. Дар баробари ин, худомӯзӣ агарчи раванди мустақилона аст, вале барои роҳандозии мақсадноки он фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ, аз қабили сарчашмаҳои дастраси иттилоот ногузир мебошанд. Барои ошкор намудани сарчашмаҳои зарурии иттилоотӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ миёни омӯзгорон пурсиши хаттӣ гузаронида шуд.

Ба саволи «Оид ба арзишҳои оиладорӣ аз куҷо маълумот пайдо мекунед?» омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ чунин посух доданд?.




***Расми 9. Сарчашмаҳои асосии дарёфти иттилоот оид ба арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби омӯзгорони МТМУ ба ҳисоби фоиз)***

Аз таҳлили ҷавоби респондентҳо – омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (ниг. ба расми 9) маълум гардид, ки онҳо оид ба арзишҳои оиладорӣ маълумотро бештар аз ҳама, аз барномаҳои телевизион ва радио – 22.1%, аз китобхонаи маҳалли зист – 21.0%, аз рӯзнома ва маҷаллаҳо -16.9%, интернет – 13.7%, дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ 12.7% ба даст меоранд. Сарчашмаҳои дигар, ба монанди муошират бо рафиқону ҳамкорон, фарзандон дар қиёс ба манбаъҳои мазкур барои дарёфти иттилооти зарурӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ мавқеи барҷаста надоранд.

Бо назардошти ҳамин муҳиммият, мо дар раванди таҳқиқот тариқи пурсиши хаттӣ ба 430 нафар хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаи таҳсилоти олӣ ва 95 нафар падару модарон бо саволи «Оид ба арзишҳои оиладорӣ аз куҷо маълумот пайдо мекунед?» муроҷиат намудем.

Ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар расми зерин инъикос ёфтааст:




***Расми 10. Сарчашмаҳои асосии дарёфти иттилоот оид ба арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба ҳисоби фоиз)***

Таҳлили қиёсии ҷавоби респондентҳо (ниг. ба расми 9, 10, 11) собит менамояд, агар 27.9 фоизи хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ маълумоти заруриро дар

раванди таълим пайдо кунанд, 17.5 фоизи онҳо ҳамин гуна маълумотро аз падару модар, 14.7 фоиз аз китобхонаи маҳалли зист, 11.3 фоиз аз барномаҳои телевизион ва радио, 10.7 фоиз аз интеренет пайдо мекунанд. Мавқеи сарчашмаҳои дигар дар байни хонандагон ҷиҳати дарёфти маълумот оид ба арзишҳои оиладорӣ чандон назаррас нест.

Сарчашмаҳои дарёфти маълумот оид ба арзишҳои оиладорӣ дар байни падару модарон нисбат ба омӯзгорон ва хонандагони МТМУ тафовут дорад, тафсилоти он дар расми 12 баръало ба назар мерасад:




***Расми 11. Сарчашмаҳои асосии дарёфти иттилоот оид ба арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби падару модарон ба ҳисоби фоиз)***

Яъне, дар байни падару модарон сарчашмаи муҳим барои пайдо кардани маълумот оид ба арзишҳои оиладорӣ (ниг. ба расми 11) барномаҳои телевизион ва радио бо 28.3 фоиз, китобхонаи маҳалли зист бо 23.3 фоиз, рӯзнома ва маҷаллаҳо бо 16.7 фоиз ва курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, инчунин, интернет ҳар кадом ба андозаи 10 фоиз ишғол менамояд.

Агар рейтинги сарчашмаҳои асосии маълумот оид ба арзишҳои оиладориро дар байни се категорияи номбурдаи респондентҳо (ниг. ба расми 9,10,11) муайян намоем, барои омӯзгорон мақоми аввалро барномаҳои телевизион ва радио, мақоми дуюмро китобхонаи маҳалли зист, мақоми сеюмро рӯзномаву маҷаллаҳо ишғол мекунад. Барои хонандагон бошад, дар мақоми аввал раванди таълим, дуюм падару модар ва дигар аъзои оила ва дар

мақоми сеюм китобхонаи маҳали зист қарор дорад. Барои падару модарон ба мисли омӯзгорон мақоми аввалро барномаҳои телевизион ва радио, сипас китобхонаи маҳалли зист ва ниҳоят, мақоми сеюмро рӯзнома ва маҷаллаҳо ишғол менамоянд.

Тавре ки маълум аст, китобҳои дарсӣ, дастурҳо ва дигар васоити таълимӣ, инчунин, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар раванди ташаккули арзишҳои оилавӣ сарчашмаҳои муҳим ба шумор меравconfigured. Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудани адади нашри сарчашмаҳои номбурда, сатҳи кифоягии онҳо барои мутолиа ба омӯзгорони МТМУ бо саволи «Оё адади нашри (тиражи) китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар васоити таълимӣ, инчунин, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, ки фарогири мавзуи оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ мебошанд, кифоя аст? - муроҷиат намудем, ки натиҷаи он дар расми 12 инъикос ёфтааст:




***Расми 12. Сатҳи кифоягии адади нашри китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар васоити таълимӣ, инчунин осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, ки фарогири мавзуи оила ва арзишҳои оиладорӣ мебошанд (тақсимоти ҷавоби омӯзгорони МТМУ ба ҳисоби фоиз)***

Яъне, аз таҳлили ҷавобҳо маълум мегардад (ниг. ба расми 13), ки 32.7 фоизи омӯзгорони адади (тиражи) китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар васоити таълимӣ, инчунин, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, ки фарогири мавзуи оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ

мебошанд, комилан нокифоя меҳисобанд ва танҳо 18.9 фоизи онҳо адади нашри маводи номбурдаро кифоя арзёбӣ мекунанд.

Аз ин ҷост, ки 51.1 фоизи хонандагони МТМУ (ниг. ба расми 13) барои дарёфти иттилоот ва такмили дониши худ оид ба арзишҳои оиладорӣ саривақт китобҳо ва осори илмию педагогии мутафаккирони тоҷику форсро дастрас карда наметавонанд, танҳо 38.4 фоизи онҳо имкони дастрасӣ ба сарчашмаҳои номбурдаро доранд, ки тафсилоти бештари он дар расми 13 нишон дода шудааст:




***Расми 13. Сатҳи дастрасии китобҳо барои хониши беруназсинфӣ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс ҷиҳати дарёфти саривақтии иттилоот ва такмили дониш оид ба арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба ҳисоби фоиз)***

Ба саволи «Оё Шумо ба мундариҷаи барномаҳои таълимии амалкунанда, китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ шинос ҳастед?» падару модарон чунин посух доданд:




***Расми 14. Сатҳи шиносоии падару модарон ба мундариҷаи барномаҳои таълимии амалкунанда, китобҳои дарсӣ барои МТМУ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ***

Натиҷаи ҷавоби респондентон – падару модарон ба саволи мазкур нишон медиҳад, ки (ниг. ба расми 14) 63.3 фоизи падару модарон ба мундариҷаи барномаҳои таълимии амалкунанда, китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ шинос нестанд, ҳамагӣ 30 фоизи онҳо ба мундариҷаи маводи мазкур шинос буда, 6, 7 фоиз дар ҷавоб додан ба ин савол душворӣ кашиданд.

Сабабҳои асосии шинос шуда натавонистани худро ба мундариҷаи барномаҳои амалкунандаи таълим, китобҳои дарсии МТМУ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс оид ба арзишҳои оиладорӣ 38, 3 фоизи падару модарон ба нокифоягии адади нашри онҳо алоқаманд медонанд, 33, 4 фоиз аз дуруст ба роҳ монда натавонистани тарғибу ташвиқи осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс оид ба арзишҳои оиладорӣ дар байни аҳолӣ арзёбӣ мекунанд, 15,0 фоизи падару модарон таъминоти моддии оиларо нисбат ба шинос шудан ба мундариҷаи маводи мазкур авлотар мешуморанд, 5 фоизи волидайн барои шинос шудан ба мундариҷаи онҳо ниёз надоранд ва 8, 3 фоиз сабабҳои дигарро номбар кардаанд.

Бо назардошти вазъияти мураккаби норасоии китобҳо барои хониши беруназсинфӣ ва осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс оид ба арзишҳои оиладорӣ мо дар заминаи фонди Китобхонаи миллии Тоҷикистон интихобан адади нашри (тиражи) 30 номгӯи маводи гуногунро оид ба мавзуи оила ва арзишҳои оиладорӣ таҳлил намудем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 6 инъикос ёфтааст:

**Ҷадвали 6**

**Номгӯйи**
**асарҳо ва дигар маводи иттилоотӣ он ба оила ва арзишҳои оиладорӣ**

| р/т | Ному насаби муаллиф | Номгӯйи асарҳо, мавод ва маълумоти барориш | Адади нашр (нусха) |
|---|---|---|---|
| 1. | Абуалӣ ибни Сино | Тадбири манзил // Осор / Таҳияи О. Ҳомидов.Ҷ.4.- Душанбе, 2007.- 921 с. | 700 |
| 2 | Аҳмадзода Р. | Оила асоси ватандорӣ [Матн] / Р. Аҳмадзода. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2015. – 328 с. | 400 |
| 3 | Арбобов И. | Дар остонаи ҳаёти оилавӣ.- Душанбе: Ирфон, 1990.- 152 с | 7000 |
| 4 | Афанасева Т.М. | Оила: Китоб барои хонандагони синфҳои болоӣ.- Душанбе: Маориф, 1987.- 256 с. | 1500 |
| 5 | Вализода С.А. | Пешгирии хушунат ва зӯроварӣ дар оила [Матн]: дастури таълимӣ / С.А. Вализода. – Душанбе 2021. – 68 с. | 200 |
| 6 | Ғаззолӣ М. | Кимиёи саодат / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Ҷилди I. – Душанбе: Эр-граф, 2008.- 669 с. | 1000 |
| 7 | Ғаззолӣ М. | Кимиёи саодат / Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Ҷилди II. – Душанбе: Эр-граф, 2008.- 665 с. | 1000 |
| 8 | Ғамзатов Р. | Модаронро пос доред.- Душанбе: Ирфон, 1983.- 111 с. | 5000 |
| 9 | Давлатов М. | Оила ва рушди шахсияти фарзандон.- Душанбе: Ирфон, 2014.- 224 с. | 1000 |
| 10 | | Достонҳои дилангез аз «Бӯстон»-и шайх Саъдӣ.- Хуҷанд: Ношир, 2015 | 500 |
| 11 | Коллективи муаллифон | Маърифати оиладорӣ: Китоби дарсӣ барои синфи 10 / Х. Раҳимзода, Ш. Ёрмуҳаммадзода, Л. Назирова ва диг..- Душанбе: Маориф, 2015.- 192 с. | 130 000 |
| 12 | Қурбонӣ Д. | Розҳои оиладорӣ.- Душанбе: Адиб,2014.- 128 с. | 500 |
| 13 | Коллективи муаллифон | Маърифати оиладорӣ: Китоби дарсӣ барои синфи 10 / Х. Раҳимзода, Ш. Ёрмуҳаммадзода, Л. Назирова ва диг.- Душанбе: Маориф, 2015.- 192 с. | 130 000 |
| 14 | Миробид Сайидои Насафӣ | Асарҳои мунтахаб.- Душанбе: Ирфон, 1977.- 704 с. | 15 000 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 15 | Одинаев Ё.К. | Одоби муошírати муосир.-Душанбе: Ирфон, 2010.- 316 с. | 200 |
| 16 | Раҳимзода Х. | Асосҳои оила ва оиладорӣ.- Душанбе: Шарқи озод, 2005.- 168 с. | 10 000 |
| 17 | Раҳимзода Х. | Бунёди оилаи солим (китоб барои волидон ва ҷавонон).- Душанбе, 2008.- 200 с. | 300 |
| 18 | Раҳимзод Х. | Маърифати оиладорӣ: Китоби дарсӣ барои синфи 9.- Душанбе МТЛ ОРЕС, 2002.-203 с. | 80 000 |
| 19 | Раҳимзода Ҳ., Ёрмуҳаммадзода Ш., Назирова Л. ва диг. | Маърифати оиладорӣ: Китоби дарсӣ барои синфи 10.- Душанбе: Маориф, 2015.- 192 с. МТЛ ОРЕС, 2002.-203 с. | 130 000 |
| 20 | Раҳмонзода А.А., Зиёев Х.М., Содиқова Н.Н. ва диг. | Одоби муошират ва рӯзгордорӣ. Китоби тарбиявӣ барои синфҳои 8-9-ум.- Душанбе: Маориф, 2017.- 208 с. | 185 000 |
| 21 | Саъдии Шерозӣ. | Бӯстон. Нашри сеюм. – Душанбе: Маориф, 1977.- 156 с. | 50 000 |
| 22 | Саъдии Шерозӣ. | Гулистон – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.-232 с. | 5 000 |
| 23 | Уайт Е. | Асрори саодатмандии оила / Тарҷума аз русӣ.- Душанбе, 2003.- 131 с. | 2000 |
| 24 | Унсурулмаолии Кайковус | Қобуснома (Насиҳатнома ба фарзанд).- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.- | 5000 |
| 25 | Ҳофизи Шерозӣ. | Насиҳат гӯш кун ҷоно. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.-196 с. | 5000 |
| 26 | Ҳусайн Воизи Кошифӣ. | Калила ва Димна: Ҳикояҳо (барои наврасон ва ҷавонон).- Душанбе: Адиб, 1989. | 30 000 |
| 27 | Хусайн Воизи Кошифӣ | Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия».- Душанбе: Адиб, 1991.- 320 с. | 50 000 |
| 28 | Ҷомӣ А. | Баҳористон.- Душанбе Адиб, 2014.- 208 с. | 2000 |
| 29 | Бе муаллиф | Асрори хушбахтии оила / Мураттиб ва тарҷумон А. Эҳсон.- Душанбе:ирфон,2008.- 112 с. | 1000 |
| 30 | Соҳиб Табаров | Оила ва вазифаҳои хонадорӣ аз назари Абдуррауфи Фитрат / Эссе-мулоҳиза.- Душанбе, 2003.- 195 с. | 100 |

Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки (ниг. ба ҷадвали 6) аз соли 1987 то инҷониб ба масъалаи омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ, қадр кардани арзишҳои оилавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. 30 номгӯи маводҳои таълимию методӣ таҳия, нашр ва дастраси хонандагону омӯзгорон, волидайну аҳли ҷамоатчигии кишвар гардонида шудааст. Дар байни онҳо асарҳои мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ ва Унсурулмаолии Кайковус мавқеи хосса доранд. Дар байни маводҳои таълимию методӣ тарҷумаи асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ Т.М. Афанасева ва Е. Уайт дида мешавад, ки он гувоҳи арзишмандии бунёди оила, таъмин

намудани устувории он дар тамоми халқу миллатҳои дунё мебошад. Мутаассифона, теъдоди нашри ин маводҳо дар қиёс ба шумораи оилаҳо, МТМУ, китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ комилан нокифоя мебошанд. Зеро тибқи маълумоти омории Вазорати фарҳанг имрӯз дар ҷумҳурӣ беш аз 6084 китобхонаҳои вазорату идораҳои гуногун, аз ҷумла, 1363 китобхонаи давлатӣ-оммавӣ фаъолият доранд. Вобаста ба вазъияти мавҷуда сиёсати ношириро дар самти чопи маводи зарурӣ оид ба оила, суннату анъанаҳо ва арзишҳои миллии оиладорӣ таҷдид назар намудан лозим аст.

Ба раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ сатҳи барномаҳои амалкунанда ва китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва адабиёт барои хониши берунаазсинфӣ таъсири амиқ мерасонанд. Ба саволи «Оё барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсии МТМУ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҷавобгӯ мебошанд?» омӯзгорони МТМУ чунин посух доданд:




***Расми 15. Сатҳи ҷавобгӯ будани барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсии МТМУ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби омӯзгорони МТМУ ба ҳисоби фоиз).***

Тавре ки натиҷаи таҳлили ҷавоби омӯзгорони МТМУ (ниг. ба расми 15) бармеояд, 31,6 фоизи онҳо барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсии МТМУ-ро барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҷавобгӯ

намеҳисобанд, 27,4 фоиз онҳоро қариб ҷавобгӯ меҳисобанд, вале 25,3 фоиз онҳоро комилан ҷавобгӯ мешуморанд, 15,7 фоизи омӯзгорон дар ҷавоб додан ба саволи мазкур душворӣ мекашанд.

Бо мақсади ошкор намудани сабабу омилҳои чунин вазъият мо ба омӯзгорон ба саволи «Агар барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ набошанд, сабаб чист?» муроҷиат кардем, ки натиҷаи он дар расми 16 инъикос ёфтааст:




***Расми 16. Омилҳои асосии дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ набудани барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби омӯзгорони МТМУ ба ҳисоби фоиз).***

Аз натиҷаи ҷавоби 37, 9 фоизи респондентон - омӯзгорони МТМУ (ниг. ба расми 16) маълум гардид, ки барномаҳои амалкунандаи таълимӣ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ мукаммал нестанд, ба андешаи 26,3% омӯзгорон соатҳои таълимӣ барои омӯзиши моҳияти арзишҳои оиладорӣ нокифоя буда, ҳамзамон 23, 1 фоизи онҳо зикр намуданд, ки тарзу усулҳо ва мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ солҳои тулонӣ такмил наёфтаанд, 12, 7 фоизи омӯзгорон тарзи баёни матлабро оид ба арзишҳои оиладорӣ дар китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ нофаҳмо маънидод кардаанд.

Таҳлили машғулиятҳо ва суҳбат бо омӯзгорон собит намуд, ки ҳангоми таълими фанҳои «Адабиёти тоҷик», «Маърифати оиладорӣ», «Ахлоқ», «Инсон ва ҷомеа», «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ», ки ба раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ таъсири бевосита мерасонанд, ҷанбаи тарбиявии онҳо кам ба инобат гирифта мешавад. Дар раванди дарсҳо аз осори мутафаккирони тоҷику форс ва хориҷӣ маводи зарурӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ ба қадри кофӣ истифода бурда намешавад.

Таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти мунтазаму мақсадноки ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, мактаб барои ташаккули ҳадафманди арзишҳои оиладорӣ дар замири насли наврас заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Вале барои ташкили раванди самараноки он омодагии педагогии омӯзгорону волидайн ниҳоят зарур мебошад. Барои баланд бардоштани савияи донишҳои омӯзгорони МТМУ оид ба арзишҳои оиладорӣ низоми такмили ихтисос ва бозомӯзӣ нақши муҳим мебозад. Вале тавре ки таҳқиқот собит намуд омӯзгорони муассисаҳои номбурда маълумоти зарурииро ҷиҳати баланд бардоштани донишҳо оид ба арзишҳои оиладорӣ беш аз ҳама, аз барномаҳои телевизион ва радио (22.1%), аз китобхонаи маҳалли зист (21.0%), аз рӯзнома ва маҷаллаҳо (16.9%), аз шабакаи интернет (13.7%) ва танҳо 12.7% дар курсҳои такмили ихтисос пайдо мекунанд. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ барои омӯзгорони МТМУ ба масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда намешавад. Ҳол он ки, ҳама гуна дониш, аз ҷумла, маҷмуи донишҳо оид ба арзишҳои оиладорӣ ва роҳу воситаҳои ташаккули чунин арзишҳо дар замири насли наврас пайваста такмил ёфта, мавқеи арзишҳои оиладорӣ дар низоми умумии арзишҳои башарӣ тағйир меёбад, муносибати насли ҷавон нисбат ба онҳо дигаргун мешавад, раванди дарки моҳияти арзишҳое, ки дар оила аз насл ба насл мегузаранд, мураккаб мегардад. Ин омилҳо раванди ташаккули арзишҳои оиладориро душвор гардонида, аз омӯзгорону волидайн ва кормандони тамоми ниҳодҳои масъули тарбия муносибати ҷиддӣ ва ҳисси баланди масъулиятшиносиро тақозо мекунад.

Мавриди зикр аст, ки арзишҳои оиладорӣ ҳамчун ҷузъи муҳими педагогикаи миллӣ дорои таърихи тулонӣ буда, дар тарбияи насли наврас нақши назаррас бозидаанд. Аксарияти арзишҳои оиладорӣ баробари пайдоиши оила ба вуҷуд омада, аз насл ба насл гузаштаанд. Раванди ташаккули ин арзишҳо бо таҷрибаи андӯхтаи халқ робитаи мустақим дошта, дар раванди ҳаёти оилавии чандин наслҳо аз санҷиши таърих гузашта, вобаста ба ниёзи иҷтимоии низоми мушаххаси иҷтимоӣ-иқтисодӣ қисми муайяни онҳо аз байн рафта, қисми дигари онҳо бо назардошти воқеияти таърихии даврони муайян устувор мондааст. Аз ҷумла, «миллати соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷик дар тули асрҳои зиёд дар бобати ташкили оила ва муносибатҳои оилавӣ таҷриба ва анъанаҳоеро эҷод кардааст, ки онҳо барои наслҳои имрӯзу фардо чун ҷузъи муҳимтарини маънавиёт ва ҳаёти иҷтимоӣ мактаби беҳтарини зиндагӣ ба шумор меравад» [139].

Аз ин рӯ, тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои оиладории ниёгон, ки созгори ҷомеи муосири тоҷик мебошад, яке аз вазифаҳои муҳимтарини тамоми ниҳодҳои масъули тарбия, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Бинобар ин, масъалаи баланд бардоштани маърифати оиладории навраси тоҷик ба сифати самти муҳими тарбияи инсони худогоҳу худшинос ва ватанпарвар боқӣ мемонад.

Яке аз мақсадҳои асосии гузаронидани корҳои озмоишӣ аз он иборат буд, ки технологияи инноватсионии таълиму тарбия, омӯзиш ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ аз ҷониби омӯзгорони МТМУ, падару модарон ва хонандагони МТМУ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода шуда, дар ин замина афзалиятҳои технологияи нави педагогӣ муайян карда шавад.

Баҳри ноил гардидан ба ин мақсад омӯзиши мавзуи «Арзишҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс» дар гурӯҳи назоратӣ бо истифода аз технологияи анъанавии таълим ва дар гурӯҳи озмоишӣ тавассути технологияи инноватсионӣ ба роҳ монда шуд.

**Технологияи анъанавии таълим (низоми синф - дарс)** раванди ташкилу баргузории машғулиятҳо ва чорабиниҳои тарбиявӣ оид ба мавзуи «Арзишҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс»-ро пурра ба зиммаи омӯзгорон ва хонандагони синфҳои 10-11-ум вогузор карда мешавад. Дар ҷараёни истифодаи методҳои анъанавӣ омӯзгор мавқеи калидиро ишғол мекунад ва машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ тибқи анъана ташкил карда мешаванд. Дар ин маврид мақсади асосии дарс ё чорабинии тарбиявӣ новобаста аз дарки моҳияти он аз ҷониби хонандагон, дар хотир нигоҳ доштани маводи машғулияти қаблӣ мебошад. Мавқеи муҳимро дар чунин маврид тест (санҷиш, имтиҳон) ишғол мекунад. Ҳамаи хонандагон ё иштирокчиёни чорабинии тарбиявӣ тавассути тест санҷида мешаванд. Яъне, тест методи асосии арзёбии сатҳи донишу фаҳмиши хонандагон ё иштирокчиёни чорабинӣ ба шумор меравад. Ҳангоми истифодаи чунин методи таълим заминаҳои донишандӯзӣ, қобилият ва шавқу завқи хонандагон ба инобат гирифта намешавад. Ба ибораи дигар, дар ҷараёни татбиқи методи мазкур миёни омӯзгор ва хонанда робитаи кофӣ вуҷуд надорад, хонандагон бошад, барои амал кардан ва рушди донишу малакаҳо ва таҷрибаи иртиботии хеш имконияти камтар доранд. Дар таълими анъанавӣ одатан се тарзи маъмул – дастурҳои мустақим, лексия ва кори мустақилона истифода бурда мешавад.

**Технологияи инноватсионӣ.** Дар раванди омӯзиш ва ташаккули арзишҳои оиладории хонандагони МТМУ ва падару модарон *вобаста ба сатҳи салоҳияти касбӣ ва собиқаи педагогии омӯзгор* аз намудҳои зерини технологияҳои инноватсионӣ истифода бурдан мумкин аст:

1. Технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
2. Технологияи рушди тафаккури интиқодӣ;
3. Технологияи лоиҳаҳо;
4. Технологияи таълими рушдёбанда;
5. Технологияи таълими проблемавӣ;
6. Технологияи бозӣ (нақшофарӣ);

7. Технологияи модулӣ;

8. Кейс-технология;

9. Технологияи таълими ҳамгиро;

10. Педагогикаи ҳамкорӣ

11. Технологияҳои гурӯҳӣ ва ҳоказо

Ҳангоми татбиқи технологияи инноватсионӣ ташкилу баргузорӣ ва таҳлили натиҷагирии омӯзиши мавзуи «Арзишҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс»-ро на танҳо дар заминаи ҳамкории зич миёни омӯзгор ва хонандагони синфҳои 10-11 ҳамчун машғулияти таълимӣ (дарс), балки тавассути ҳамкорӣ ва робитаи мутақобилаи коллективи омӯзгорон ва хонандагони мактаб дар шакли чорабинии тарбиявии беруназдарсӣ ва дарсҳои махсус гузаронидан мумкин аст.

Хусусияти технологияи анъанавӣ ва инноватсионии таълим дар ҷараёни омӯзиши арзишҳои оиладорӣ дар ҷадвали 7 инъикос гардидааст:

**Ҷадвали 7**

**Хусусияти технологияҳои анъанавӣ ва инноватсионии таълим дар раванди омӯзиши арзишҳои оиладорӣ**

| | **Технологияҳои анъанавӣ** | **Технологияҳои инноватсионӣ** |
|---|---|---|
| *Мақсад* | Ташаккули донишу малака ва маҳорат | Камолоти инсон |
| *Тавсифи зеҳнӣ (интеллектуалӣ)* | «Мактаби хотира» | «Мактаби камолот» |
| *Шакли асосӣ ва хусусияти муносибати байниҳамдигарӣ* | Субъект-объект | Субъект-субъект |
| *Шиори омӯзгор* | «Ба ман пайравӣ кун» | «Дахолат макун, зиён нарасон» |
| *Тавсифи кӯтоҳи тарзи робитаи байниҳамдигарӣ* | Авторитарият, бартарияти сухани омӯзгор, пӯшида | Демократият, муколама, шаффоф |
| *Шакли ташкили раванди таълим* | Фронталӣ, инфиродӣ | Гурӯҳӣ, дастаҷамъона |
| *Усулҳои таълим* | Аёнӣ-тавзеҳӣ, иттилоотӣ | Проблемавӣ, ҷустуҷӯӣ, эвристикӣ, пажӯҳишӣ |
| *Принсипи асосӣ* | «Фурӯнишонӣ» | «Афроштан» |

Мусаллам аст, ки тавсифи муфассали тамоми технологияҳои инноватсионии таълим ба таҳқиқоти густарда ниёз дорад. Аз ин рӯ, мо танҳо оид ба бартарияти яке аз намудҳои он – технологияи «Аквариум» дар раванди омӯзиш ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ маълумот медиҳем. Технологияи «Аквариум» ҳамчун *намуди мубоҳисаи гурӯҳӣ* дар ҷараёни омӯзишу баррасии масъалаҳои баҳснок, пуртазод ҷиҳати ташаккули маҳорати хонандагон ба хотири асосноксозӣ ва ҳимояи мавқеи худ бо истифодаи далелу бурҳон татбиқ мегардад. Ҳамзамон, технологияи мазкур ҳамчун методи иҷтимоӣ-психологии таълим ва тарбия фаъолона татбиқ карда мешавад, зеро он барои такмили маҳорати баҳсу мунозира ва таҳлили ҷараёни робитаи байниҳамдигарии иштирокчиёни мубоҳиса ва саривақт ворид намудани тағйиру иловаҳо ва тасҳеҳот имкон фароҳам меорад. Бартарияти ин тарзи таълиму тарбия аз он иборат аст, ки туфайли он маводи мавриди омӯзиш тавассути эмотсия коркард ва омӯхта шуда, ба ин васила дар хотир муддати тулонӣ боқӣ мемонад. Бинобар ин, технологияи мазкурро ҳангоми омӯзиши мавзуи «Арзишҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс» ҳамчун яке аз усулҳои самарабахши таълимӣ ва тарбиявӣ истифода бурдан мумкин аст.

Одатан, технологияи «Аквариум» аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

1. Марҳилаи омодагӣ - баранда (омӯзгор) иштирокчиёнро бо муҳтавои мавзуи мубоҳиса шинос намуда, гурӯҳи хонандагонро ба зергурӯҳҳо ҷудо намуда, онҳоро дар шакли доира ҷобаҷо мекунад. Сипас, гурӯҳҳо мавзуъро баррасӣ намуда, фикру ақида ва мавқеи худро нисбат ба он муайян мекунанд. Намояндаи ҳар як гурӯҳ муайян карда шуда, он фикру андешаи гурӯҳро баён ва дар назди дигар иштирокчиён ҳимоя мекунад.

2. Марҳилаи дуюм «Баррасии «аквариумӣ» унвон дошта, намояндагони тамоми зергурӯҳҳо дар маркази доира ҷамъ шуда, мавзуъро баррасӣ, фикру андеша ва манфиатҳои гурӯҳи худро ҳимоя мекунанд. Иштирокчиёни дигар раванди мубоҳисаро наззора карда, ба сифати коршинос мундариҷа ва тарзи

баёни матлаб, сатҳи эътимоднокии он, хусусияти сабки андешаҳоро арзёбӣ менамоянд. Аммо ба ҷараёни мубоҳиса дахолат кардани онҳо манъ аст. Вале омӯзгор барои савол додан ба иштирокчиёни баррасии «аквариумӣ» вақти иловагӣ ҷудо карда метавонад.

3. Марҳилаи сеюм «Таҳлили ҷараён ва натиҷаҳои мубоҳиса» унвон дошта, вобаста ба мақсади мубоҳиса, онро дар як ё ду марҳила гузаронидан мумкин аст. Агар таҳлили хусусияти робитаи байниҳамдигарии иштирокчиёни баррасии (мубоҳисаи) аквариумӣ лозим бошад, омӯзгор аз иштирокчиён хоҳиш мекунад, ки сатҳи қаноатмандии хешро нисбат ба мавзуи мавриди баҳс изҳор дошта, сабабҳои қаноатмандӣ ё қаноатманд набудани худро таҳлил кунанд. Сипас ба «коршиносон» имкон дода мешавад, ки ҷараён ва натиҷаи мубоҳиса ва хусусияти робитаи байниҳамдигарии иштирокчиёни «баррасии аквариумӣ»-ро арзёбӣ кунанд. Ниҳоят, омӯзгор хулосаи тамоми иштирокчиёнро мураттаб ва ҷамъбаст намуда, фаъолияти муштараки иштирокчиёнро натиҷагӣ мекунад.

Технологияи «Аквариум»-ро ба тарзи «намоишнома» низ баргузор намудан мумкин аст. Нақши мушоҳидачиён, мунаққидон, коршиносону таҳлилгаронро дар байни тамошобинон – хонандагон омӯзгор муайян мекунад. Омӯзгор инчунин ин ё он хонандаро ба сифати «ҳунарпеша», ки нақши мушаххасро (масалан, нақши ягон узви оила – падар, модар, зан ё шавҳар, фарзандон, калонсолони оила ва ғайра)-ро меофарад, муайян мекунад. Ҳунарпешагон дар маркази доира, ки хонандагон иҳота кардаанд, нақш меофаранд. Вазифаи хонанда- ҳунарпеша намоиш дода тавонистани ҳиссиёту характери қаҳрамон аст. Вазифаи тамошобинон-хонандагон, ки доираро ташкил додаанд, тамошои одии намоишнома набуда, балки муайян кардани тамоми ҳиссиётест, ки нақшофарон намоиш медиҳанд. Мавриди таъкид аст, ки хонандагони доира низ метавонанд ба сифати нақшофарони аъзои оила ҳунарпешаро мустақилона интихоб намоянд.

Вазифаи онҳое, ки доираро ташкил додаанд - мушоҳидачиён, мунаққидон, коршиносону таҳлилгарон наззораи фаъолонаи намоишнома,

розӣ шудан ё нашуда, ҷонибдорӣ кардан ё баръакс, зид баромадан ба гуфтору рафтор ва муносибати байниҳамдигарии иштирокчиёни намоишнома мебошад. Ҳар кадом иштирокчӣ, ки дар хатти доира қарор дорад, варақ ё дафтар дошта, мушоҳидаҳояшро сабт мекунад. Вазифаи иштирокчиёни хатти доира ниҳоят гуногун аст. Ҳамзамон, омӯзгор бо назардошти хусусиятҳои инфиродии онҳо ва мақсади мубоҳиса ба ҳар кадом супориши мушаххас дода метавонад. Масалан, мушоҳидачии якум шумораи арзишҳои оиладориеро ба ҳисоб мегирад, ки ҳунарпешагони маркази доира талаффуз кардаанд. Мушоҳидачии дуюм бояд розӣ будан ё баръакс, розӣ набудан нисбат ба рафтору гуфтор ё тарзи муносибати ҳунарпешагонро бо далелҳо собит намояд. Мушоҳидачии сеюм бояд ақаллан роҳи ҳаллу фасли ягон вазифаи дар намоишнома гузошташударо асоснок карда тавонад. Масалан, роҳи ҳалли munоқишаи зану шавҳар ҳангоми омодагӣ ба тӯйи арусию домодии фарзандон ва хароҷоти он, ҳифзи саломатии фарзандон, интихоби ҳамсар аз ҷониби фарзандон ва амсоли инҳо.

*Нақши омӯзгор.* Омӯзгор ба гурӯҳи онҳое, ки доираро ташкил додаанд, (онҳое, ки вазифаашон мушоҳида, баррасӣ ва илова ворид намудан ба мавзуи мавриди мубоҳиса мебошад) ҳамроҳ мешавад.

*Тарзи ибрози андешаҳо.* Ду тарзи ибрози андеша мавҷуд аст. *Якум,* ҳар нафаре, ки дар хатти доира қарор дорад, ибрози назар намуда, ба фикри намояндаи маркази доира иловаҳо дохил мекунад. Аз ин рӯ, вай бояд дар назди ҳамон хонандае, ки суханаш ба такмилу иловаҳо ниёз дорад, қарор гирад.

*Дуюм,* омӯзгор дар ҷараёни муоширát танаффуси мантиқиро интизор шуда, барои оғози мубоҳисаи иштирокчиён дар хатти доира ишора мекунад. Сипас фаъолияти гурӯҳи маркази доира идома меёбад.

Пас аз анҷоми музокира, гурӯҳҳо ҷой иваз мекунанд. Дар охир ҳар як иштирокчии мубоҳиса оид ба роҳи муносиби ҳалли масъала ибрози назар намуда, моҳияти яке аз арзишҳои оиладориро шарҳ медиҳад.

Қабл аз оғози мубоҳиса омӯзгор барои дар сатҳи баланд доир гардидани мубоҳиса *маводи иловагии* зеринро омода мекунад:

- барои ба таври аёнӣ тақсим намудани нақшҳо ва ҷалби таваҷҷуҳи гурӯҳ тайёр кардани бейдж бо нишондоди номи қаҳрамонон (падар, модар, зан, шавҳар, хоҳар, бародар, модаркалон, бобокалон, падарарус, хушдоман, келин, домод, кӯдак, писархонд ва амсоли инҳо);

- «Аквариум»- қуттии шаффоф барои ҷамъоварии фикру андешаи хонандагон - «тарафдор», «зид».

- картонҳои рангин («тарафдор»- сабз, «зид- сурх»)

- мукофотҳои ҳавасмандӣ дар шакли ситорача, байрақчаҳо ва ғайра барои иштирокчиёни нисбатан фаъол.

Давомнокии мубоҳиса 40-45 дақиқаро ташкил медиҳад.

Дар ҷараёни омӯзиш ва тарғиби арзишҳои оиладорӣ тавассути истифодаи технологияи инноватсионии таълим робитаи мустақим ва фаъоли байниҳамдигарии омӯзгор ба ҳар як хонанда аз як тараф, робитаи хонанда бо омӯзгор аз ҷониби дигар ва хонанда бо хонанда таъмин карда мешавад.

Афзалияти дигари истифодаи технологияи «Аквариум» боз дар он зоҳир мегардад, ки онро на танҳо ҳамчун машғулияти таълимӣ, яъне, дарси алоҳида бо як гурӯҳи хурди хонандагон, балки ҳамчун чорабинии тарбиявии тамоми коллективи мактаб, яъне, бо ҷалби тамоми ҳайати омӯзгорону хонандагон ва падару модарон гузаронидан мумкин аст. Дар чунин маврид сатҳи самаранокии он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ бештар мегардад.

Шарҳи муфассали татбиқи технологияи «Аквариум» ҳамчун чорабинии тарбиявии умумимактабӣ дар ҷадвали 8 инъикос ёфтааст:

**Ҷадвали 8**

| р/б | Номгӯйи субъекти фаъолият | Мундариҷаи фаъолияти субъект |
|---|---|---|
| 1. | Маъмурияти МТМУ | Роҳбарии умумии раванди банақшагирӣ-ташкил-баргузорӣ-таҳлили чорабинӣ дар мавзӯи «Арзишҳои оиладории тоҷикон: дирӯз ва имруз» |
| 2. | Гурӯҳи омӯзгорони фанҳои таърих ва | Ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, таҳлил, интихоб ва пешниҳоди мавод оид ба таърихи пайдоиш, |

| | | |
|---|---|---|
| | ҳуқуқ, маърифати оиладорӣ | моҳият, мазмуни асосӣ, таҳаввулот ва ҷанбаҳои ҳуқуқии арзишҳои оиладории тоҷикон |
| 3. | Гурӯҳи омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик, ахлоқ | Ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, таҳлил, интихоб ва пешниҳоди зарбулмасалу мақолҳо, шеъру андарзҳо, ривоятҳо ва порчаҳои манзуму мансур оид ба арзишҳои оиладорӣ |
| 4. | Гурӯҳи омӯзгорони фанни технология | Ороиши мавзеи баргузории чорабинӣ, омода намудани таҷҳизоти зарурии техникӣ, аксбардорӣ, тайёр кардани бейджҳо ва дигар лавозимоти зарурӣ ҷиҳати баргузорӣ ва ҷамъбасти чорабинӣ |
| 5. | Гурӯҳи омӯзгорони силсилаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ | Ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, таҳлил, интихоб ва пешниҳоди мавод оид ба буҷети оила, сарфаю сариштакорӣ |
| 6. | Гурӯҳи омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ | Ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ, таҳлил, интихоб ва пешниҳоди мавод оид ба таъмини саломатӣ ва касбинтихобкунии фарзандон, ташкили бозиҳои миллӣ ва мусобиқаи варзишӣ |
| 7. | Гурӯҳи омӯзгорони фанни расму суруд | Ороиши мавзеи чорабинӣ, интихоби матни сурудҳо ва мусиқӣ вобаста ба мавзуи арзишҳои оиладорӣ |
| 8. | Гурӯҳи омӯзгорон-роҳбарони синфҳо, китобдори мактаб ва падару модарон | Таҳияи сенарияи чорабинии тарбиявӣ дар мавзуи «Арзишҳои оиладории тоҷикон: дирӯз ва имрӯз», интихоби иштирокчиён - иҷрокунандагони нақшҳо, коршиносон, мушоҳидачиён, таҳлилгарон, барандагон, муайян намудани вазифаи асосии омӯзгорон дар чорабинӣ |

Мавриди зикри хос аст, ки азхудкунии арзишҳои оиладорӣ дар МТМУ аз сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва собиқаи педагогии онҳо вобастагии амиқ дорад.

Аз ин рӯ, бо мақсади муайян намудан сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорон оид ба арзишҳои оиладорӣ дар заминаи пойгоҳҳои экспериментали, яъне, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои Ёвон ва Вахш таҳқиқот гузаронида шуд. Дар раванди таҳқиқот сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгорон оид ба арзишҳои оиладорӣ тавассути маҷмуи саволу супоришҳо санҷида шуд.

Натиҷаи таҳқиқот то озмоиш ва баъд аз озмоиш дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар ҷадвали 9 инъикос ёфтаанд:

**Ҷадвали 9**

**Нишондиҳандаи вобастагии чараёни азхудкунии арзишҳои оиладории хонандагони МТМУ аз сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгор**

| № | Сатҳи салоҳиятнокӣ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | То озмоиш | Пас аз озмоиш | То озмоиш | Пас аз озмоиш |
| 1 | Баланд | 0,8% | 0,12% | 0,8% | 0,39% |
| 2 | Миёна | 0,28% | 0,35% | 0,32% | 0,45% |
| 3 | Паст | 0,64% | 0,53% | 0,60% | 0,16% |

Аз таҳлили қиёсии натиҷаҳои таҳқиқот дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ (ҷадвали 9) маълум мегардад, ки пас аз гузаронидани корҳои таҷрибавӣ, агар дар гурӯҳҳои назоратӣ афзоиши шумораи омӯзгорони дараҷаи баланди салоҳиятнокӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ ҳамагӣ 0,8 фоизро ташкил диҳад, пас дар гурӯҳи озмоишӣ нишондоди мазкур 0,39 фоизро ташкил медиҳад, ки фарқият миёни онҳо 0,31 фоиз мебошад. Фарқияти афзоиши шумораи омӯзгорони дорои сатҳи миёнаи салоҳиятнокӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ дар гурӯҳи назоратӣ агар 0,7 фоизро ташкил диҳад, пас он дар гурӯҳи озмоишӣ 0,13 фоизро ташкил медиҳад. Баъд аз ташкил ва баргузории корҳои озмоишӣ шумораи омӯзгорони дорои сатҳи пасти салоҳиятнокӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ агар дар гурӯҳи назоратӣ ба 0,53 фоиз баробар бошад, яъне, аз нисф зиёдро ташкил диҳад, пас нишондоди мазкур дар гурӯҳи озмоишӣ ба 0,16 фоиз расид.



Ҳамин тавр, таҳлили қиёсии натиҷаҳои таҳқиқот дар гурӯҳи назоратӣ ва озмоишӣ фарқияти назаррасро ба манфиати гурӯҳи озмоишӣ собит намуд. Зиёда аз ин, ин далели бартарияти татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ мебошад.

## 2.3 Самаранокии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди татбиқи арзишҳои оиладории мутафаккирони тоҷик дар раванди тарбияи оилавии муосир

Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оиди санҷиши технологияи педагогии амалисозии арзишҳои оиладории ниёгон дар раванди бунёди оилаҳои намунавии муосир, ки мундариҷаи он дар банди дуюми боби 2 тасвир ёфт, самаранокии технологияи педагогиро исбот намуд.

Барои мушаххас намудани моҳияти масъала *дар заминаи натиҷаҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омадаанд,* ба тавсифи самаранокии сатҳҳои гуногуни салоҳиятнокии омӯзгорон оид ба арзишҳои оиладорӣ мепардозем.

Сатҳи баланди самаранокии салоҳиятнокии омӯзгор оид ба арзишҳои оиладорӣ. Сатҳи самаранокии салоҳиятнокии омӯзгор оид ба арзишҳои оиладорӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар раванди ташаккули арзишҳои мазкур дар замири хонандагон онҳоро ба омӯзиши бошуурона, фаъол ва дарки амиқи чунин арзишҳо ба мисли никоҳ, якдигарфаҳмӣ, муҳаббат, вафодорӣ ва садоқат, ёрии байниҳамдигарӣ дар оила, таъмини саломатии фарзандон, моҳияти илму адабомӯзии фарзандон, ҳурмату эҳтироми падару модар ва калонсолон, таҳаммулпазирӣ, сарфаю сариштакорӣ дар оила ва амсоли инҳо ҳидоят ва роҳнамоӣ карда метавонад. Бо адабиёти илмию методӣ, таълимӣ ва осори мутафаккирони барҷастаи тоҷику форс оид ба арзишҳои оиладорӣ на танҳо шинос мебошад, балки дар заминаи технологияҳои инноватсионии таълим мазмуну муҳтавои онҳоро ба хонандагон фаҳмонида метавонад. Зинаҳои банақшагирӣ, ташкилу баргузорӣ ва таҳлили раванди таълиму тарбияи ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ равонашударо дар сатҳи баланди илмию методӣ ва ташкилӣ ба роҳ мемонад. Омӯзгорони дорои сатҳи баланди салоҳиятнокӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ

намояндагони мактаби таҷрибаи пешқадами оиладорӣ махсуб меёбанд. Онҳо дар замири хонандагон арзишҳоеро ташаккул медиҳанд, ки барои бунёд ва пойдории оилаи намунавии муосир ҳаётан муҳим мебошанд.

Сатҳи миёнаи самаранокии салоҳиятнокии омӯзгор оид ба арзишҳои оиладорӣ. Фарқияти **о**мӯзгорони дорои сатҳи миёнаи салоҳиятнокӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ аз омӯзгорони сатҳи баланди салоҳиятнокӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар ҷараёни банақшагирӣ, ташкилу баргузорӣ ва таҳлили раванди таълиму тарбияи ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ равонашуда бештар ба технологияҳои анъанавӣ такя мекунанд. Далелҳои онҳо оид ба моҳияти арзишҳои оиладорӣ барои бунёд ва пойдории оилаи солим ва намунавӣ ба қадри кофӣ боварибахш нестанд. Ин категорияи омӯзгорон хонандагонро ба омӯзиши ҳадафманди арзишҳои оиладорӣ шавқманд карда наметавонанд. Чунин омӯзгорон ба *дар сатҳи зарурӣ* ба моҳияти арзишҳои оиладорӣ сарфаҳм намераванд. Натиҷаи суҳбат ба омӯзгорони категорияи мазкур ва мушоҳидаҳо оид ба фаъолияти таълимию тарбиявии онҳо собит намуданд, ки дар мавриди расонидани ёрии машваратию методӣ оид ба тарзу усулҳои ташаккули арзишҳои оиладорӣ сатҳи салоҳиятнокии онҳоро дар ин самт баланд бардоштан мумкин аст.

Сатҳи пасти самаранокии салоҳиятнокии омӯзгор оид ба арзишҳои оиладорӣ. Намояндагони категорияи мазкур дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири хонандагон дараҷаи пасти масъулиятшиносӣ зоҳир мекунанд. Ин зумра омӯзгорон ҳанӯз ба моҳияти арзишҳои оиладорӣ, зарурати ташаккули онҳо барои бунёди оилаи намунавӣ сарфаҳм нарафтаанд. Сабаби асосии чунин вазъият пеш аз ҳама, ба осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс ва намояндагони адабиёти муосири тоҷик оид ба арзишҳои оиладорӣ шинос набудани категорияи номбурда, таҷрибаи нокифояи ҳаёти оилавӣ мебошад, зеро қисми муайяни онҳо ҳанӯз издивоҷ накардаанд ё навхонадор ҳастанд. Онҳо дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ асосан аз технологияи анъанавии таълиму тарбия истифода мебаранд. Баҳри баланд бардоштани сатҳи салоҳиятнокии омӯзгорони

гурӯҳи мазкур оид ба арзишҳои оиладорӣ ва тарзу усулҳои муосири ташаккули чунин арзишҳои дар замири хонандагон бо иштироки онҳо гузаронидани силсилаи машғулиятҳои таълимӣ ва чорабиниҳои тарбиявӣ ногузир мебошад. Шавқовар набудани тарзҳои анъанавии пешбурди машғулиятҳоро оид ба арзишҳои оиладорӣ натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ собит намуд, ки тафсилоти он дар расми 17 инъикос ёфтааст:




***Расми 17. Сатҳи ҷолибияти барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба ҳисоби фоиз).***

Ба саволи «Агар барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ барои Шумо шавқовар набошанд, сабаб чист?» хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ чунин посух доданд:




***Расми 18. Омилҳои асосии шавқовар набудани барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсӣ дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ (тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба ҳисоби фоиз).***

Ҳамин тавр, ба андешаи 35,1 фоизи хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ (ниг. ба расми 18) барномаҳои таълимии амалкунанда бо маводи нав мукаммал гардонида нашудаанд, 27,7 фоизи онҳо теъдоди соатҳои таълимиро барои омӯзиши моҳияти арзишҳои оиладорӣ нокифоя меҳисобанд, ба ақидаи 20,4 фоизи хонандагон машғулиятҳоро оид ба моҳияти арзишҳои оиладорӣ омӯзгорони камтаҷриба мегузаронанд, 16,8 фоиз тарзи баёни матлаб оид ба арзишҳои оиладориро дар китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ нофаҳмо арзёбӣ кардаанд. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ омилҳои зерин бояд аз мадди назар дур намонанд.

Барои муайян намудани сатҳи дарки моҳияти арзишҳои оиладорӣ мо ба омӯзгорону хонандагони МТМУ ва падару модарон ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?» муроҷиат намудем. Аз натиҷаи ҷавоби омӯзгорон, хонандагони МТМУ (ҷадвали 10) ва падару модарон ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?» маълум мегардад, ки 26,3 фоизи омӯзгорон бинобар сатҳи маълумотнокӣ, таҷрибаи педагогӣ ва ҳаётӣ дар мақоми аввал *омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ*; ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ, дар ҷойи дуюм о*милҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ:* Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шараф (23,1%), дар ҷойи сеюм ом*илҳои ҳуқуқӣ:* никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оила (20%), дар ҷойи чорум омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ (17,9%), дар ҷойи панҷум *омилҳои фарҳангӣ- миллӣ:* серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, ҳусну ҷамоли ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик (7,4%) ва дар ҷойи шашум о*милҳои табиӣ-ҷуғрофӣ*: шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат (5,3%) гузоштаанд.

Ҳамзамон, дар ҷараёни таҳқиқот мо, инчунин, ба падару модарон низ ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонад?» муроҷиат намудем.

Муносибати падару модарон нисбат ба омилҳое, ки раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мегузоранд, аз омӯзгорон тафовут дорад. Дар ҷавоби падару модарон таъсири омилҳои *фарҳангӣ- миллӣ:* серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, ҳусну ҷамоли ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик ба раванди бунёд ва пойдории оила дар мақоми аввал ҷой дорад (25%). Дар баробари ин, ба андешаи 21,7 фоизи падару модарон ба раванди бунёд ва пойдории оила *омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ*; ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ таъсири бештар мерасонад. Теъдоди падару модароне, ки таъсири *омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ:* Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шарафро ба раванди пойдории оила ва арзишҳои оиладорӣ ҷонибдорӣ намудаанд, низ 21, 7 фоизро ташкил дод. Сипас, дар ҷавоби падару модарон таъсири омилҳои *табиӣ-ҷуғрофӣ*: шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат (16,6%), *омилҳои ҳуқуқӣ:* никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оила (8,3%) ва ниҳоят, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ (6,7%) ба раванди бунёд ва пойдории оила ҷой дода шудаанд.

Барои таъмини аёният ва имконият ҷиҳати таҳлили қиёсии натиҷаи ҷавоби респондентон – омӯзгорону хонандагони МТМУ ва падару модарон мо посухи хонандагонро ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?» дар шакли ҷадвали зерин пешниҳод намудем:

**Ҷадвали 10.**

**Тақсимоти ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонад?» (ба ҳисоби фоиз)**

| № | Варианти ҷавобҳо | Ба ҳисоби фоиз |
|---|---|---|
| 1. | Омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ: ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ | 15.1 |
| 2. | Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ | 22.4 |
| 3. | Омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ: шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат | 9.3 |
| 4. | Омилҳои фарҳангӣ-миллӣ: серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик | 18.1 |
| 5. | Омилҳои ҳуқуқӣ: никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оила | 18.9 |
| 6. | Омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ: Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шараф | 16.2 |

Таҳлили ҷавоби хонандагони синфҳои 7-11-и МТМУ ба саволи «Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонад?» нишон дод, ки (ниг. ба ҷадвали 10 ) ин категорияи респондентҳо дар раванди бунёд ва пойдории оила таъсири омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакориро дар мадди аввал (22,4%), омилҳои ҳуқуқӣ: никоҳ, баробарӣ ва озодии аъзои оиларо дар ҷойи дуюм (18,9%), омилҳои фарҳангӣ-миллӣ: серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздикро дар ҷойи сеюм (18,1%), омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ: Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шарафро дар ҷойи чорум (16,2%), омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ: ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзиро дар ҷойи панҷум

ва омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ: шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнатро дар ҷойи шашум (9,3%) мегузоранд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ аз оила оғоз меёбад ва нақши падару модар дар ин самт бағоят бузург арзёбӣ мегардад. Бо мақсади муайян намудани сатҳи фаъолнокии волидайн дар ин раванди пурмасъулият ва банақшагирии машғулиятҳои таълимию тарбиявӣ бо онҳо мо зимни баргузории таҳқиқоти озмоишӣ ба падару модарон бо саволи «Оё дар боби арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба бо фарзандонатон суҳбат кардаед?» муроҷиат намудем.

Аз натиҷаи таҳлили ҷавоби падару модарон ба саволи мазкур маълум гардид (ниг. ба расми 19), ки 58,3 фоизи онҳо бо фарзандонашон оид ба арзишҳои оиладорӣ суҳбат мегузаронанд, вале 38, 4 фоизи онҳо чунин корро анҷом нadodaанд, 3,3 фоизи онҳо барои посух додан ба саволи пешниҳодшуда душворӣ мекашанд. Аз ин, рӯ дар мавриди банақшагирии корҳои таълимию тарбиявӣ ва тарғиботию ташвиқотӣ бо падару модарон оид ба мавзуи ташаккули арзишҳои оиладорӣ муносибати тафриқӣ зарур аст.

Барои вусъати фаъолияти падару модарон дар самти корҳои тарбиявӣ бо фарзандон оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ дар ҷараёни таҳқиқот тариқи пурсишнома сабабҳои суҳбат нагузаронидани падару модарон бо фарзандонашон оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ муайян карда шуданд, ки тафсилоти онро дар расми 22 мушоҳида кардан мумкин аст:




***Расми 19. Тақсимоти ҷавоби падару модарон ба саволи «Агар бо фарзандонатон дар боби арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба суҳбат нагузаронида бошед, сабаб чист?» ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумии респондентон).***

Чунин муносибати падару модарон бори дигар аз масъулиятношиносии як қисми волидайн дар таълиму тарбияи фарзандон гувоҳӣ дода, ба зарурати таҳкими ҳамкории зичи ниҳодҳои масъули таълиму тарбия бо падару модарон, ворид намудани мавзуъҳои мушаххас оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, оила ва арзишҳои оиладориро ба барномаҳои таълимии низоми таҳсилоти муттасил далолат мекунад.

Зимни таҳқиқот муайян карда шуд, ки аз ҳисоби умумии падару модароне, ки бо фарзандон оид ба арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба суҳбат нагузаронидаанд, 45,3 фоизро падару модарони дорои маълумоти миёнаи умумӣ ва 33, 1 фоизро падару модароне ташкил медиҳанд, аз 5 то 9 сол собиқаи зиндагии якҷоя бо ҳамсарро доранд. Аз шумораи умумии падару модароне, ки бо фарзандон оид ба арзишҳои оиладорӣ суҳбат гузаронидаанд, респондентони дорои маълумоти олӣ 58, 6 фоиз ва дорои собиқаи аз 10 то 19 солаи зиндагии якҷоя бо ҳамсар 53, 4 фоизро ташкил медиҳад. Натиҷаи таҳқиқот бори дигар собит менамояд, ки бо мурури баланд гардидани сатҳи маълумотнокӣ ва афзудани собиқаи зиндагии якҷоя бо ҳамсар ҳисси масъулиятшиносии падару модарон нисбат ба таълиму тарбияи фарзандон, аз ҷумла, дар раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ низ баланд мегардад.

Ҳамин тариқ, хонандагони синфҳои 7-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ  донишҳои хешро оид ба арзишҳои оиладорӣ дар машғулиятҳо аз худ карда, онҳоро дар раванди хониши беруназсинфӣ мукаммал мегардонанд. Зимни баргузории машғулиятҳо омӯзгорон  методикаи ташаккули арзишҳои оилавиро дар амал санҷида, тавассути мушоҳидаи раванди корҳои беруназсинфию беруназмактабӣ сатҳи салоҳиятнокии касбии худро оид ба тарзу усулҳои ташаккули арзишҳои оиладорӣ такмил медиҳанд.

Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо аз фанни «Маърифати оиладорӣ» дар фаслу мавзуъҳои «Хусусиятҳои хосси ташкили оила», «Никоҳ ва оила», «Одоби муносибат дар оила», «Оила ва тарбияи фарзанд», «Танзими оила ва ҳифзи саломатии он», инчунин мавзуъҳои фанни «Одоби муоширкат ва

рӯзгордорӣ» оид ба «Одоби муошират дар оила», «Одоби рӯзгордорӣ ё тадбири манзил- ҷузъи муҳимми маданияти шахс ва оила», «Масъулияти падару модар ва омӯзгорон дар ташаккул ва тарбияи малакаю сифатҳои рӯзгордории фарзандон ва шогирдон», «Одоби рӯзгордории духтарон», «Одоби рӯзгордории писарон», «Сарфа ва эҳтиёткорӣ дар рӯзгор», «Тарзи ҳаёти солим кафолати саодатмандии аҳли хонадон» ва амсоли инҳо омӯзиши порчаҳо аз осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии тоҷику форс, ки барномаи фанни «Адабиёти тоҷик» барои синфҳои 7-11 пешбинӣ намудааст, хонандагон маҷмуи донишҳоро оид ба арзишҳои оиладорӣ аз худ мекунанд. Пас аз омӯзиши фанҳои таълимии номбурда сатҳу сифати донишҳои хонандагонро аз рӯи нишондиҳандаҳои мушаххас муайян намудан имконпазир мегардад.

Барои муайян намудани сатҳу сифати дониши хонандагони МТМУ оид ба арзишҳои оиладорӣ сухбат, санҷиш, пурсиши хаттӣ (пурсишнома), ҷавобҳои шифоҳӣ ва хаттӣ, корҳои амалӣ ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтанд. Натиҷаи санҷиши сатҳи дониши хонандагон аз он шаҳодат медиҳад, ки баъди омӯзиши фанҳои «Адабиёти тоҷик», «Маърифати оиладорӣ», «Одоби муошират ва рӯзгордорӣ» дар онҳо оид ба арзишҳои оиладорӣ маҷмуи донишҳои нав ташаккул меёбанд, онҳо моҳияти мафҳумҳои «оила», «ҳамсар», «муҳаббат», «вафодорӣ», «саломатӣ», «сарфаю сариштакорӣ», «ҳурмату эҳтироми волидайн», «якдигарфаҳмӣ», «таҳаммулпазирӣ» ва амсоли ин арзишҳоро бештар дарк мекунанд, муносибаташон нисбат ба бунёди оила ҷиддӣ ва ҳисси масъулиятшиносиашон бештар мегардад.

Бо мақсади ташаккули ҳадафманду бонизоми арзишҳои оиладорӣ дар раванди таҳқиқот мо барномаи махсуси таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ»-ро барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор таҳия намуда, дар мувофиқа бо шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Ёвон ва Вахш дар давоми соли таҳсили 2019-2020 татбиқ намудем, ки дар он масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ мавқеи хосса дорад (ниг. ба замимаи 6).

Тибқи нишондоди барномаи мазкур барои расидан ба мақсад омӯзгор бояд вазифаҳои зеринро ба анҷом расонад:

1. Хонандагонро ба ҷанбаҳои муҳимтарини ҳаёти оилавии муосир, функсияҳои асосии оила ва қонуниятҳои рушду такомули он шинос намояд.

2. Ба онҳо оид ба фарқияти психофизиологии духтарону писарон маълумот диҳад

3. Тавассути тавсияи порчаҳо барои мутолиа аз осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, аз ҷумла Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ сатҳи донишу фаҳмиши онҳоро оид ба арзишҳои оиладорӣ баланд бардорад.

4. Оид ба натиҷаи порчаҳои мутолиашуда аз осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс  суҳбат гузаронида, ҷаҳонбинии онҳоро оид ба моҳияти арзишҳои муҳаббату вафодорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон, падару модар, хоҳару бародар, омӯхтани илму адаб, таъмини саломатӣ, сарфаю сариштакорӣ дар ҳаёти оилавӣ ва амсоли инҳо васеъ намояд.

5. Хонандагонро бо хусусияту нозукиҳои муносибати байниҳамдигарӣ дар муҳити оила шинос намояд.

6. Дар хонандагон маҳорату малакаи рафтору гуфтор ва муносибати барои солимиву пойдории оила матлубро ташаккул диҳад.

7. Барои дарки муҳиммияти рафтору гуфтор ва муносибати матлуби оилавӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ҷиҳати таъмини солимию пойдории оила мусоидат намояд.

8. Ба хонандагон қоидаҳои танзими рафтору гуфтор, аз ҷумла, дар мавридҳои муноқишаҳои оилавиро омӯзонад.

9. Ба раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, гендерӣ ва омодагии психологии онҳо ба ҳаёти оилавӣ мусоидат намояд.

10. Робитаи мутақобилаи онҳоро дар заминаи принсипҳои «субъект-субъект» (муоширати муштараки самарабахш), шаффофият, эҳтироми байниҳамдигарӣ, эътимоду боварӣ ба ҳамдигар, фаъолнокии ҳар кадом дар

ҳаллу фасли масъалаҳои мавриди баҳс, ҳалли мусолиматомези проблемаҳои баҳснок таъмин намояд.

Вобаста ба талаботи барнома, ташкили машғулиятҳо барои хониши беруназсинфӣ риояи талаботи дидактикии раванди таълим, фароҳам овардани муҳити созгори омӯзиш, коркард ва татбиқи меъёрҳои самараноки робитаи мутақобилаи хонандагон дар гурӯҳ, воридшавӣ ба ҷараёни фаъолият баҳри омӯзиши маводи тавсияшуда, таҳлил ва баррасии муштараки натиҷаҳои фаъолияти якҷоя дар гурӯҳро тақозо мекунад.

Дар чунин мавриd тарзу усулҳои асосии таълим шаклу услубҳои фаъоли кор бо хонандагон ба шумор меравaнд, ки барои аз худ намудани мундариҷаи маводи тавсияшуда ва иртиботи самарабахш муфид буда, ҷиҳати ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳо (унсурҳои тренинг, бозиҳо, лоиҳасозӣ, мусоҳиба, мубоҳиса, амсиласозӣ, корҳои эҷодӣ ва ғайра) ёрӣ мерасонанд.

Дар маҷмуъ, барнома барои омӯзиши 14 мавзуъ дар давоми 34 соат (дар 1 сол, ҳар моҳ дар ҳаҷми 2-4 соат) пешбинӣ шудааст. Дар аксар мавриd ҳар як мавзуъ ба ду машғулият тақсим шуда, барои баргузории ҳар кадом 45 дақиқа масраф мегардад.

Ҳар як машғулиятро шартан ба 3 қисм ҷудо намудан мумкин аст: муқаддимавӣ, асосӣ ва ҷамъбастӣ. Дар натиҷаи татбиқи барномаи мазкур хонандагон на танҳо оид ба арзишҳои оилавӣ ва омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ маҷмуи донишҳоро аз худ мекунанд, балки ҳамчун шахсияти барои бунёди оила омода ба камол расида, дар онҳо мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ ташаккул меёбад, соҳиби салоҳияте мегарданд, ки барои робитаи мутақобила бо наздикону пайвандон, ҳамсолон ва ҳаёти ояндаи оилавӣ бағоят зарур мебошад.

Шаклу намудҳои корҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, ки дар фасли зерин мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд, на танҳо ба иҷрои вазифаҳо ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши хонандагон, омӯзгорон ва падару модарон оид ба адабиёт, ахлоқ, маърифати оиладорӣ, инкишофи қобилияти эҷодии онон мусоидат мекунанд, балки онҳо ба самаранокии раванди

ташаккули арзишҳои муҳимтарини оиладорӣ ба монанди никоҳ, муҳаббату вафодорӣ, якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, илму адабомӯзии фарзандон, ҳифз ва таъмини саломатии онҳо, кумаки байниҳамдигарӣ дар оила оид, ба сарфаю сариштакорӣ, шинохти ҳаққи падару модар, ҳурмату эҳтироми калонсолон ва дарки моҳияти онҳо, яъне дар маҷмуъ, ба бунёди оилаи намунавии муосир ёрӣ мерасонанд.

## Хулосаи боби дуюм

Таҳлили сарчашмаҳо ва баҳсу мунозираҳои илмӣ оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ, аз ҷумла, мероси педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, таҳлили қиёсии афкори пурқиммати онҳо бо консепсияҳои муосир бори дигар собит менамояд, ки оила яке аз арзишҳои асосӣ ва неруи муҳимтарини ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ояндаи ҳар як ҷомеа ва кишвар вобаста ба он аст, ки оила функсияҳои иҷтимоии хешро чӣ гуна ва дар кадом сатҳ анҷом дода метавонад, кадом суннатҳои хонаводагӣ ва арзишҳои ҳувиятсозро ташаккул медиҳад? Оё арзишу суннатҳое, ки дар муҳити оила ташаккул меёбанд, барои ҷомеаи муосир созгор буда метавонанд?

Агар оиларо дар масири таърих арзёбӣ намоем, он тамоили гуногунҷанба буда, дорои тавсифоти зиёди бунёдие мебошад, ки онҳоро аз нигоҳи сиёсатшиносӣ, фалсафӣ, сотсиология, мардумшиносӣ, фарҳангшиносӣ, педагогӣ, психологӣ ва ғайра шарҳу тавзеҳ додан мумкин аст. Оила ин муҳитест, ки дар он раванди иҷтимоишавӣ, камолоти ҷисмонию равонӣ ва маънавии насли наврас бомаром ҷараён мегирад ва фарзандон аз хурдсолӣ оламу одамонро бо чашмону қалби волидайн мебинанд, муносибати худро ба муҳити атроф тавассути ақлу заковат ва руъяти (биниши) падару модар роҳандозӣ менамоянд. Сипас, дар заминаи ҳамин арзишҳои ҳаётие, ки падару модар дар оила дар замири фарзандон ташаккул додаанд, арзишҳои дигар зуҳур ёфта, инкишоф меёбанд ва барои камолоти минбаъдаи онҳо мусоидат мекунанд.

Имрӯз ниҳоди оила ба марҳилаи душвори рушду пешрафт рӯ ба рӯ гардидааст. Он беш аз пеш ба таҳдидҳои бузурги хатарафзои глобалӣ, аз қабили масъулиятношиносии падару модарон, таҳаввули муносибатҳои заношӯӣ, коҳишёбии таваллуд, афзоиши шумораи ятимон ва амсоли инҳо дучор шуда истодааст.

Дар баробари ин, оила аз зумраи таъсирпазиртарин ниҳодҳои иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар муқобили ҳама нобасомониҳои рӯзгор барои пойдории худ пайваста талош меварзад ва туфайли заҳмату маҳрумиятҳои зиёди аъзои калонсоли худ, қабл аз ҳама, падару модар нақш ва вазифаҳои иҷтимоии худро сарбаландона иҷро мекунад.

Аз ин рӯ, новобаста аз вазъи ноороми сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии асри XI мутафаккирони халқи тоҷик бо дарки муҳиммият ва нақши барҷастаи оила дар таълиму тарбияи фарзандон дар осори безаволи илмию адабӣ ва педагогии хеш ба масъалаи бағоят муҳими иҷтимоӣ - ташаккули арзишҳои оиладорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, тавассути он ба пойдории ҷомеаи тоҷик дар шароити ниҳоят муташанниҷи ҳамон айёми таърихӣ мусоидат намуданд.

Бо шарофати дарёфти дурдонаҳои пурқимати тарбиявӣ аз осори ниёгон имкон фароҳам меояд, ки оилаи ҷомеаи муосири тоҷик дар муқобили ҳама гуна таҳаввулоти замони муосир солиму побарҷо боқӣ бимонад ва мо дар муҳити он ворисони хештаншиносу ватандӯст, донишманду хирадманд, некукору инсондӯст, ташаббускору зирак, содиқу вафодореро ба воя расонем, ки онҳо на танҳо ҳомии оилаи кӯчаки худ, балки Ватани хеш - Тоҷикистон бошанд.

Таҳлили қиёсии мероси пурғановати Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ бо консепсияҳои муосир оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ собит намуд, ки арзишҳои асосии хосси зиндагии оилавӣ аз инҳо иборат аст:

- никоҳ, садоқату вафодорӣ нисбат ба никоҳ;

- таълиму тарбияи фарзандон;

- муҳити солиму боҳаловати ахлоқӣ-равонӣ дар оила, муоширaт, ҳисси қаробати маънавӣ;

- некуаҳволии моддӣ (моликияти ғайриманқул, даромад, муҳити моддӣ-шайъӣ, хӯрокворӣ, меҳнати сердаромад);

- фаъолияти эҷодӣ-маърифатӣ (таҳсилот, соҳибкасб шудан, мутолиа, иттилоот);

- фаъолияти худмуҳофизатӣ (нигаҳдошти саломатӣ, хоб, нигоҳубини худ – беҳдоштӣ, тиббӣ ва ҳоказо);

- фаъолияти рекреативӣ (барқарорнамоии неру, варзиш, истироҳати фаъол ва ғайрифаъол);

- ғамхорӣ нисбат ба наздикону пайвандон, меҳнати пардохтнашавандаи хонагӣ;

- амният, эътимод ба ҳимоя;

- арзишҳои маънавӣ-мазҳабӣ.

Муайян карда шуд, ки барои таҳкими ниҳоди оила тадбирҳо дар самтҳои ҳаёти маънавӣ, қонунгузорӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, педагогию психологӣ бояд ба таври бонизом роҳандозӣ гардад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI нишон дод, ки аксарияти онҳо дар радифи баррасии тарбияи инсони комил ба масъалаи ташаккули арзишҳои оиладорӣ – никоҳ, бунёди оила, таълиму тарбияи фарзандон, таъмини солимии маънавию ҷисмонии онҳо, эҳтироми калонсолон, падару модар, дӯстиву якдигарфаҳмӣ, муҳаббату садоқат, вафодорӣ, некиву некукорӣ, ғамхорӣ нисбат ба наздикону пайвандон, сарфаю сариштакорӣ ақидаҳои пурқимат иброз намудаанд. Бинобар ин, омӯзиш ва бардоштҳои оқилонаи андешаҳоеи пурқиммати афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷики асри XI дар боби таълиму тарбияи фарзандон, бунёди оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалиро молик мебошанд. Новобаста аз ин, ҳангоми истифодаи мероси педагогии ниёгон оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ дар раванди ташаккули чунин арзишҳо дар замири насли наврас бояд дар хотир

дошт, ки онҳо дар муҳити тамоман дигари сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ эҷод шудаанд. Аз ин рӯ, дар ҷараёни тарбияи насли имрӯза аз ин ганҷина маҳз ҳамон дурдонаҳоеро бардоштан лозим аст, ки созгори ҷомеаи навбунёди Тоҷикистон мебошанд.

Дар маҷмуъ, барои ташаккули самарабахши арзишҳои оиладорӣ шароитҳои зерини педагогиро фароҳам овардан зарур аст:

- бунёди низоми ягона ва томи ташаккули арзишҳои оиладорӣ бо фарогирии тамоми ниҳодҳои таълиму тарбия;

- ташаккули ҳамон тарзи ҷаҳонбинӣ, ки қодир аст оиларо ҳамчун арзиши бебаҳо барои шахс ва дар маҷмуъ ҷомеа дарк намояд;

- баҳри ҳифз ва ғанӣ гардонидани анъанаву суннатҳои миллию фарҳангӣ омода намудани ҳар як аъзои оила, махсусан, падару модарон;

- дар руҳияи ҳисси мансубият ба оила ва авлод тарбия намудани ҳар як аъзои оила;

- ташаккули маҷмуи донишҳои аъзои оила оид ба масъалаҳои никоҳу оиладорӣ;

- дар ниҳоди сарварони оила бояд нақши ҳамсариву волидайн (нақши падар ё модар) ташаккул ёбад;

- дар самти таълиму тарбияи фарзандон падару модарон бояд пайваста донишу малакаҳои педагогии хешро такмил диҳанд;

- азбар намудани таҷрибаи пешқадам ва технологияҳои нави тарбия ва омодагӣ ҷиҳати татбиқи онҳо дар оила;

- ташаккули донишу малака, маҳорати иқтисодӣ, хоҷагидорӣ ва қобилияти истифодабарии онҳо дар рӯзгор;

- ташаккули қобилияти танзими низоу ихтилофоти оилавӣ;

- фароҳамоварии фазои якдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва дарки умумияти манфиатҳои оила.

# ХУЛОСА

Таҳаввулоти азими даврони соҳибистиқлолӣ дар ҷомеаи муосири тоҷик ва сохтору ниҳодҳои иҷтимоии он боиси дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти оилавӣ, арзишҳои оиладорӣ ва ташаккули меъёру нишондиҳандаҳои нави муносибат дар муҳити оила гардид. Оила ҳамчун асоси бунёдии ҷомеа тамоми дастоварду мушкилот ва зиддиятҳои ҳаёти иҷтимоиро дар худ таҷассум намуда, дар замони муосир, беш аз пеш, аз ҷомеа таъсирнопазир мегардад ва дар ҳаёти оилавӣ муносибатҳои байниҳамдигарӣ аҳамияти бештар пайдо мекунанд.

Шароити ниҳоят мураккабу печида ва зудтағйири ҷаҳони имрӯза, вусъати бемисли раванду тамоюлҳои муосир, махсусан, торафт шиддат гирифтани ҷаҳонишавии фарҳанг ва фазои иттилоотӣ, ки барои асолат ва ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои аҳлоқӣ ва маънавӣ, аз ҷумла, арзишҳои оиладорӣ, симо ва сурати миллӣ хатари ҷиддӣ эҷод мекунад, ниҳодҳои иҷтимоӣ, қабл аз ҳама оила, низоми таълиму тарбияи ворисони ояндаро водор менамояд, ки дар самти дарки бомасъулияти ҳифзу густариш ва баланд бардоштани нуфузу эътибори арзишҳои бузурги миллӣ, аз ҷумла, арзишҳои оиладорӣ саъю талошҳои мунтазаму қотеона анҷом диҳанд.

Вобаста ба ин, мавзуи оила ва арзишҳои оиладорӣ яке аз масъалаҳои меҳварии раванди таҳқиқу омӯзиш ва баррасии тамоми мушкилоти ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Сатҳи омӯзишу баррасӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба мавзуи мазкур ба ҷараёни ташаккули низоми арзишҳои созгори ҷомеаи муосир робитаи мустақим дорад. Аз ин рӯ, раванди пажӯҳиши мавзуъ дар сурате самараи матлуби иҷтимоӣ ба бор меорад, ки агар муҳаққиқон суннатҳои оиладории миллиро дар ҳамбастагии зич бо арзишҳои муосири оиладорӣ ва умумибашарӣ мавриди омӯзиши амиқи илмӣ қарор диҳанд.

Бо ибораи дигар, барои он ки дар чунин шароити мураккабу ҳассос оила функсияҳои иҷтимоии хешро бар сатҳи барои ҷомеа матлуб ба анҷом расонида, насли муносиби замонро ба воя расонад, падару модарон бояд аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла афкори арзишманди педагогии ниёгон, ки дар заминаи арзишҳои пешқадами дини мубини ислом, таҷрибаи ғановатманди

тарбияи хонаводагии ниёгон, ақидаву суннатҳои пешқадами тарбиятӣ-педагогии халқу миллатҳои гуногун эҷод шудаанд, самаранок истифода баранд.

Таҷрибаи бойи таърихии мардуми тоҷик дар самти таълиму тарбия ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ аз аҳди бостон шурӯъ гардида, сипас дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ бо рангу тобишҳои нав такмил ёфта, то замони мо омада расидааст.

Асри XI-ро дар таърихи мардуми Осиёи Миёна ва Эрон, ки аз байн рафтани давлати мутамаркази Сомониён ба раванди ҳаводиси он таъсири манфӣ расонид, муаррихон ҳамчун марҳилаи душвори таърихӣ - зулму тааддии аҳли дарбор ва аъёну ашрофи маҳаллӣ, тасарруф гардидани мероси илмию адабӣ, фарҳангӣ, таназзули илм, адабиёту фарҳанг аз ҷониби бегонагон арзёбӣ кардаанд.

Вале ин рӯйдодҳои таърихӣ руҳияи илму адабомӯзӣ ва фарҳангдӯстии мардумони ин сарзаминҳоро шикаста натавонист. Илму адабиёт ва фарҳанги халқи тоҷик ривоҷу равнақ ёфта, дар баробари пешрафти назму насри классикӣ шумораи осори дидактикиву пандуахлоқӣ зиёд гардид.

Афкори пурқиммати педагогии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ маҳз дар муҳити нооромиҳои ҳамин давраи таърихӣ ташаккул ёфта, барои эмин нигоҳ доштани оилаи мусулмонӣ аз амвоҷи ҳаводиси даврон зарурати дар доираи аркони шариат пойдор нигоҳ доштани одобу суннатҳо ва арзишҳои волои оиладориро талқин мекунанд. Ин мероси пурғановат имрӯз низ моҳияти тарбиявии худро гум накардааст ва дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг ва таҳсилот, таҳдиди пайомадҳои буҳрони демографии олам бо оилаи муосири тоҷик, омӯзишу баррасии интиқодӣ ва мутобиқ гардонидани онҳо ба талаботи ҷомеаи демокративу дунявии Тоҷикистон барои бунёди оилаи солими намунавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалиро молик мебошад.

Дар заминаи таҳлили амиқи таҳқиқоти педагогӣ оид ба ҳаёту фаъолият ва мероси эҷодии Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ, инчунин,

омӯзиши мустақими илмию назариявии осори педагогии онҳо оид ба оила ва арзишҳои оиладорӣ мо хусусиятҳои хоси зеринро ошкор намудем:

- осори педагогии онҳо дар зери таъсири таълимоти Қуръон, асарҳои таълимию тарбиявии мутафаккирони Юнони қадим, аҳли тасаввуф, насиҳатномаҳои даврони паҳлавӣ эҷод шуда, дар онҳо риояи бечуну чарои аҳкоми шариат пайваста таъкид шудааст;

- дар «Қобуснома»-и Кайковус ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба монанди никоҳ, вафодориву муҳаббат, меҳру садоқат, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва шафқати волидайн нисбат ба фарзандон, ғамхорӣ нисбат ба саломатӣ, илмомӯзиву донишандӯзӣ ва ахлоқи онҳо, донистани ҳаққи падару модар ва эҳтироми калонсолон, фарҳанги меҳмондорӣ дар оила, муносибати неку ба ҳамдигар ва ҳамсоягон, хешовандону дӯстон ва ростқавлӣ дар ҳамбастагӣ ба ғояи асосии таълимоти суфия - тарбияи «Инсони комил» бо забони сода ифода шудааст;

- дар афкори педагогии Ғаззолӣ ва Кайковус тарбияи инсони идеалӣ ё ба ибораи тасаввуфӣ «Инсони комил» бо иштироки мустақим ва фаъолонаи падару модар таъкид шуда, ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ робитаи ногусастанӣ дорад;

- дар масъалаи бунёди оила ва шартҳои солимию пойдории он, аз ҷумла, интихоби ҳамсар, никоҳ, таълиму тарбияи фарзанд Кайковус ва Ғаззолӣ ҳамақидаанд. Ба андешаи Кайковус, барои офияти зиндагонӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ занро аз оилаи салоҳ бояд хост. Ғаззолӣ бошад, таъсирпазирии аҳлу насаби зан, огоҳ будани вай аз дину шариатро ба раванди таълиму тарбияи фарзандон ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ алоқаманд меҳисобад;

- дар самти тарбияи зеҳниву ҷисмонии фарзандон дар оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири онҳо Унсурулмаолии Кайковус ва Ғаззолӣ ба падару модар тавсия медиҳанд, ки ин кори пурмасъулиятро бо меҳру самимият аз синни кӯдакӣ оғоз кунанд;

- дар таълимоти Ғаззолӣ тамоми масъалаҳои таълиму тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ нисбат ба Кайковус амиқтар омӯхта шуда, дар

мақоми аввал худшиносӣ, дуюм, шинохти Офаридагор, сеюм, ҳақиқати ин дунё ва ниҳоят, шинохти охират ҷой гирифтаанд. Дар таълимоти Кайковус бошад, дар мақоми аввал шинохти Худованд ва тақаддус, сипас бо таъкиди «бидон» ва «огоҳ бош» фарзанд ба ҳаёти мустақилона, аз ҷумла, бунёди оила ва арҷ гузоштан ба арзишҳои оиладорӣ ҳидоят карда шудааст;

- Ғаззолӣ дар боби никоҳ, шарту шароити оиладорӣ, ташаккули арзишҳои оиладорӣ нисбат ба Унсурулмаолии Кайковус нигоҳи фарохтар дошта, онҳоро бо далелҳои шаръӣ ва дунявӣ ҳамаҷониба асоснок кардааст;

- Ғаззолӣ заминаи муҳимми солимию пойдории оиларо дар робитаи мустақим бо омодагии маънавию равонии никоҳшавандагон арзёбӣ карда, тибқи аҳкоми шариат консепсияи мукаммали никоҳро асоснок намудааст, ки он аз 12 фасл иборат аст. Чунин тафсилоти арзиши мазкури оиладорӣ дар «Қобуснома»-и Кайковус ба назар намерасад;

- яке аз арзишҳои муҳимми оиладорӣ-якдигарфаҳмиро Ғаззолӣ бо мавҷудияти ҷуфти нек, яъне нексуханӣ, нексиратӣ, некрой будани ҳамсарон вобаста донистa, ободии рӯзгору хонадон ва охиратро дар робитаи ногусастанӣ бо он арзёбӣ кардааст. Дар ин маврид Кайковус ба фарзандаш Гелоншоҳ якрӯю якрой будан ва ҳангоми ба миён омадани мушкилот дар хонадон машварат карданро тавсия медиҳад;

- яке аз муҳимтарин арзишҳои оиладорӣ - муҳаббатро Ғаззолӣ самараи маърифат ва накукорӣ арзёбӣ кардааст. Дар таълимоти Кайковус ишқу муҳаббат ва расми ойини он нисбат ба осори Ғаззолӣ ҷойгоҳи нисбатан маҳдуд дошта, вале муҳаббат доштан ба ҳамсар ва неку доштани он ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми пойдорӣ ва солимии оила таъкид шудааст.

- дар таълимоти иҷтимоӣ-ахлоқӣ ва педагогии Ғаззолӣ раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба ҳаёти порсоиву парҳезкорӣ, қаноату шикастанафсӣ алоқаманд карда шуда, мутафаккир дар раванди тарбияи фарзандон ва ташаккули арзишҳои оилавӣ фитрати аслиро ҳамчун заминаи асосии таълиму тарбия арзёбӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ, падару модар дар таъмини хушбахтии оилавии фарзандон масъулияти муштарак доранд;

- яке аз хусусиятҳои барҷастаи таълимоти Ғаззолӣ дар самти масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз он иборат аст, ки ӯ онро дар алоқамандии зич ба марҳилаҳои камолоти фарзандон баррасӣ карда, таъкид мекунад, ки масъулияти волидайн аз синни ҳафтрӯза шудани фарзанд оғоз меёбад, сараввал падару модар бояд ба фарзанд номи неку гузоранд, дар шашсолагӣ адаб омӯзонанд, дар ҳафтсолагӣ намозгузориро ёд диҳанд, дар нуҳсолагӣ рахти хоби ӯро ҷудо кунанд, агар даҳсола шуда намоз нагузорад, танбеҳ диҳанд ва дар синни шонздаҳсолагӣ писарро хонадор кунанд;

- дар «Қобуснома»-и Кайковус боби бисту ҳафтум «Андар фарзанд парвардан ва ойини он» унвон дошта, мутафаккир тарбияи фарзандро раванди ҳадафманду пурмасъулият ва бонизом арзёбӣ карда, вале бе нишондоди синнусолӣ ба марҳилаҳои «номи хуш ниҳодан», «ба дояву мураббӣ супоридан», «хатна кардан» (агар писар бошад-О.Т.), «Қуръон омӯзонидан» ҷудо карда, дар ин раванд масъулияти падару модарро дар таълиму тарбияи фарзанд пайваста таъкид кардааст;

- дар таълимоти ахлоқии Ғаззолӣ даъват ба тарки ҷоҳпарастӣ ва ҳавову ҳаваси ин дунё хеле барҷаста ифода ёфта, мутафаккир дар раванди маърифати инсон се намуди маърифат - тариқи ақлӣ (ратсионалӣ), тариқи ҳиссӣ ва тариқи завқиро (маърифатӣ ботинӣ, ирфонӣ) ҷудо намудааст, ки бо ин хусусияти худ аз андешаҳои Кайковус дар самти тарбия ва ташаккули арзишҳои оилавӣ тафовут дорад;

- «Қобуснома» ҳамчун барномаи мушаххасу ҳадафманди тарбиявӣ дар раванди камолоти инсон ангезаҳои гӯшанишиниву хилватгузиниро сарфи назар намуда, табъи инсонро баҳри бунёдкориву созандагӣ болида месозад;

- дар таълимоти Ғаззолӣ масъулият ва мавқеи шахс дар ҷомеа ва оила ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоии ӯ алоқаманд карда шуда, бар дӯши инсон бори ин дунёву охират ба таври нисбатан барҷаста гузошта шудааст. Дар таълимоти ӯ андешаҳои назариявию амалӣ дар ҳамбастагӣ инъикос ёфта, хусусияти ҳамагонӣ доранд, шаҳвонияту ғароизи фард дар доираи талаботи шариат маҳдуд карда шуда, ҳамчун ниёзи имонии ӯ арзёбӣ гардидаанд;

- «Кимиёи саодат» ҳамчун асари педагогию дидактикӣ хусусияти энсиклопедӣ дошта, дар он тамоми афкори пешқадами педагогии антиқӣ ва асримиёнагӣ оид ба проблемаҳои ахлоқию тарбиявӣ, аз ҷумла, ташаккули арзишҳои оилавӣ дар омезиши ногусастанӣ бо андешаҳои пурқимати муаллиф инъикос ёфтаанд, таъкиди «бидон»-и Ғаззолӣ хусусияти ҳамагонӣ дорад;

- дар «Қобуснома» тарбияи фарзанд дар мақоми аввал қарор дошта, таъкидҳои «бидон», «огоҳ бош» хусусияти инфиродӣ доранд ва бо мурури замон, бинобар зуҳури маъруфият ва арзиши баланди таълимоти тарбиявию ахлоқии Кайковус онҳо хусусияти ҳамагонӣ пайдо карданд. Дар асар хурдтарин ҷузъиёти ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятии фарзанд аз мадди назари муаллиф дур намондаанд, ки онҳоро дар маҷмуъ, метавон ҳамчун консепсияи мукаммали тарбияи муттасил дар раванди камолоти равонию ҷисмонии фарзандон, инчунин, барномаи мушаххаси ташаккули арзишҳои оиладорӣ арзёбӣ кард;

- дар боби тарбия ва ҳуқуқи фарзандон Ғаззолӣ «миёни эшон аз ато ва навохт» риояи принсипи баробариро ҷоиз медонад, аммо оид ба ин масъала Кайковус барои духтарон танҳо омӯхтани намозу рӯза ва риояи аҳкоми шариатро кифоя дониста, таҳсили духтаронро зарур намешуморад.

Аз хулосабарории натиҷаҳои таҳқиқот **тавсияҳои** зерин бармеояд:

1. Барои ба роҳ мондани тарбияи самараноки фарзандон дар муҳити оила, эмин нигоҳ доштани оилаи муосир аз хатарҳо ва таъсири вусъатёбандаи раванди ҷаҳонишавӣ ва пайомадҳои бӯҳрони демографии олам, таҳқиқу омӯзиши ғояҳои пешқадами афкори педагогии мутафаккирони асри XI и халқи тоҷик, аз ҷумла, Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ оид ба бунёди оила, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ бояд *бонизом ва амиқтар ба роҳ монда шавад.*

2. Дар тамоми нақшаҳо ва барномаҳои таълимии фанҳои ҷамъиятӣ оиди ташкили чорабиниҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фасли алоҳидаи «Арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони халқи тоҷик» ворид карда шавад.

3. Дар барномаи таълимии фанни «Маърифати оиладорӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фасли алоҳидаи «Маърифати оиладорӣ аз нигоҳи Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ» ворид карда шавад.

4. Бо назардошти таҳаввулоти азими ҷаҳони муосир, вусъати бемайлони раванду тамоюлоти барои ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистон номатлуб тавсия дода мешавад, ки матни «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [131] ва «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [132] ва дигар  санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба таълиму тарбия ва бунёди оила алоқаманд дар партави ғояҳои ба замони муосир ҷавобгӯйи афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик таҷдиди назар шаванд.

5. Дар заминаи таҳлили интиқодии мероси мутафаккирони халқи тоҷик оид ба оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ, инчунин, арзишҳои оиладории даврони истиқлол таҳия намудани «Консепсияи ташаккули арзишҳои оиладорӣ» ба мақсад мувофиқ аст.

6. Бо ҷалби аҳли илму адаб мунтазам ташкил намудани барномаҳои махсуси радио ва телевизион оид ба мушкилоти оилаи муосир ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ ба манфиати бунёди оилаи солим ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ мебошад.

7. Дар сомонаи Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷаллаҳои «Фирӯза», "Бонувони Тоҷикистон" ташкил намудани равзанаҳои махсуси «Нақши бонувон дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ» ба раванди мақсадноки ташаккули арзишҳои оиладорӣ мусоидат хоҳад кард.

8. Ташкили семинарҳо ва курсҳои интихобии «Ҷойгоҳи оила ва арзишҳои оиладорӣ дар мероси илмию педагогии мутафаккирони халқи тоҷик» барои донишҷӯёни курсҳои болоии коллеҷҳои педагогӣ ва факултетҳои омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ.

9. Истифодаи мавод ва тавсияҳои таҳқиқоти мазкур ҷиҳати таҳияи курси лексияҳо барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мураббиёни

муассисаҳои томактабӣ, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии равияҳои омӯзгорӣ, курсҳои таълимӣ барои калонсолон ва навхонадорон.

10. Интихоб ва ба барномаи таълимии педагогикаи умумӣ, таърихи афкори педагогии халқи тоҷик, педагогикаи муосири оилавӣ, маърифати оиладорӣ ворид намудани мавзуъҳои алоҳида оид ба арзёбии интиқодии арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик ва шароитҳои педагогии татбиқи онҳо дар раванди тарбияи оилавии фарзандон ва низоми таҳсилоти муосир.

11. Бо ҷалби падару модарон, адибону олимон ташкил намудани рӯзҳои хониши мавзуии «Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик», «Унсурулмаолии Кайковус ва масъалаҳои таълиму тарбияи фарзандон», «Арзишҳои оиладорӣ аз нигоҳи Муҳаммад Ғаззолӣ: самтҳои асосии татбиқи онҳо дар шароити оилаи ҷомеаи демократӣ ва дунявӣ» дар китобхонаҳои шаҳрию деҳотӣ, муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумӣ ва ғайра.

12. Ба барномаҳои таълимии низоми таҳсилоти муттасил ворид намудани мавзуъҳои «Мероси педагогии ниёгон дар қаринаи арзишҳои муосири оиладорӣ».

13. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсею гимназияҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ташкил намудани озмунҳои беҳтарин иншо дар мавзуъҳои «Арзишҳои оиладорӣ», «Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар мероси ниёгон» (вобаста ба бартарияти ин арзишҳо дар мероси мутафаккирони мушаххас Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Кайковус, Ғаззолӣ, Аттор, Сино, Саноӣ, Носири Хусрав, Абдураҳмони Ҷомӣ, Низомии Ганҷавӣ ва дигарон).

14. Таҳияи хрестоматияи «Афкори педагогии мутафаккирони асри XI-и халқи тоҷик оид оила ва бунёди ташаккули арзишҳои оиладорӣ».

15. Вобаста ба бартарияти ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар мероси мутафаккирони мушаххаси халқи тоҷик, идома додани таҳқиқот дар

мавзуъҳои «Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар эҷодиёти Муҳаммад Ғаззолӣ», «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аз нигоҳи Унсурулмаолии Кайковус» ва амсоли инҳо.

16. Дар китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёна ва олии касбӣ ва давлатию оммавӣ ташкил намудани картотекаҳои мавзуии фардии (оид ба ҳар як мутафаккири мушаххас) «Ғаззолӣ оид ба арзишҳои оиладорӣ», «Кайковус оид ба арзишҳои оиладорӣ» ва амсоли инҳо;

17. Бо ҷалби васеи падару модарон ва махсусан, навхонадорон дар мавриди  ба нақшаи маҳфилҳо ва чорабиниҳои оммавии китобхонаҳои давлатию оммавӣ ворид намудани хонишҳои мавзуии оилавӣ (хонаводагӣ) «Кайковус андар боби масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Оила ва арзишҳои оиладорӣ аз нигоҳи Ғаззолӣ» ва мавзуъҳои ба ҳамин монанд аз афкори педагогии ниёгони халқи тоҷик;

18. Таҳия, чоп ва ба роҳ мондани тарғиби васеи адабиёти педагогӣ, дастурҳои таълимӣ-методӣ барои падару модарон, мураббиён дар заминаи афкори пешқадами педагогии ниёгон оиди бунёди оила, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, ташаккули арзишҳои оиладорӣ;

19. Ҷалби падару модарон, махсусан, навхонадорон ба суҳбату вохӯриҳои аҳли илму адаб ва аъзои оилаҳои намунавӣ дар маҳаллаҳои ҷамоатҳои деҳот, шаҳракҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо дар мавзуъҳои вобаста ба бунёди оилаи солим, ташаккули арзишҳои оиладорӣ, нақши аъзои калонсоли оила дар таҳкими оила, масъулияти волидайн дар таълиму тарбияи фарзандон ва ғайра.

Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти анҷомёфта ба баррасӣ ва ҳалли мукаммали мавзуи оила ва арзишҳои оиладорӣ дар мероси педагогии мутафаккирони халқи тоҷик иддао надошта, танҳо иқдоми нахустин дар ин самт ба шумор рафта, баъзе ҷанбаҳои ин масъалаи муҳиму густурдаро ошкор ва барои омӯзиши амиқу ҳамаҷонибаи проблемаҳое, ки ба таҳқиқи минбаъда эҳтиёҷ доранд, имкониятҳои навро фароҳам хоҳад овард.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / Абуалӣ ибни Сино. – Душанбе: Ирфон, 1983. – Ҷ.2. – 558 с.
2. Абдурахимов, К.С. Педагогические идеи Мир Сайида Али Хамадони [Текст]: автореф. дисс… д-ра пед. наук / К.С. Абдурахимов. – Душанбе, 2006. – 42 с.
3. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат [Матн] / Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – Ҷ.I. – 669 с.
4. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат [Матн] / Абӯҳомид Муҳаммади Газоли. – Душанбе: Эр-граф, 2008. – Ҷ.II. – 665 с.
5. Аверьянов, А.Н. Системное познание мира. Методологические проблемы [Текст] / А.Н. Аверьянов. – М.: Политиздат, 1985. – 263 с.
6. Адлер, А. Очерки по индивидуальной психологии [Текст] / А. Адлер. – М.: Когито-центр, 2002. – 220 с.
7. Алиев, М.Т. Идеи воспитания в трудах Имама Мухаммада Газали [Текст]: автореф. дисс… канд. пед наук: 13.00.01 / Алиев Мирзоали Таварович. – Душанбе, 2006. – 26 с.
8. Аминджанова, М.С. Педагогические взгляды Рудаки и его современников в контексте современных проблем образования [Текст]: автореф. дисс… канд. пед наук: 13.00.01 / Аминджанова Мавлуда Самиджановна. – Душанбе, 2014. – 26 с.
9. Амонашвили, Ш.А. Школа жизни: Трактат о начальной ступени образования, основанный на принципах гуманно-личностной педагогики [Текст] / Ш.А. Амонашвили. – М., 1998. – 74 с.
10. Ананьев, Б.Г. Человек как предмет познания [Текст] / Б.Г. Ананьев. – СПб.: Питер, 2002. – 288 с.
11. Андреева, Т.В. Семейная психология: учебное пособие [Текст] / Т.В. Андреева. – СПб.: Речь, 2004. – 467 с.
12. Анисимов, О.С. Методология, функции, сущность, становление (диалектика и связь времен) [Текст] / О.С. Анисимов. – М., 1996. – 338 с.
13. Анисимов, С.Ф. Духовные ценности: производство и потребление [Текст] / С.Ф. Анисимов. – М., 1988. – 289 с.
14. Антология педагогической мысли таджикского народа [Текст] / сост. М. Лутфуллоев, С. Сулаймони, Х. Афзалов, Ю.С. Мальцев, К. Айни. – Душанбе: Матбуот, 2009. – 448 с.
15. Арипов, М. (Орифи М.). Из истории педагогической мысли таджикского народа (IX-XI вв.) [Текст] / М. Арипов. – Душанбе: Ирфон, 1962. – Ч.I. – 180 с.

16. Арипов, М. (Орифи М.). Из истории педагогической мысли таджикского народа [Текст] / М. Арипов. – Душанбе: Ирфон, 1965. – Ч.II. – 190 с.

17. Асоев, Ҳ. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанҳги Шарқ [Матн] / Ҳ. Асоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 144 с.

18. Аттор, Ф. Панднома. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо [Матн] / Ф.Аттор. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 256 с.

19. Афзалов, Х.С., Рахимов, Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик [Матн] / Х.С. Афзалов, Б. Рахимов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 190 с.

20. Бартольд, В.В. История культурной жизни Туркестана [Текст] / В.В. Бартольд // Сочинения: в 9 томах. – М.: Изд-во вост. лит-ры, 1963. – Т.2. – Ч.1. – С.169-433.

21. Ашуралиев, М.И. Нравственное воспитание учащихся на традициях таджикского народа [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук / М.И. Ашуралиев. – Душанбе, 2007. – 24 с.

22. Бертельс, Е.Э. Избранные труды. Суфизм и суфийская литература [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Наука, 1965. – 524 с.

23. Бертельс, Е.Э. История персидско-таджикской литературы [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Наука, 1960. – 556 с.

24. Блауберг, И.В., Юдин, Э.Г. Становление сущности системного подхода [Текст] / И.В. Блауберг, Э.Г. Юдин. – М.: Наука, 1973. – 274 с.

25. Бликштейн, Л.С. Очерки истории школы и педагогической мысли Древнего и Среднего Востока [Текст] / Л.С. Бликштейн. – М.: АПН СССР, 1988. – 345 с.

26. Божович, Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте [Текст] / Л.И. Божович. – СПб.: Питер, 2008. – 400 с.

27. Большой толковый словарь русского языка [Текст] / Сост. и гл. ред. С.А. Кузнецов. – СПб.: Норинт, 1998. – 1536 с.

28. Брагинский, И.С. Из истории таджикско-персидской литературы [Текст] / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1970. – 522 с.

29. Буева, Л.П. Социальная среда и сознание личности [Текст] / Л.П. Буева. – М., 1968. – 268 с.

30. Васильева, Э.К. Семья и ее функции (статистико-демографический анализ) [Текст] / Э.К. Васильева. – М.: Статистика, 1975. – 181 с.

31. Вишневский, А.Г. Россия перед демографическими вызовами XXI: Доклад на общем собрании Отделения общественных наук РАН [Текст] / А.Г. Вишневский. – М., 2003. – 52 с.

32. Выготский, Л.С. Развитие личности и мировоззрения ребенка. Избранные психологические исследования [Текст] / Л.С. Выготский. – М., 1956. – 374 с.

33. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нава [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 866 с.

34. Гафурова, Д.Д. Педагогические взгляды Зайниддина Хусайна Воиза Кошифи в контексте современных проблем воспитания [Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Гафурова Дилором Джаборовна. – Д., 2010. – 150 с.

35. Гершунский, Б.С. Философия образования для XXI века (В поисках практико-ориентированных концепций) [Текст] / Б.С. Гершунский. – М.: Совершенство, 1998. – 608 с.

36. Гиёсиев, М.И. Педагогические воззрения таджикско-персидских мыслителей X и первой половины XI века и их трансформация в современной национальной педагогике [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Гиёсиев Мехриддин Ильёсидинович. - Курган-Тюбе, 2009. – 26 с.

37. Горбунова, Е.В. Формирование ценности семьи у студенческой молодежи [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Горбунова Екатерина Викторовна. – М., 2011. – 26 с.

38. Грехнев, В.С. Культура педагогического общения [Текст] / В.С. Грехнев. – М., 1990. – 145 с.

39. Григорьян, С.Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VII-XII вв. [Текст] / С.Н. Григорьян. - М.: Изд-во АН СССР, 1960. - 328 с.

40. Дементьева, И.Ф. Социализация детей в семье: теории, факторы, модели [Текст] / И.Ф. Дементьева. – М.: Генезис, 2004. – 232 с.

41. Джалилова, М.Н. Семейные традиции как средство нравственного воспитания в педагогической деятельности учителей (На материалах Хатлонской области Республики Таджикистан): [Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Джалилова Мехриносо Назировна. – Душанбе, 2010. – 171 с.

42. Джумабаев, Ю.Д., Мамедов, Ш.Ф. Этическая мысль в Средней Азии в IX- XV вв. [Текст] / Ю.Д. Джумабаев, Ш.Ф. Мамедов. – М.: МГУ, 1974. – 255 с.

43. Диноршоев, М. Гносеология Газали и его мировозренческая сущность [Текст] / М. Диноршоев // Известия АН Таджикской ССР отд. общест. наук. – 1976. – №4. – С.56-68.

44. Диноршоев, М.Д. Проблема разума и веры в трудах Мухаммада Газали [Текст] / М.Д. Диноршоев // Известия АН РТ. Филос и право. – 2001. – №4. – С.70-78.

45. Диноршоева, З.М. Мухаммал Газали и его отношение к философии [Текст] / З.М. Диноршоева. – Душанбе, 2000. – 76 с.

46. Дробницкий О.Г. Моральная философия: Избранные труды [Текст] / О.Г. Дробницкий. – М.: Гардарики, 2002. – 523 с.

47. Дыбина, О.В. Предметный мир как средство формирования творчества у детей. Монография [Текст] / О.В. Дыбина. - М., 2002. - 196 с.

48. Дюльдина, Ж.Н. Категории «ценность» и «семейные ценности» в философских, психологических и социально-педагогических науках [Текст] / Ж.Н. Дюльдина, Л.П. Шустова // Современные наукоемкие технологии. – 2016. − №11. − С.96-98.

49. Дюркгейм, Э. Социология: Ее предмет, метод, предназначения [Текст] / Э. Дюркгейм. – М.: Канон, 1995. – 256 с.

50. Загвязинский, В.И. Методология и методика дидактического исследования [Текст] / В.И. Загвязинский. – М.: Педагогика, 1982. – 210 с.

51. Зарринкуб, А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Ирон [Матн] / А. Зарринкуб. – Душанбе, 1992. – 397 с.

52. Здравомыслов, А.Г. Потребности. Интересы. Ценности [Текст] / А. Г. Здравомыслов. – М.: Политиздат, 1986. – 225 с.

53. Иванов, С.И. Влияние семейных ценностей на формирование личности подростка. Принципы семейного воспитания: вчера сегодня [Текст] / С.И. Иванов // Сохранение традиционных семейных ценностей в условиях современной реалии. Сборник материалов Международной научно-практической конференции. – Уфа, 2020. – С.82-86.

54. Игнатенко, А.А. Познать непознаваемое (аль-Газали о рациональном познании трансцендентного-алгайб) [Текст] / А.А. Игнатенко // Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – М., 1998. – С.175-209.

55. Измайлов, А.Э. Народная педагогика. Педагогические воззрения народов Средней Азии и Казахстана [Текст] / А.Э. Измайлов. – М.: Педагогика, 1991. – 256 с.

56. Кайковус. Қобуснома [Матн] Насиҳатнома барои фарзанд / Кайковус. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 200 с.

57. Кадыров, К.Б. Теория воспитания, школы и педагогической мысли таджиков с древнейших времен до возникновения Ислама [Текст] дисс… докт. пед. наук: 13.00.01 / К.Б. Кадыров. – Душанбе, 1999. – 394 с.

58. Каримова, М.М. Историческая ценность идей Мир Сайида Али Хамадони о семейном воспитании и их осуществление в условиях современного таджикского общества [Текст]: дисс... канд. пед. наук / М.М. Каримова. – Курган-Тюбе, 2016. – 171 с.

59. Кирабаев, Н.С. ал-Джанаби М.М. Знание и вера в философии ал-Газали [Текст] / Н.С. Кирабаев // Сравнительная философия: вера и знание в контексте диалога культур. – М.: Восточная литература, 2008. – С.163-171.

60. Ковалев, А.Г. Психология личности [Текст] / А.Г. Ковалев. – Л., 1984. – 264 с.

61. Коменский, А.Я. Великая дидактика. Избранные педагогические сочинения [Текст] / А.Я. Коменский. – М., 1955. – 332 с.

62. Кубесов, А.К. Педагогические наследие ал-Фароби [Текст] / А.К. Кубесов. – Алма-Ата: Мектеп, 1989. – 137 с.

63. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн]. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 616 с.

64. Леонтьев, Д.А. Методика изучения ценностных ориентации [Текст] / Д.А. Леонтьев. – М.: Смысл, 1992. – 177 с.

65. Лутфуллоев, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик [Матн]: Осори педагогӣ / М. Лутфуллоев. – Душанбе, 2015. – Ҷ.6. – 704 с.

66. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ: Дафтари аввал ва дуввум [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. – Душанбе: Адиб, 2013. – 480 с.

67. Маджидова, Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств детей в семье [Текст]: дисс... д-ра пед. наук / Б. Маджидова. – Душанбе, 2004. – 298 с.

68. Маҳмудзода, М., Худоёрзода, Б. Ҳуқуқии оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 496 с.

69. Мацковский, М.С. Социология семьи. Проблемы теории, методологии и методики [Текст] / М.С. Мацковский. – М., 1989. – 221 с.

70. Маърифати оиладорӣ дар синфи 10-ум: Барномаи таълими фанни маърифати оиладорӣ дар синфи 10-ум [Текст] / Мураттибон Х. Раҳимзода, Л. Назирова, Ш. Ёрмуҳаммадзода. – Душанбе, 2015. – 16 с.

71. Методы системного педагогического исследования [Текст] / Под ред. Н.В. Кузьминой. – М., 1980. – 167 с.

72. Мец, А. Мусульманский Ренессанс [Текст] / А. Мец. – М.: Наука, 1996. – 456 с.

73. Мжельская, Е.В. Современные подходы к сущности понятия «семейные ценности» [Текст] / Е.В. Мжельская // Самарский научный вестник. − 2013. − №4 (5). − С.113-116.

74. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII) [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. Қ.1. Қ.2. – 340 с.

75. Мудрик, А.В. Вызовы глобального кризиса и новые проблемы социализации подростков [Текст] / А.В. Мудрик // Библиотека и чтение в структуре современного образования: материалы межрегиональной научной конференции. – М.: Наука, 2009. – С.128-133.

76. Муртазо Мударриси Гелонӣ. Ахлоқи Ғаззолӣ ё калиди маърифат [Матн] / Муртазо Гелонӣ. – Душанбе: Сарват, 1992. – 214 с.

77. Мухторова, Г.Г. Трудовое воспитание в таджикской народной педагогике и современные проблемы детского труда в Таджикистане [Текст]: автореф. дисс…канд. пед. наук / Мухтарова Гавхар Гаффаровна. – Душанбе, 2006. – 24 с.

78. Муҳаммадҷони, Т.Р. Ғояҳои фалсафаи маориф дар осори мутафаккирони тоҷик дар асрҳои IX-XIII [Матн]: дисс… докт. илм. фалсафа (PhD) / Муҳаммадҷони Тағоймуроди Раҳматулло. – Душанбе, 2019. – 152 с.

79. Муҳаммад Ғаззолӣ. Насиҳат-ул-мулук [Матн] / М. Ғаззолӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 176 с.

80. Нақши ҳамкориҳои педагогӣ дар камолоти ахлоқию маънавии кӯдакону наврасон: маҷмӯаи илмӣ [Матн]. – Душанбе, 2012. – 232 с.

81. Немов, Р.С. Психология: Словарь-справочник [Текст]: В 2 ч. / Р.С. Немов. – М.: Владос-Пресс, 2007. – 351 с.

82. Никандров, Н.Д. Ценности как основа социализации и воспитания [Текст] / Н.Д. Никандров // Мир образования. – 2003. – №3. – С.6-13.

83. Никитина, Н.Н. Высшее образование: воспитание толерантности и гуманизма [Текст] / Н.Н. Никитина // Вестник Российского университета дружбы народов. – 2006. – №3. – С.27-31.

84. Носири Хусрав. Девони ашъор. Куллиёт [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе, 2003. – Ҷ.1. – 828 с.

85. Нуриддинов, Г.Н. Проблема воспитания и обучения в творчестве Саади и его современников [Текст]: дисс… канд. пед. наук / Г.Н. Нуриддинов. – Душанбе, 1981. – 150 с.

86. Обидова, М.И. Фарҳанги педагогии модар ва мавқеи он дар ташаккули шахсияти фарзандон [Матн] / М.И. Обидов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2017. – №4 (71). – С.20-25.

87. Олимов, К. Хоросанский суфизм (Опыт историко-философского анализа) [Текст] / К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 1993. – 285 с.

88. Охунова, С.Х. Педагогические взгляды Абуали ибн Сино [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук / Охунова Сайёхат Ҳамдамовна. – Душанбе, 1996. – 26 с.

89. Петрущевский, И.П. Ислам в Иране в XII-XV веках (курс лекции) [Текст] / И.П. Петрущевский. – М., 1966. – 124 с.

90. Раҳмонов, Э.Ш. Дар бораи дин [Матн] / Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе, 2006. – 553 с.

91. Рахимзода, Х. Традиции таджикского народа и их роль в подготовке старшеклассников к семейной жизни [Текст] / Х. Рахимзода. – Душанбе, 1982. – 85 с.

92. Рисолҳои ҷавонмардӣ [Матн] / Таҳияву тадвини матн бо муқаддимаи Қурбон Восеъ, Рухшона Восеъ. –Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. -276 с.

93. Рогова, А.М. Анализ социальных факторов формирования семейных ценностей среди молодого поколения: на примере Санкт-Петербурга и Ленинградской области [Текст]: автореф. дисс… канд. соц. наук: 22.00.04 / Рогова Анна Михайловна. – СПб., 2009. – 25 с.

94. Розенталь, Ф. Торжество знания. - Концепция знания в средне-вековом исламе [Текст] / Ф. Розенталь. – М.: Наука, 1978. – 372 с.

95. Розов, Н.С. Ритуалы, институты и ресурсы: социальные основы трансформации менталитета [Текст] / Н.С. Розов // Ценности и смысли. – 2010. – №5(8). – С.50-67.

96. Саидмирова, С.М. Приоритетность освоения наук в педагогических воззрениях Абдурахмана Джами и их востребованность в современной педагогике [Текст]: дисс... канд. пед. наук / С.М. Саидмирова. – Душанбе, 2019. – 205 с.

97. Сайдуллоева, Г.Р. Андешаҳои алоқии Кайковус [Матн]: автореф. рис. номз. илм. фал. / Г.Р. Сайдуллоева. – Душанбе, 2000. – 21 с.

98. Саъдии Шерозӣ. Гулистон [Матн] / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 321 с.

99. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт [Матн] / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – Ҷ.III. – 243 с.

100. Семенов, А.А. Абуали ибн Сина [Текст] / А.А. Семенов. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1953. – 165 с.

101. Семья в современном социуме (конец XX начало XXI вв.) [Текст] / Под общ. ред. д-ра пед. наук, профессора Т.В. Лодкиной. – 2-е изд. – Вологда: Полиграфист, 2007. – Ч.1. – 212 с.

102. Синельников, А.Б. Трансформация семьи и развитие общества [Текст] / А.Б. Синельников. – М., 2007. – 331 с.

103. Сӯфизода, Ш. Шайх Маҳмуди Шабистарӣ. Гулшани роз / Муқаддима, тасҳеҳ, шарҳу тавзеҳоти Ш. Сӯфизода [Матн]. – Душанбе: Дониш, 2015. – 284 с.

104. Талашев, Х.Х. Общепедагогические и дидактические идеи ученых - энциклопедистов Ближнего и Среднего Востока эпохи Средневековья [Текст] / Х.Х. Талашев. – Ташкент: Фан, 1980. – 144 с.

105. Файзалиев, Дж. Педагогические взгляды таджикско-персидских мыслителей X-XIII вв. на формирование совершенного человека [Текст]: дисс… канд. педаг. наук. – Душанбе, 2006. – 155 с.

106. Федулова, А.Б. Семья и семейные ценности: философско-аксиологический анализ [Текст]: автореф. дисс… канд. филос. наук: 09.00.011 / Федулова Анна Борисовна. – Архангельск, 2003. – 25 с.

107. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. – Нашри сеюм. – Душанбе: Эр-граф, 2012. – 612 с.

108. Философский энциклопедический словарь [Текст]. – М., 1983. – 440 с.

109. Халимов, А.Х. Воспитание, зарождение школ и педагогической мысли таджиков в эпоху Саманидов [Текст]: дисс… д-ра. пед. наук: 13.00.01 / Халимов Абдукарим Халимович. – Душанбе, 2012. – 318 с.

110. Харчев, А.Г. Брак и семья в СССР. Опыт социологического исследования [Текст] / А.Г. Харчев. – М.: Мысль, 1979. – 225 с.

111. Хидирова, Л.С. Формирование нравственных качеств у детей средствами семейных традиций: На материале семей Северного Таджикистана [Текст]: дисс… канд. пед. наук: 13.00.01 / Хидирова Лола Сотиболдиевна. – Худжанд, 2002. – 163 с.

112. Ҳодизода, Р. Ахлоқ ва ҷомеа [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 117 с.

113. Ходжаев, К.Т. Педагогические взгляды мыслителей таджикского народа в XI веке [Текст]: дисс… докт. пед. наук: 13.00.01 / Ходжаев Курбан Таирович. – Душанбе, 2010. – 272 с.

114. Ходжиева, Ф.А. Педагогические условия ответственности родителей за воспитание детей в исламе, созвучные современным нравственным нормам светского общества [Текст]: автореф. дисс… канд. пед. наук / Ф.А. Ходжиева. – Душанбе, 2009. – 25 с.

115. Ҳофизи Шерозӣ. Насиҳат гӯш кун ҷоно.... [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 196 с.

116. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 302 с.

117. Черняк, Е.М. Социология семьи [Текст] / Е.М. Черняк. – М., 2006. – 345 с.

118. Шамолов, А.А. «Кимиёи саодат» и «Ахлоки Насири» важные источники по изучению этики [Текст] / А.А. Шамолов // Тезисы вступлений участников Республиканской конференции. Философия в Таджикистане: Вопросы совершенствования и преподавания. – Душанбе, 1993. – С.17-21.

119. Шамолов, А.А. Проблема счастья в этических концепциях Абу Хамида Газали и Насриддина Туси [Текст] / А.А. Шамолов // Извест. АН РТ Серия филос. и правовед. – 1993. – №3. – С.37-44.

120. Шарифзода, Ф., Файзалиев, Ҷ. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон [Матн] / Ф. Шарифзода, Ҷ. Файзалиев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 402 с.

121. Шосаидзода, С. Фарҳанги педагогиии волидайн ва нақши он дар таълиму тарбияи фарзанд [Матн] / С. Шосаидзода // Паёми донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2018. – №1 (29). – С.88-95.

122. Эйдемиллер, Э.Г. Семейные мифы. Семейный диагноз и семейная психотерапия [Текст]: Учебное пособие для врачей и психологов / Э.Г. Эйдемиллер, И.В. Добряков, И.М. Никольская. – СПб.: Речь, 2003. – 336 с.

123. Эльконин, Д.Б. Психология игры [Текст] / Д.Б. Эльконин. – М.: Педагогика 1978. – 304 с.

124. Юдин, Э.Г. Системный подход и принцип деятельности: Методологические проблемы современной науки [Текст] / Э.Г. Юдин. – М.: Наука, 1989. – 320 с.

125. Юнусова, Н.М. Воспитательная роль семьи в формировании ценностных ориентаций личности [Текст] / Н.М. Юнусова // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – 2013. – № 3/1 (104). – С.177-181.

126. Яновская, С.А. Методологические проблемы науки [Текст] / С.А. Яновская. – М., 2006. – 277 с.

127. Манбаъҳои электронӣ

128. Консепсияи мактаби миллии Ҷумхурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://base.mmk.tj/ (Санаи муроҷиат: 16.12.2019)

129. Демографияи солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: https://www.stat.tj/tj/news/publications/ demographic-yearbook-of-the-republic-of-tajikistan (Санаи муроҷиат: 14.04.2021)

130. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/ (Санаи муроҷиат: 16.09.2020)

131. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори ҲҶТ аз 3 марти соли 2006, № 94 тасдиқ гардидааст [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 22.08.2020)

132. Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / қарори ХҶТ аз 30.12.2015, № 801. [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ:http://www.mmk.tj Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2023 (ҚҲҶТ аз 25.01.2017, № 28) ).- [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ: http://www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 22.08.2020)

133. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул карда шудааст) [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 22.08.2020)

134. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (ҚҶҲТ аз 22 июли соли 2013, № 1004) [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 15.12.2018)

135. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (ҚҶҲТ аз 2 августи соли 2011, № 762) [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ:http://www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 04.10.2020)

136. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҶҲТ аз 28.08.17, № 1461) [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.mmk.tj (Санаи муроҷиат: 08.08.2019)

137. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23.01.2015, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/ru (Санаи муроҷиат: 18.12.2018)

138. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (қарори ҲҶТ, № 334 аз 30.06.2012) [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://maorif.tj/ (Санаи муроҷиат: 03.12.2019)

139. Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба ифтихори Рӯзи модар. Душанбе, 07.03.2016 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/ru (Санаи муроҷиат: 22.12.2019)

140. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба ифтихори ба Рӯзи модар. Душанбе, 07.03.2017 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.president.tj/ru (Санаи муроҷиат: 22.12.2018)

141. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи байналхалқии занон – 8 март, Душанбе, 07.03.2001 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 17.06.2020)

142. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи модар, Душанбе, 06.03.2015 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 09.07.2019)

143. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Душанбе, 08.04.2011 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 13.12.2020)

144. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва

чашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 11.07.2017 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 25.12.2020)

145. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, Душанбе, 20.03.2004 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 08.08.2019)

146. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, Душанбе, 20.03.2014 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 19.07.2019)

147. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, Душанбе, 21.05.2021 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715 (Санаи муроҷиат: 24.05.2021)

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ОЛИМОВ ТАҒОЙБЕК ШОДИЕВИЧ

### I. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда:

**[1-М]** Файзализода Ҷ.Х., Олимов Т.Ш. Оила ва арзишҳои оиладорӣ / Ҷ.Х.Файзализода, Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2019. - № 4. - С. 256-261, ISSN 2074-1847

**[2-М]** Олимов Т.Ш. Нақши зан-модар дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ /Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2019. - № 7. - С. 275-280, ISSN 2074-1847

**[3-М]** Олимов Т.Ш. Ташаккули арзишҳои оилавӣ: таҳлили омилҳои иҷтимоӣ /Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе, 2020. - № 1. - С. 288-293, ISSN 2074-1847

**[4-М]** Олимов Т.Ш. Ҷойгоҳи арзишҳои оиладорӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус /Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2020. - № 2. - С. 274-279, ISSN 2074-1847

**[5-М]** Олимов Т.Ш. Масъалаҳои тарбияи оилавӣ ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар ашъори Муҳаммад Ғазолӣ / Т.Ш.Олимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ [Матн]. - Душанбе, 20121. - № 1 (5). - С.79-84, ISSN 2708-5759

### II. Мақолаҳо ва дастурҳои таълимӣ-методии дар дигар нашрияҳо интишорёфта:

**[6-М]** Олимов Т.Ш. Омодагии иҷтимоию психологии ҷавонон ба ҳаёти оиладорӣ / Т.Ш.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-методии ҷумҳуриявӣ

дар мавзуи «Таҳсилоти томактабӣ: воқеият ва имкониятҳо дар шароити татбиқшавии стандартҳои насли нав» бахшида ба 55 – солагии таъсисёбии кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ [Матн]. - Душанбе, 2016. - С.65-72.

**[7-М]** Олимов Т.Ш. Интихоб ва дарёфти ҷуфти мувофиқ дар оила / Т.Ш.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши ҳунарҳои миллӣ дар раванди тарбия»[Матн]. - Душанбе, 2018. – С.140-144.

**[8-М]** Файзализода Ҷ., Олимов Т. Омилҳои зар задани низоъ дар хонавода ва роҳҳои бартарафнамоии он / Ҷ.Файзализода, Т. Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ», бахшида ба 90-солагии корманди шоистаи маорифи Тоҷикистон, профессор Баён Раҳимов ва 25-солагии кафедраи педагогика ва психология [Матн]. - Душанбе, 2019. - С.47-51.

**[9-М]** Олимов Т. Худкушӣ ва омилҳои он / Т.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мақоми педагогикаи халқӣ дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон дар эҳёи ҳунарҳои мардумӣ», бахшида ба 90-солагии корманди шоистаи маорифи Тоҷикистон, профессор Баён Раҳимов ва 25 солагии кафедраи педагогика ва психология[Матн]. - Душанбе, 2019. - С.242-247.

**[10-М]** Олимов Т. Аввал ба худ бовар кун, пас издивоҷ / Т.Олимов // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ» бахшида ба соли рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021[Матн]. - Душанбе, 2019. - С.310-312.

**[11-М]** Олимов Т. Барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор / Т.Олимов [Матн]. – Душанбе, 2021. – 19 с.

**[12-М]** Олимов Т., Давлатназарова Ф. Таҳлили арзишҳо ва меъёрҳои хонаводаи муваффақ / Т.Олимов Давлатназарова Ф. // Маводи конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Таъмини баробарҳуқуқии кӯдакони имкония-ташон маҳдуд дар таълим, мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» [Матн]. - Душанбе, 2023. - С.375-380.

# З А М И М А Ҳ О

**Замимаи 1**

Ҷадвали 1

Андешаҳои Унсурулмаолии Кайковус дар боби ташаккули арзишҳои оиладорӣ

| **Номгуйи арзишҳо** | **Андешаҳое, ки ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳидоят мекунанд** | **Номгӯйи фасли «Қобуснома»** | **Саҳифае, ки андешаи мазкур сабт гардидааст** |
|---|---|---|---|
| Никоҳ ва пойдории оила | ➢ Зан аз хонадони салоҳ бояд хост ва бояд, ки бидонӣ, ки духтари кӣ бувад, ки зан аз баҳри кадбонуии хона хоҳанд, на аз баҳри таматтуъ;<br>➢ Бояд, ки зан тамому расида ва оқила бошад ва кадбонуии модару падари худ дида бошад;<br>➢ Зан бояд, ки покиза ва покдин ва кадбону ва дӯстори шӯй ва шармноку порсо ва кӯтоҳдасту кӯтоҳзабон ва чизнигоҳдоранда бошад, то нек бувад, ки гуфтаанд, ки зани нек офияти зиндагонӣ бувад. | Андар зан хостан | 91 |
| Саломатии фарзандон | ➢ Ҳама маъкулоту машрубот, ки хӯрӣ, агар исроф кунӣ, захр гардад;<br>➢ Ҳамеша аз набиз чунон парҳез кун, ки ҳанӯз ду-се набидро ҷой бувад;<br>➢ Ва парҳез кун аз луқмаи серӣ ва аз қадаҳи мастӣ, ки сериву мастӣ на ҳама дар шаробу таом аст, ки серӣ дар луқмаи бозпасин аст, чунон ки мастӣ дар қадаҳи бозпасин. Пас луқмаи нону қадаҳе шароб камтар хӯр то аз фузунии ҳар ду эмин шавӣ. | Андар тартиби шароб хӯрдан ва шароити он | 52-53 |
| | ➢ Муҷомеати бисёр кардан зиён дорад, нокардан низ зиён дорад. | Андар таматтуъ кардан | 65 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Муҳаббат, садоқат ва вафодорӣ | ➢ Агар касеро дӯст дорӣ, ки туро аз хидмату дидори ӯ роҳате бошад, раво дорам;<br>➢ Дӯстӣ дигар асту ошиқӣ дигар;<br>➢ Бидон, эй писар, то касе латифтабъ набувад, ошиқ нашавад;<br>➢ Ишқ аз латофати табъ хезад ва ҳар чӣ аз латофат хезад, бешак, латиф бувад;<br>➢ Ҷаҳд кун то ошиқ нашавӣ;<br>➢ Аз ошиқӣ парҳез кун;<br>➢ Ҳеҷ ғализтабъу геронҷон ошиқ нашавад, аз он ки ин иллатест, ки хафифруҳонро бештар афтад; | Андар ишқ варзидан ва расми он | 60-65 |
| | ➢ Агарчанд чиз азиз аст, аз зану фарзанд азизтар нест ва чизи худ аз зану фарзанд дареғ мадор, аммо аз зани басалоҳ ва фарзанди фармонбардору меҳрубон;<br>➢ Агар рашк хоҳӣ намудан, зан нахоҳӣ, беҳтар бошад, ки занонро рашк намудан ба ситам нопорсо кардан бошад;<br>➢ Аммо чун занро рашк нанамоӣ ва бо вай дукиса набошӣ… вайро некӯ дорӣ, аз модару падар ва фарзанд бар ту мушфиқтар бошад ва хештанро аз вай дӯсттар мадон. Ва агар рашк намоӣ, аз ҳазор душман душмантар бувад | Андар зан хостан | 91-92 |
| Якдигарфаҳмӣ | ➢ Аз машварат кардан ор мадор;<br>➢ Бо пирони оқилу бо дӯстони мушфиқ мушоварат кун;<br>➢ Бидон, ки рои ду кас на чун рои як бошад, ки як чашм он натавон дид, ки ду чашм бинад ва як даст он натавонад бардошт, ки ду даст бардорад;<br>➢ Аз ёрони мушфиқу озмуда насиҳатпазиранда бош;<br>➢ Бо дӯстони мушфиқ мушоварат кун; | Андар фурутанӣ ва афзунии ҳунар | 32-33 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ➢ Чун ба гуноҳе аз ту авф хоҳанд, авф кун ва бар хештан воҷиб дон, агарчи сахт гуноҳе бувад;<br>➢ Ва чун авф кардӣ, дигар ӯро сарзаниш макун ва аз он гуноҳ ёд маор, ки он гаҳ хамчунон бошад, ки он авф накарда бошӣ;<br>➢ Агар иттифоқ афтад, ки туро аз касе узр бояд хостан, аз узр хостан нанг мадор;<br>➢ Чун муҷриме авф хоҳад, иҷобат кун;<br>➢ Бо ҳеҷ кас ҷанг макун, ки ҷанг кардан на кори муҳташамон аст;<br>➢ Ҷанг чандон кун, ки ҷои оштӣ бимонад;<br>➢ Бо аёли худ дудилу дукиса мабош;<br>➢ Ва масъалае, ки бияфтад, ҳама эътимод ба рои хеш макун. | Андар оини уқубат кардан ва авф кардан | 107 |
| Масъулият ва меҳру шафқати волидайн | ➢ Бидон, эй азизи ман, ки агар Худой туро писаре диҳад, аввал номи хуш бар вай неҳ, ки аз ҷумлаи ҳаққҳои падарон яке ин аст;<br>➢ Ҳаққи падарӣ ба ҷой овар, андар омӯхтани адаби вай тақсир макун;<br>➢ Адабу ҳунар ва фарҳангро мероси хеш гардон ва ба вай (фарзанд) бигузор;<br>➢ Аз фазлу ҳунар, фарзандро биёмӯзӣ, то ҳаққи падариву шафқати падарон ба ҷо оварда бошӣ;<br>➢ Ва агар фарзанде бад бувад, ту бар он манигар, ҳаққи падарӣ ба ҷой овар, андар омӯхтани адаби вай тақсир макун;<br>➢ Бояд ки фарзандро шино биёмӯзӣ;<br>➢ Агар фарзанд духтар бошад, ӯро ба доягони мастураи некӯпарвар бисупор ва чун бузург шавад, ба муаллима деҳ, то намозу рӯза ва он чи шарти шариат он аст, аз фароиз биёмӯзад; | Андар фарзанд парвардан ва оини он | 92-94 |
| Адаб, илму дониш ва ҳунари фарзандон | ➢ Ҳеҷ ганҷе беҳ аз дониш нест;<br>➢ Дониш ҷустан бартарӣ ҷустан бошад бар ҳамсарони хеш ва ҳаммонандон;<br>➢ Доно он гоҳ бошӣ, ки бар нодонии хеш воқиф гардӣ; | Андар фурутанӣ ва афзунии ҳунар | 28-29, 32-33 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ➢ Сахт доно касе бошад, ки бидонад, ки нодон аст; | | |
| | ➢ Агар аз пешаҳо, ки гуфтам, толиби илм бошӣ, парҳезкор ва қонеъ бош ва илмдӯст ва дунёдушман ва бурдбор ва сабукруҳ ва дерхоб ва зудхез ва ҳарис ба китобату диросат…;<br>➢ Агар Худои таоло туро фарзанд диҳад, андеша кун бар парвардани он;<br>➢ Агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз; | Андар толибилмӣ ва фақеҳӣ | 110-111 |
| Ҳурмату эҳтироми волидайн ва калонсоло н | ➢ Ҳаққи падару модар бишинос, ки ҳаққи шинохтани падару модар ҳам аз фармони Худои таоло аст;<br>➢ Зинҳор, эй писар, ки ранҷи падару модар хор надорӣ, ки Офаридагор ба ранҷи дили модару падар бисёр уқубат кунад;<br>➢ Ҳаққи модару падар агар аз рӯии дин нанигарӣ, аз рӯи хираду мардумӣ бингар, ки падару модар манбаи некиву асли парвариши нафси туанд;<br>➢ Бо падару модари худ чунон бош, ки аз фарзандони худ тамаъ дорӣ, ки бо ту бошанд;<br>➢ Чун падару модарро ҳурмату озарм беш дорӣ, дуову офарини эшон дар ту асари бештар кунад;<br>➢ Зинҳор, ки аз баҳри мерос марги падару модар нахоҳӣ, ки бе марги падару модар он чи рӯзии ту бошад, ба ту бирасад;<br>➢ Он фарзандро, ки мудом харад раҳнамун бувад, аз ҳаққу меҳри падару модар холӣ набошад. | Андар шинохти ҳаққи модару падар | 21-23 |
| | ➢ Бо пирон низ муҷоласат кун;<br>➢ Чун нек бингарӣ, ҳар ду, пиру ҷавон, ҳасуди якдигар бошанд, агарчи ҷавон хештанро донотарини ҳама кас донад. Ту аз ҷамъи инчунин ҷавонон мабош ва пиронро ҳурмат дор ва сухан бо пирон бо газоф магӯй, ки ҷавоби пирон мускит (хомӯшкунанда) бошад;<br>➢ бар пирон ҳамеша ба раҳмат бош;<br>➢ Пиронро ҳурмат дор;<br>➢ пирони кӯйро бипурсу ҳурмат дор; | Андар тартиби пириву ҷавонӣ | 45-48 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ➢ Пирони қабилаи хешро ҳурмат дор. | | |
| Сарфаю сариштакорӣ | ➢ Агар хоҳӣ, ки муфлис нагардӣ, аз суди нокарда харҷ макун;<br>➢ Ҳар кӣ андак моя нигаҳ надорад бисёр ҳам надонад доштан;<br>➢ Сабаби фақр исроф дон;<br>➢ Дар хӯрдан ва кардану гуфтан ва дар ҳар шуғле, ки бошӣ, исроф набояд кардан. Аз баҳри он ки исроф танро бикоҳад ва нафсро биранҷонад ва ақлро пажмуронад ва зиндаро бимиронад;<br>➢ Чун аз эътидол бигузарад, исроф падид ояд;<br>➢ Ҳукамо написандидаанд исроф кардан дар ҳеҷ кор, ки оқибати исроф ҳама зиён аст;<br>➢ Ҷаҳди он кун, ки он чи ба даст орӣ, ба салоҳ ба кор барӣ;<br>➢ Агар ба ифрот хӯрӣ, зишт бошад;<br>➢ Ҳама маъкулоту машрубот, ки хӯрӣ, агар исроф кунӣ, заҳр гардад;<br>➢ Ҳар кореро андозаест;<br>➢ Ҳар кореро ҳадду андоза бояд бо тартиб | Андар хона ва иқор харидан<br><br>Андар оини ҷамъ кардани мол<br><br>Андар меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан ва шароити он<br><br>Андар тартиби шароб хӯрдан ва шароити он<br><br>Андар хуфтану осудан<br><br>Андар шикор кардан | 52,58, 68,69, 74-75, 85 |
| Фарҳанги меҳмондорӣ | ➢ Бинигар, то як моҳ чанд бор меҳмонӣ тавонӣ кардан;<br>➢ Аз меҳмонон узр махоҳ, ки узр хостан табъи бозориён аст;<br>➢ Эй писар, мардумони бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун;<br>➢ Чун меҳмонон дар хонаи ту оянд, ҳар касро пешвоз мефирист ва тақаррубе ҳамекун ва тимори ҳар кас ба созои ӯ медор;<br>➢ Агар вақти мева бувад, пеш аз таом маваҳои тару хушк пеш ор, то бихӯранд. Ва як замон таваққуф кун ва он гаҳ хӯрданиҳо овар;<br>➢ Ва ту манишин то он гоҳ, ки меҳмонон бигӯянд як бору ду бор, ки бинишин;<br>➢ Чун дар хона мизбон шавӣ, ҷое нишин, ки ҷои ту бошад. | Андар меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан ва шароити он | 54-58 |

Замимаи 2

Ҷадвали 2

Андешаҳои Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ дар боби ташаккули арзишҳои оиладорӣ

| **Номгуйи арзишҳо** | **Андешаҳое, ки ба ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҳидоят мекунанд** | **Номгӯйи фасли асар** | **Номгӯйи асар ва саҳифае, ки андешаи мазкур сабт гардидааст** |
|---|---|---|---|
| Никоҳ ва пойдории оила | ➢ Бояд ки никоҳ бар нийяти фарзанд бошад, на барои шаҳват;<br>➢ Ва суннат аст даф задану никоҳ изҳор кардан ва бад-он шодӣ намудан, ки азизтарини халқ бар рӯи замин одамиёнанд ва фатҳи боби офариниши эшон никоҳ аст; | Одоби никоҳ | Кимиёи саодат Ҷ. 1. – С.382, 393 |
| | ➢ Насаби мухтарам аз неъмат аст, ки имомат ба насаби Қурайш махсус аст. Ва Расул (с) гуфт: тухм ҷои шоиста биниҳед ва аз сабзие, ки бар сари мазбала бувад, аз он ҳазар кунед. Гуфтанд: «Он чист?» Гуфт: «Зани некрӯ аз насаби беасл».<br>➢ Аҳлу фарзанд неъмат аст дар дин, ки аҳл сабаби фароғат бувад ва машғалаи бисёр ва сабаби эминӣ аз шарри шаҳват. Ва аз ин гуфт Расул (с), ки нек ёваре аст мар динро зани шоиста. Ва Умар гуфт: «Чӣ гирд кунем дар дунё аз мол?» Гуфт: «Забоне зокиру, диле шокиру, зане муъмина». Ва фарзанд пас аз марг сабаби дуои некӯ бувад ва дар зиндагонӣ ёр бувад. Ва фарзандони нек чун дасту пой ва пару боли мард бошанд, ки корҳо кифоят кунанд. | Пайдо кардани ҷумлаи ақсоми неъмат ва дараҷоти вай | Кимиёи саодат Ҷ. 2. – С.364 |
| | ➢ Зан чунон бояд, ки бо шавҳар дар зоҳиру ботин яке бувад;<br>➢ Воҷиб ояд бар худовандони хирад, ки бар занон раҳим бошанд ва бар эшон ситам накунанд…;<br>➢ Воҷиб аст бар мардуми донову ҳушёр, ки эҳтиёт кунад дар кори зан хостану духтар ба шавҳар додан, хосса, ки духтар расида гашт, то ба ору айб ва дарди сар наафтад; | Зикри сират ва хӯи занон | Насиҳат-ул – мулук. – С.171-174 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ➢ Ба бақои ҷинси одамӣ ва насли вай ҳоҷат аст ва ин бе никоҳ мумкин нест;<br>➢ Никоҳ сабаби асли вуҷуд ва таом сабаби бақои вуҷуд аст;<br>➢ Никоҳ кардан фозилтар аз он ки ба навофили ибодат машғул шудан; | Одоби никоҳ | Кимиёи саодат Ҷ.1. – С.380-381 |
| Саломатии фарзандон | ➢ Мувозабат бар илму амал бе саломатии тан мумкин нест;<br>➢ Ҳар ки таом барои он хӯрад, то вайро қуввати илму амал бошад…;<br>➢ Ҳар ки даст ба таом барад ва ҳанӯз гурусна бувад, даст бозгирад, ҳаргиз ба табиб муҳтоҷ нагардад; | Одоби таом хӯрдан | Кимиёи саодат Ҷ.1. – С.362- 363 |
| | ➢ Неъматҳо, ки дар тан бошад ва он чаҳор аст: тандурустию қувват ва ҷамолу умри дароз; | Пайдо кардани ҷумлаи ақсоми неъмат ва дараҷоти вай | Кимиёи саодат Ҷ.2. – С.363 |
| | ➢ Бидон, ки меъда ҳавзи танаст ва рагҳо, ки аз вай ҳамешаванд ба ҳафт андом, чун ҷуйҳост;<br>➢ Ҳар ки андак хӯрад, ҳамеша тандуруст бошад; | Аз ақаботи роҳи дин шаҳвати шикаму фарҷ аст | Кимиёи саодат Ҷ.2. – С.40, 47 |
| Муҳаббат, садоқат ва вафодорӣ | ➢ Бидон, ки қивоми маҳаббат ба мувофақат аст, андар ҳар чи мувофақат тавон кард;<br>➢ Маънии вафодорӣ яке он бувад, ки пас аз марг аз аҳлу фарзанду дӯстони вай ғофил набошӣ; | Пайдо кардани ҳуқуқи суҳбат ва дӯстӣ | Кимиёи саодат Ҷ.1. – С. 486, 493 |
| | ➢ Аз ҳуқуқи фарзандон он аст, ки миёни эшон аз ато ва навохт баробар доранд ва кӯдаки хурдро навохтану буса додан суннат аст; | Ҳуқуқи фарзандон | Кимиёи саодат Ҷ.1. – С. 513 |
| | ➢ Бидон, муҳаббат гавҳаре азиз аст ва даъвии муҳаббат осон аст, то одамӣ гумон барад, ки аз ҷумлаи муҳиббон аст; | Аломати маҳаббат | Кимиёи саодат Ҷ.2. – С.588 |
| | ➢ Маҳаббат самараи маърифат аст. Ва камоли маърифат ҳосил кардан ба ду тариқ аст;<br>o Яке тариқи суфиён- ки покизаи рӯзгор бошанд ва дар муҷоҳадат бошанд… Ва тариқи дигар омӯхтани илми маърифат аст, на илми калом ва илмҳои дигар; | Пайдо кардани илоҳи маҳаббат | Кимиёи саодат Ҷ.2. – С.585-586 |
| | ➢ Ҳеҷ дӯст дидори дӯстро корех набошад | Аломати маҳаббат | Кимиёи саодат Ҷ.2. – С.588 |
| | ➢ Чун дӯстӣ тамом бувад, ба ҳеҷ чизи дигар унс бинамонад | Аломати маҳаббат | Кимиёи саодат Ҷ.2. – С.589 |
| | ➢ Бидон, ки ҳар ки муҳаббат | Пайдо кардани | Кимиёи |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | инкор кард, шавқ низ инкор кард;<br>➢ Муҳаббат бе шавқ набувад; | маънии шавқ ба Худой Таъоло | саодат Ҷ.2. – С.591 |
| Якдигарфаҳмӣ | ➢ Ҳар ки ӯро ҷуфти нек бувад, ҳама корҳои дунё ва охирати ӯ ба сомон бувад. | Андар сифати занон ва хайру шарри эшон | Насиҳат-ул-мулук. – С. 162 |
| | ➢ Ҳеҷ малике бе дастур рӯзгор натавонад гузоштан, ҳар ки бо ройи хеш кор кунад, афтода ояд бе шак;<br>➢ Агар подшоҳ вақте дуруштӣ кунад, вазирро набояд, ки дар дил гирад, зеро тавоноии подшоҳ забонро кушода кунад..; | Дар сиёсати вазорат ва сирати вазирон | Насиҳат-ул-мулук. – С. 107, 111 |
| Масъулият ва меҳру шафқати волидайн | ➢ Бидон, ки кӯдак амонате аст дар дасти модару падар ва он дили поки вай чун гавҳаре аст нафис ва нақшпазир аст чун мум ва аз ҳама нақшҳо холӣ аст. Чун замине пок аст, ки ҳар тухм, ки дар вай афканӣ, бирӯяд. Агар тухми хайр афканӣ, ба саодати дину дунё бирасад ва модару падар ва устод дар он савоб шарик бошанд. Ва агар бар хилофи ин бошад, бадбахт шавад ва эшон ҳар чи бар вай равад, шарик бошанд;<br>➢ Кӯдаки худро аз оташи дӯзах нигоҳ доред. Ва нигоҳ доштан вай бад-он бувад, ки вайро ба адаб дорад ва ахлоқи некӯ андар вай омӯзад ва аз қарини бад нигоҳ дорад, ки асли ҳамаи фасодҳо аз қарини бад хезад;<br>➢ Бояд, ки андар ибтидо ҷаҳди он кунад, то зане, ки вайро шир диҳад, ба салоҳ ва некӯхӯю ҳалолхора бувад, ки хӯи бад аз доя сироят кунад ва шир, ки аз ҳаром ҳосил ояд, палид бувад;<br>➢ Бояд, ки одоби хӯрдан ба вай омӯхтан гирад;<br>➢ Чун ба дабиристон диҳад, Қуръон биомӯзад. Пас аз он ба ахбору ҳикоёти порсоён…;<br>➢ Чун кӯдак кори нек бикунад ва хӯи некӯ бар вай падид ояд, вайро бар он бизитояд…;<br>➢ Вайро биомӯзад, то оби даҳан ва бинӣ пеши мардумон наандозад ва пушт ба мардумон накунад ва баадаб нишинад…ва бисёр нагӯяд..;<br>➢ Ва забони вай аз лаънат ва | Пайдо кардани парваридан ва адаб кардани кӯдакон | Кимиёи саодат Ҷ. 2. – С.30-34 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | фаҳш нигоҳ дорад;<br>➢ Чун ҳафтсола шуд, ба намозу таҳорат фармояд…;<br>➢ Ва дуздию ҳаром хӯрдан ва дурӯғ гуфтан андар чашми вай зишт гардонад…; | | |
| | ➢ Ҳаққи падар бузург аст, ва ҳаққи устод бузург (тар) аст, ки падар сабаби вуҷуд аст, ва устод сабаби шинохти роҳ аст. | Одоби никоҳ | Кимиёи саодат Ҷ. 1. – С. 381 |
| Адаб, илму дониш ва ҳунари фарзандон | ➢ Бидон, ки маънии тафаккур талаби илм аст;<br>➢ Ҳар илм, ки он бар бадеҳа маълум нашавад, вайро талаб мебояд кард;<br>➢ Ҳақиқати ҳамаи тафаккурҳо талаби илм аст;<br>➢ Бидон, ки одамиро дар зулмат офаридаанду дар ҷаҳл. Вайро ба нуре ҳоҷати аст, ки аз он зулмат берун ояд ва роҳ ба кори хеш донад, ки чӣ мебояд кард ва аз кадом сӯй мебояд шуд… ва ин пайдо нашавад, илло ба нури маърифат ва ин нури маърифат аз тафаккур падид ояд; | Фазилати тафаккуур | Кимиёи саодат Ҷ. 2. – С. 490- 492 |
| | ➢ Аз донишу хирад беҳтар ҳеҷ чиз нест, ки он чизро бақо бувду ин шодиро пойдорӣ бувад. Ва ҳар куҷо хираду дониш бувад, он ҷо дувоздаҳ чиз гирд ояд: иффату адаб ва парҳезу амонат ва ростиву шарм ва раҳмату некӯхӯӣ ва вафову сабр ва ҳилм ва ин ҳама ҳунарҳои мулук аст; | Ад-дину ва-л-мулку тавъамон | Насиҳат –ул-мулук. – С. 98-99 |
| | ➢ Ҳунару мояи омӯзандагон қалам аст ва ройи ҳар касе аз дуру наздик бад-ӯ тавон донистан. Ва ҳарчанд озмуни рӯзгор бошад, то китобҳо нахонад, хирадманд нагардад…; | Андар зикри дабирону ҳунармандону эшон | Насиҳат –ул-мулук. – С. 115 |
| | ➢ Ҳунармандро нахустин чизе дониш аст бо хирад омехта; | Шарафи хирад ва хирадмандон | Насиҳат-ул-мулук. – С.150 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Ҳурмати эҳтироми волидайн ва калонсолон | ➢ Ҳаққи падар бузург аст ва ҳаққи устод базург (тар) аст, ки падар сабаби вуҷуд аст ва устод сабаби шинохти роҳ аст;<br>➢ Бидон, ки ҳаққи эшон (яъне, падару модар) азимтар аст, ки наздикии эшон бештар аст. Расул (с) гуфт: «Ҳеҷ кас ҳаққи падар бинагузорад, то он гоҳ, ки вайро банда ёбад, бихараду озод кунад». Ва гуфт: «Некӯӣ кардан бар модару падар фозилтар аз намозу рӯзаву ҳаҷ ва умраву ғазо»;<br>➢ Бидон, ки яке аз Расул (с) пурсид, ки некӯӣ бо кӣ кунам? Гуфт: «Бо модару падар». Гуфт: «Мурдаанд». Гуфт: «Бо фарзанд, ки ҳамчунон ки падарро ҳақ аст, фарзандро ҳақ аст»; | Ҳуқуқи модару падар | Кимиёи саодат.- Ҷ.1. – С. 512-514 |
| | ➢ Искандарро пурсиданд, ки: Чарост, ки устоди хешро азизтар аз падари хеш медорӣ?». Гуфт: «Аз баҳри он ки падари ман сабаби сабаби зиндагонии ман аст фонӣ ва устоди ман сабаби щиндагонии ман аст боқӣ». | Дар ҳикмати ҳакимон ва зикри ҳикмат | Насиҳат-ул-мулук. – С. 137 |
| Сарфаю сариштакорӣ | ➢ Дар никоҳ: ҳар ки гӯсфанд надорад, он қадар таом, ки пеши дӯстон ниҳад, валима бувад. Расул (с) чун Сафияро никоҳ кард, аз писти ҷаву хурмо валима кард. Пас он қадар, ки мумкин бошад, бибояд кард таъзими кори никоҳро; | Одоби никоҳ | Кимиёи саодат.- Ҷ.1. – С. 393. |
| | ➢ Ҳамаи офатҳою маъсиятҳо ва дилмашғулиҳо аз ҳоҷат ба моли бисёр хезад;<br>➢ Ҳар киро қадри кифоят набувад, ҳама рӯз ба тану ба дил ба талаби кифоят машғул бувад;<br>➢ Расул гуфт: «Ҳар ки харҷ ба наво кунад Ҳаққ Таъоло вайро бениёз дорад. Ва ҳар ки харчи бенаво кунад, вайро дарвеш дорад»;<br>➢ Бидон, ки ҳар ки мол надорад, бояд ки ҳоли вай қаноат бувад, на ҳирс ва чун мол дорад, ҳоли вай бояд саховат бувад, на бухл; | Пайдо кардани фавоиди гуруснагӣ ва офоти серӣ<br><br>Пайдо кардани фавоид ва офати мол ба шарҳу тафсил<br><br>Пайдо кардани илоҷи ҳирсу тамаъ<br>Пайдо кардани фазлу савоби саховат | Кимиёи саодат.- Ҷ.2. – С. 47, 153, 159, 163 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Фарҳанги меҳмондорӣ | ➢ Чун меҳмоне биояд, ҳеҷ такаллуф макун ва чун бихонӣ, ҳеҷ боз магир, яъне ҳар чи тавонӣ бикун;<br>➢ Суннати касе, ки даъват кунад (яъне ба меҳмонӣ) он аст, ки ҷуз аҳли салоҳро нахонад, ки таом додан, қувват додан аст ва фосиқро қувват додан ионат бувад бар фисқ ва фуқароро хонад, на тавонгаронро…; | Фазилати мизбонӣ | Кимиёи саодат Ҷ. 1. – С. 374-375 |
| | ➢ Таом андак наниҳад, ки бемурувватӣ бошад ва бисёр низ наниҳад, ки такаббур бувад…; | Одоби таом хӯрдан бо дигар кас | Кимиёи саодат Ҷ. 1. – С. 379 |
| | Адаби иҷобат (қабул кардан, яъне, пазируфтани меҳмон) он аст, ки фарқ накунад миёни дарвешу тавонгар…;<br>➢ Бояд ки мизбон сухани хуш гӯяд ва кушодарӯй бувад; | | Кимиёи саодат Ҷ. 1. – С. 375 |
| | ➢ Бидон, ки мизбонӣ кардан дӯстеро ба таом аз бисёрии садақа фозилтар аст; | | Кимиёи саодат Ҷ. 1. – С.369 |
| | ➢ Чун меҳмоне фаро расад, мурувват нигоҳ доштан аз мол нигоҳ доштан муҳимтар бувад; | Пайдо кардани ҳадди сахо ва бухл, ки сахӣ кадом асту бахил кадом | Кимиёи саодат Ҷ. 2. – С. 174 |

Замимаи 3

## Пурсишнома

барои хонандагони синфҳои 7-10-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Дӯсти азиз!

Лутфан, ба саволҳои пурсишномаи мазкур ҷавоб гардонед. Андешаҳои Шумо барои омӯзиш ва такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ бағоят муҳим мебошанд. Рақами ҷавобҳоеро, ки ба ақидаи Шумо мувофиқанд, ба доира гиред. Агар варианти пешниҳодшудаи ҷавобҳо Шуморо қаноатманд накунад, метавонед ақидаи худро нависед.

Хоҳишмандем, дар пурсишнома ному насабатонро нишон надиҳед ва имзо нагузоред.

Барои кумак сипосгузорем!

1. Оё барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ барои Шумо шавқоваранд?

001. Ҳа

002. Не

003. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам

2. Агар «барои Шумо шавқовар набошанд» сабаб чист?

004. Барномаҳо бо маводи нав ва шавқовар мукаммал гардонида нашудаанд.

005. Соатҳо барои омӯзиши моҳияти арзишҳои оиладорӣ нокифояанд

006. Машғулятҳоро омӯзгорони камтаҷриба мегузаронанд.

007. Дар китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ тарзи баёни матлаб оид ба арзишҳои оиладорӣ нофаҳмо аст

3. Барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ Шумо бештар таълими кадом фанҳоро зарур меҳисобед?

008. Адабиёт

009. Ахлоқ

010. Маърифати оиладорӣ

011.Таърихи халқи тоҷик

012. Инсон ва ҷомеа

013. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ

014. Таърихи дин

015. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ

016. Боз кадом, лутфан нависед------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

4. Оё барномаҳои амалкунанда ва тарзу усулҳои таълим дар мактаби Шумо самарабахш мебошанд?

017. Хеле самарабахш аст

018. Ба қадри кофӣ самарабахш аст

019. На он қадар самрабахш аст

020. Комилан самрабахш нест

021. Аз собиқаи педагогии омӯзгор вобаста аст

022. Ба андозаи талаботи стандартҳои давлатӣ ва барномаҳо таълим самарабахш аст

023. Аз интихоби дурусти усулҳои пешқадами таълим вобаста аст

224. Аз сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва маҳорату малака татбиқи тарзу усулҳои пешқадами таълим вобаста аст.

025. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам.

5. Оё барои дарёфти иттилоот ва такмили дониши худ оид ба арзишҳои оиладорӣ сарвақт китобҳо барои хониши беруазсинфӣ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форсро дастрас карда метавонед?

026. Ҳа

027. Не

028. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам.

6. Оид ба арзишҳои оиладорӣ аз куҷо маълумот пайдо мекунед?

029. Аз китобхонаи маҳалли зист

030. Аз Интернет

031. Аз рафиқон, ҳамсинфон

032. Аз рӯзнома ва маҷаллаҳо

033. Аз барномаҳои радио ва телевизион

034. Аз падару модар ва дигар аъзои оила

035. Дар раванди таълим

036. Аз манбаҳои дигар (лутфан, нависед) ---------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

7. Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?:

037. *Омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ*; ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ

038. *Омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ*: шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат

039. Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ

040. *Омилҳои фарҳангӣ- миллӣ:* серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, ҳусну ҷамоли ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик

041. *Омилҳои ҳуқуқӣ:* никоҳ ,баробарӣ ва озодии аъзои оила

042. *Омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ:* Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шараф.

8. Барои такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ чи пешниҳод доред?

043. Лутфан, нависед--------------------------------------------------------------------------------

Хоҳишмандем, маълумоти ба худатон дахлдорро қайл кунед:

9.Ҷинс:

044. Мард

045. Зан

10. Дар синфи чандум таҳсил мекунед?

046. (Лутфан, нависед) --------------------------------------------------------------------------

Барои ҳамкорӣ сипосгузорем!

Замимаи 4

**Пурсишнома**

барои падару модарон

Лутфан, ба саволҳои пурсишномаи мазкур ҷавоб гардонед. Андешаҳои Шумо барои омӯзиш ва такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ бағоят муҳим мебошанд. Рақами ҷавобҳоеро, ки ба ақидаи Шумо мувофиқанд, ба доира гиред. Агар варианти пешниҳодшудаи ҷавобҳо Шуморо қаноатманд накунад, метавонед ақидаи худро нависед.

Ҳоҳишмандем, дар пурсишнома ному насабатонро нишон надиҳед ва имзо нагузоред.

Барои кумак сипосгузорем!

1. Оё Шумо ба мундариҷаи барномаҳои таълимии амалкунанда, китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ шинос ҳастед?

001. Ҳа

002. Не

003. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам

2. Агар то ҳанӯз «ба мундариҷаи онҳо шинос набошед», сабаб чист?

004. Адади нашри онҳо нокифоя аст.

005. Барои шиносоӣ ба мундариҷаи онҳо ниёз надорам

006. Тарғибу ташвиқи осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс дар самти ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни аҳолӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст.

007. Аз шинос шудан ба мундариҷаи онҳо, бороям таъминоти моддии аҳли оила авлотар аст

008. Боз бо кадом сабаб (лутфан, нависед)------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------3. Ба андешаи Шумо барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири фарзандон таълими кадом фанҳоро ба роҳ мондан зарур аст?

009. Адабиёт

010. Ахлоқ

011. Маърифати оиладорӣ

012.Таърихи халқи тоҷик

013. Инсон ва ҷомеа

014. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ

015. Таърихи дин

016. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ

017. Боз кадом, лутфан нависед-------------------------------------------------------------------

4. Оё дар боби арзишҳои оиладорӣ ягон маротиба бо фарзандонатон суҳбат кардаед?

018. Ҳа

019. Не

020. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам.

5. Агар бо фарзандонатон дар боби арзишҳои оиладорӣ «ягон маротиба суҳбат накарда бошед», сабаб чист?

021. Вақт надорам

022. Ин мавзӯъ барои ман ва фарзандонам шавқовар нест.

023. Ин вазифаи китобдор ва омӯзгор аст

024 . Боз бо кадом сабаб? (лутфан нависед)--------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

6. Оид ба арзишҳои оиладорӣ аз куҷо маълумот пайдо мекунед?

025. Аз китобхонаи маҳалли зист

026. Аз Интернет

027. Аз рафиқон, ҳамкорон, ҳамсояҳо

028. Аз рӯзнома ва маҷаллаҳо

029. Аз барномаҳои радио ва телевизион

030. Аз фарзандонам

031. Дар раванди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ

032. Аз манбаҳои дигар (лутфан, нависед) -----------------------------------------------------

7. Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?:

033. *Омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ*; ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ

034. *Омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ:* шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат

035. *Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ*: таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ

036. *Омилҳои фарҳангӣ- миллӣ*: серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик

037. *Омилҳои ҳуқуқӣ:* никоҳ ,баробарӣ ва озодии аъзои оила

038. *Омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ*: Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шараф.

8. Барои такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонону наврасон чи пешниҳод доред?

039. Лутфан, нависед-------------------------------------------------------------------------------

Хоҳишмандем, маълумоти ба худатон дахлдорро қайл кунед:

9. Маълумоти Шумо:

040. Олӣ

041. Миёнаи касбӣ

042. Миёнаи умумӣ

10. Собиқаи зиндагии якҷоя бо завҷаатон, лутфан онро дар доираи нишондоди зерин муайян кунед:

043. То 4 сол

044. Аз 5 то 9 сол

045. Аз 10 то 19 сол

046. Беш аз 20 сол

11.Ҷинс:

047. Мард

048. Зан

Барои ҳамкорӣ сипосгузорем!

Замимаи 5

# Пурсишнома

## барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Лутфан, ба саволҳои пурсишномаи мазкур ҷавоб гардонед. Андешаҳои Шумо барои омӯзиш ва такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ бағоят муҳим мебошанд. Рақами ҷавобҳоеро, ки ба ақидаи Шумо мувофиқанд, ба доира гиред. Агар варианти пешниҳодшудаи ҷавобҳо Шуморо қаноатманд накунад, метавонед ақидаи худро нависед.

Хоҳишмандем, дар пурсишнома ному насабатонро нишон надиҳед ва имзо нагузоред.

Барои кумак сипосгузорем!

1. Оё барномаҳои таълимии амалкунанда ва китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ ҷавобгӯ мебошанд?

001. Комилан ҷавобгӯ мебошанд
002. Қариб
003. Дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ нестанд
003. Дар ҷавоб душворӣ мекашам.

2. Агар «дар сатҳи зарурӣ ҷавобгӯ набошанд», сабаб чист?

004. Барномаҳо мукаммал нестанд
005. Соатҳо барои омӯзиши моҳияти арзишҳои оиладорӣ нокифояанд
006. Солҳои тӯлонӣ тарзу усулҳо ва мазмуну мундариҷаи китобҳои дарсӣ такмил наёфтаанд.
007. Дар китобҳои дарсӣ ва дигар васоити таълимӣ тарзи баёни матлаб оид ба арзишҳои оиладорӣ нофаҳмо аст

3. Барои ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар замири насли наврас бештар таълими кадом фанҳоро зарур меҳисобед?

008. Адабиёт
009. Ахлоқ
010. Маърифати оиладорӣ
011.Таърихи халқи тоҷик
012. Инсон ва ҷомеа
013. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ
014. Таърихи дин
015. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ
016. Боз кадом, лутфан нависед---------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

4. Оё барномаҳои амалкунанда ва тарзу усулҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ самарабахш мебошанд?

017. Хеле самарабахш аст
018. Ба қадри кофӣ самарабахш аст
019. На он қадар самрабахш аст
020. Комилан самрабахш нест
021. Аз собиқаи педагогии омӯзгор вобаста аст
022. Ба андозаи талаботи стандартҳои давлатӣ ва барномаҳои таълимӣ самарабахш аст
023. Аз интихоби дурусти усулҳои пешқадами таълим вобаста аст
224. Аз сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва маҳорату малакаи татбиқи тарзу усулҳои пешқадами таълим вобаста аст.
025. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам.

5. Оё адад нашри (тиражи) китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва дигар васоити таълимӣ, инчунин осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, ки фарогири мавзӯи оила ва ташаккули арзишҳои оиладорӣ мебошанд, кифоя аст?

026. Бале, кифоя аст

027. Бале, агар маҳорати ҷустуҷӯ ва имконияти молиявӣ дошта бошӣ

028. На он қадар

029. Комилан нокифоя аст

030. Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам.

6. Оид ба арзишҳои оиладорӣ аз куҷо маълумот пайдо мекунед?

031. Аз китобхонаи маҳалли зист

032. Аз Интернет

033. Аз рафиқон, ҳамкорон

034. Аз рӯзнома ва маҷаллаҳо

035. Аз барномаҳои радио ва телевизион

036. Аз муошират бо фарзандон

037. Дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ

038. Аз манбаҳои дигар (лутфан, нависед) ------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------6. Кадом омилҳои зерин ба раванди бунёд ва пойдории оила таъсири бештар мерасонанд?:

039. *Омилҳои маънавӣ-ахлоқӣ*; ишқу муҳаббат, вафодорӣ, дӯстӣ, илму дониш, адаб ва ҳунари фарзандон, якдигарфаҳмӣ, масъулият ва меҳру шафқати волидайн, ҳурмату эҳтироми калонсолон, шинохти ҳаққи падару модар, таъмини саломатии фарзандон, некӣ ва некиомӯзӣ

040. *Омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ:* шароитҳои табиӣ, захираҳо, меҳнат

041. *Омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ:* таъминоти моддии оила, сарфаю сариштакорӣ

042. *Омилҳои фарҳангӣ- миллӣ:* серфарзандӣ дар оила, суннатҳои меҳмондории миллӣ, зебогии ҳамсар, ҳамхунӣ, никоҳ бо хешовандони наздик

043. *Омилҳои ҳуқуқӣ:* никоҳ ,баробарӣ ва озодии аъзои оила

045. *Омилҳои ҷамъиятӣ-давлатӣ*: Ватан, шаҳрвандӣ, амният, сулҳу субот, ҳақиқат, номус ва шараф.

7. Барои такмили раванди ташаккули арзишҳои оиладорӣ дар байни аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонону наврасон чи пешниҳод доред?

046. Лутфан, нависед-------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

Хоҳишмандем, маълумоти ба худатон дахлдорро қайл кунед:

8. Маълумоти Шумо:

047. Олӣ

048. Миёнаи касбӣ

049. Миёнаи умумӣ

9. Собиқаи педагогии Шумо?

050. Аз 1 то 5 сол

051. Аз 6 то 10 сол

052. Беш аз 10 сол

9.Ҷинс:

053. Мард

054. Зан

Барои ҳамкорӣ сипосгузорем!

Замимаи 6

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Кафедраи педагогика ва психология

# БАРНОМАИ

таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор

Мураттиб: Тағойбек Олимов

Душанбе – 2021

# БАРНОМАИ

таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор

Мақсади барномаи таълимии хониши беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ташаккули арзишҳои оиладорӣ ва муносибати ҳадафманди хонандагони синфҳои 5-11-ум ба ҳаёти оилавӣ мебошад.

Барои расидан ба мақсад омӯзгор бояд вазифаҳои зеринро ба анҷом расонад:

1. Хонандагонро ба ҷанбаҳои муҳимтарини ҳаёти оилавии муосир, функсияҳои асосии оила ва қонуниятҳои рушду такомули он шинос намояд.
2. Ба онҳо оид ба фарқияти психофизиологии духтарону писарон маълумот диҳад
3. Тавассути тавсияи порчаҳо барои мутолиа аз осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс, сатҳи донишу фаҳмиши онҳоро оид ба арзишҳои оиладорӣ баланд бардорад.
4. Оид ба натиҷаи порчаҳои мутолиашуда аз осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс суҳбат гузаронида, ҷаҳонбинии онҳоро оид ба моҳияти арзишҳои муҳаббату вафодорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон, падару модар, хоҳару бародар, омӯхтани илму адаб, таъмини саломатӣ, сарфаю сариштакорӣ дар ҳаёти оилавӣ ва амсоли инҳо васеъ намояд.
5. Хонандагонро бо хусусияту нозукиҳои муносибати байниҳамдигарӣ дар муҳити оила шинос намояд.
6. Дар хонандагон маҳорату малакаи рафтору гуфтор ва муносибати барои солимиву пойдории оила матлубро ташаккул диҳад.
7. Барои дарки муҳиммияти рафтору гуфтор ва муносибати матлуби оилавӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ ҷиҳати таъмини солимию пойдории оила мусоидат намояд.
8. Ба хонандагон қоидаҳои танзими рафтору гуфтор, аз ҷумла дар мавридҳои мунокишаҳои оилавиро омӯзонад.
9. Ба раванди ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ, гендерӣ ва омодагии психологии онҳо ба ҳаёти оилавӣ мусоидат намояд.
10. Робитаи мутақобилаи онҳоро дар заминаи принсипҳои «субъект-субъект» (муошират муштараки самарабахш), шаффофият, эҳтироми байниҳамдигарӣ, эътимоду боварӣ ба ҳамдигар, фаъолнокии ҳар кадом дар ҳаллу фасли масъалаҳои мавриди баҳс, ҳалли мусолиматомези проблемаҳои баҳснок таъмин намояд.

Ташкили машғулятҳо барои хониши беруназсинфӣ риояи талаботи дидактикии раванди таълим, фароҳам овардани муҳити созгори омӯзиш, коркард ва татбиқи меъёрҳои самараноки робитаи мутақобилаи хонандагон дар гурӯҳ, воридшавӣ ба ҷараёни фаъолият баҳри омӯзиши маводи тавсияшуда, таҳлили ва баррасии муштараки натиҷаҳои фаъолияти якҷоя дар гурӯҳро тақозо мекунад.

Дар чунин маврид тарзу усулҳои асосии таълим шаклу услубҳои фаъоли кор бо хонандагон ба шумор мераванд, ки барои аз худ намудани мундариҷаи маводи тавсияшуда ва иртиботи самарабахш муфид буда, ҷиҳати ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳо (унсурҳои тренинг, бозиҳо, лоиҳасозӣ, мусоҳиба, мубоҳиса, амсиласозӣ, корҳои эҷодӣ ва ғайра) ёрӣ мерасонанд.

Дар маҷмӯъ, барнома барои омӯзиши 14 мавзӯъ дар давоми 34 соат (дар 1 сол, ҳар моҳ дар ҳаҷми 2-4 соат) пешбинӣ шудааст. Дар аксар маврид ҳар як мавзӯъ ба ду машғулият тақсим шуда, барои баргузории ҳар кадом 45 дақиқа масраф мегардад.

Ҳар як машғулиятро шартан ба 3 қисм ҷудо намудан мумкин аст: муқаддимавӣ, асосӣ ва ҷамъбастӣ. Дар натиҷаи татбиқи барномаи мазкур хонандагон на танҳо оид ба арзишҳои оилавӣ ва омодагӣ ба ҳаёти оилавӣ маҷмӯи донишҳоро аз худ мекунанд, балки ҳамчун шахсияти барои бунёди оила омода ба камол расида, дар онҳо мавқеи фаъолонаи

ҳаётӣ ташаккул меёбад, соҳиби салоҳияте мегарданд, ки барои робитаи мутақобила бо наздикону пайвандон, ҳамсолон ва ҳаёти ояндаи оилавӣ бағоят зарур мебошад.

**Нақшаи мавзӯии**

хонишҳои берунаэсинфии **«Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ»** барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор

| р/б | Номгӯйи мавзӯҳо | Теъдоди соатҳо |
|---|---|---|
| 1 | Маълумоти умумӣ оид ба мақсад, вазифаҳо ва мундариҷаи барномаи хонишҳои беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» | 2 |
| 2 | Функсияҳои иҷтимоии оила | 2 |
| 3 | Хусусият ва фарқияти гендерии писарон ва духтарон | 2 |
| 4 | Муҳаббат ҳамчун ҳиссиёти олии инсон ва интихоби ҳамсар | 2 |
| 5 | Инъикоси мавзӯи фарҳанги оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс | 2 |
| 6 | Мавқеи арзишҳои оиладорӣ дар осори Унсурулмаоли Кайковус ва Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ | 2 |
| 7 | Аввалин қадамҳои оилаи ҷавон | 2 |
| 8 | Нақши волидайн дар бунёд ва пойдории оила | 2 |
| 9 | Хусусиятҳои ташкили ҳаёти оилавӣ: аз кор дар хона то ташкили фароғати аъзои оила | 4 |
| 10 | Эҳтиёҷот ва буҷети оила | 2 |
| 11 | Таваллуд ва тарбияи фарзандон дар оила | 4 |
| 12 | Сабабу омилҳо ва пайомадҳои низоъ дар оила | 4 |
| 13 | Заминаҳои ҳуқуқии никоҳу оиладорӣ | 2 |
| 14 | Машғулияти хотимавӣ | 2 |
| **Ҳамагӣ:** | | **34** |

**Мундариҷа**

**Мавзӯи 1. Маълумоти умумӣ оид ба мақсад ва мундариҷаи барномаи хонишҳои беруназсинфӣ (2 соат)**

Шиносоии хонандагон ба мақсаду вазифаҳо ва мундариҷаи барномаи хониши беруназсинфӣ

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Паҳн намудани пурсишнома дар мавзӯи «Азёбии ҷолибияти мавзӯҳои барномаи хонишҳои беруназсинфии «Омодасозии хонандагон ба ҳаёти оилавӣ» барои синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва натиҷагирии он таҳти роҳбарии омӯзгор» ва «Андешаи Шумо оид ба арзишҳои никоҳ, оила, муҳаббат»

Таҳияи слайд-шоу дар мавзӯи «Зани/шавҳари идеалӣ».

**Мавзӯи 2. Функсияҳои иҷтмоии оила (2 соат).**

Пайдоиши никоҳ ва оила. Нақши оила дар ҳаёти инсон ва ҷомеа. Функсияҳои асосии оила ва таҳаввули он дар ҷомеаи муосир. Тадбирҳои давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри солимӣ ва пойдории оила.

***Машғулятҳои амалӣ:***

Машқ дар мавзӯи «Чор ҳарф».

Мубоҳиса дар мавзӯи «Нақши оила дар камолоти инсон».

**Мавзӯи 3. Хусусият ва фарқияти гендерии писарон ва духтарон (2 соат)**.

Нақшҳои гендерӣ дар ҷомеа. Хусусиятҳои психофизиологии наврасон. Мафҳуми «мард» ва «мардӣ» дар осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс ва адибони муосири тоҷик. Хусусиятҳои психофизиологии духтарон. Мафҳуми «зан» ва «назокати занона» дар осори илмию адабии мутафаккирони тоҷику форс ва адибони муосири тоҷик.

*Машғулиятҳои амалӣ:*

Бозӣ – нақшофарӣ дар мавзӯи «Афзалиятҳои зан ва мард».

Мубоҳиса дар мавзӯи «Писарон аз нигоҳи духтарон» ва «Духтарон аз нигоҳи писарон».

**Мавзӯи 4. Муҳаббат ҳамчун ҳиссиёти олии инсон ва интихоби ҳамсар (2 соат).**

Муносибати рафиқона ва дӯстона миёни писарон ва духтарон. Дӯстӣ мактаби муошират ё далолат ба муносибати ошиқона? Падидаи «муҳаббат» ва марҳилаҳои он. Муҳаббат ва ошиқӣ: шабоҳат ва тафовут.

*Машғулиятҳои амалӣ:*

Машқ дар мавзӯи «Муҳаббат ин…», «Ниқоб»

Супориши гурӯҳӣ дар мавзӯи «Муҳаббат ва ошиқӣ: шабоҳат ва тафовут».

Таҳияи номгӯйи сифатҳо дар мавзӯи «Сифатҳои инсоне, ки арзандаи муҳаббат (дӯст доштан) аст».

**Мавзӯи 5. Инъикоси мавзӯи фарҳанги оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс (2 соат).**

Суннатҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс (асрҳои X-XV). Суннатҳои оиладорӣ дар осори мутафаккирони тоҷику форс (асрҳои XVI-XIX). Инъикоси масъалаҳои зӯҳури оила ва вазифаҳои ҷамъиятии он дар осори ниёгон. Сифат ва фазилатҳои зан дар оила ва тарбияи фарзандон. Нақши мард дар оила аз нигоҳи мутафаккирони тоҷику форс. Инъикоси паҳлӯҳои гуногуни оиладорӣ – маданияти гуфтор ва рафтор дар оила. Маҳдудиятҳои таърихии суннатҳои оиладории ниёгон. Аҳамияти суннатҳои оиладории ниёгон дар даврони ҷаҳонишавии фарҳанг.

*Машғулиятҳои амалӣ:*

Бозӣ-нақшофарӣ дар мавзӯи «Мубоҳиса бо Кайковус оид ба арзишҳои оиладорӣ»

**Мавзӯи 6. Мавқеи арзишҳои оиладорӣ дар осори Унсурулмаолии Кайковус ва Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ (2 соат).**

Кайковус андар шинохти ҳаққи падару модар, таълим ва тарбияи фарзандон, донишу ҳунаромӯзӣ, ишқ варзидан ва тартиби он, хештандорӣ, саломатии фарзанд, зан хостан ва шароити он. «Қобуснома»-и Унсурулмаолӣ Кайковус ва ҷойгоҳи он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ.

Консепсияи никоҳи Муҳаммад Ғаззолӣ. Ғаззолӣ андар боби одоби никоҳ, зиндагонӣ бо занон аз аввали никоҳ то ба охир, ҳаққи шӯй бар зан. Ҳуқуқи модару падар ва фарзандон аз нигоҳи Ғаззолӣ. Ғаззолӣ оид ба илму адаб омӯхтан ба фарзандон. Ҷойгоҳи «Кимиёи саодат»-и Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ.

*Машғулиятҳои амалӣ:*

Машқи ҷумлаи нотамом дар мавзӯҳои «Ба андешаи Ғаззолӣ никоҳ ин....», «Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» оид ба арзишҳои зерини оиладорӣ ибрози назар кардааст...... ».

Конспект дар мавзӯи «Кайковус дар боби арзишҳои оиладорӣ».

**Мавзӯи 7. Аввалин қадамҳои оилаи ҷавон (2 соат)**

Зану шавҳар ва муносибатҳои заношӯӣ. Оилаи ҷавон. Таъсири таҷрибаи ҳаётии писарону духтарон дар оилаи волидайн ба тарзи ҳаёти оилавии онҳо. Умеду иддаои ҳамсарони ҷавон. Ниёзмандӣ барои тағйир додани тарзи ҳаёти қаблӣ (дар хонаи падару модар). Мутобиқшавии ибтидоии моддӣ-маишӣ, маънавӣ, психологӣ ва маҳрамонаи шахсии ҳамсарони ҷавон. Омилҳои хоси пайдоиши низоъ ва ҳолатҳои мутазод дар оилаҳои ҷавон.

*Машғулиятҳои амалӣ:*

Бозӣ – нақшофарӣ «Неруи сеҳрангези хирад» ва «Оилаи солим».

Таҳияи лоиҳаи «Оилаи ояндаи ман».

**Мавзӯи 8. Нақши волидайн дар бунёд ва пойдории оила (2 соат)**

Робитаҳои хешутабории оилавӣ ва аҳамияти онҳо барои инсон. Пайдоиши муносибатҳои нави хешутаборӣ дар натиҷаи бастани ақди никоҳ. Ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии ҳамзистии ҳамсарони ҷавон бо насли калонсол. Ҳурмату эҳтироми тарафайн

ҳамчун шарти муҳими зиндагии осудаҳолонаи оилаҳое, ки дар онҳо намояндагони наслҳои гуногун умр ба сар мебаранд.

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Машқ дар мавзӯи «Се дарахти босамар» (дар мисоли зиндагии якҷояи се насли як оила)

Таҳияи ҷадвали «Сохтори робита ва муносибатҳои хешутаборӣ».

Бозӣ-нақшофарӣ дар мавзӯи «Амсиласозии ҳолати шинос шудани хонадоршавандагон бо хешу табори оянда».

**Мавзӯи 9. Хусусиятҳои ташкили ҳаёти оилавӣ: аз кору зиндагӣ дар хона то ташкили фароғати аъзои оила (4 соат).**

Анвои кору машғулият дар хона. Маҳорату малакаҳои зарурии рӯзгордорӣ. Тарзу усулҳои фароҳамоварии муҳити созгори кайфияту фароғат дар хона. Муқаррар намудани доираи ӯҳдадориҳои оилавӣ ва тақсимоти онҳо дар байни аъзои оила. Ҷалби фарзандон ба корҳои хона. Истироҳату фароғат дар муҳити оила. Нақши истироҳату фароғат дар таҳкими робитаҳои оилавӣ. Мушкилоти ташкили истироҳати оилавӣ. Рӯйдодҳо ва ҷашну маросими оилавӣ, хусияти ташкили ва гузаронидани онҳо ҳамчун омили муҳими эҳё, ҳифзу гиромидошт ва интиқоли анъанаву суннатҳои оиладории миллӣ.

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Бозӣ-нақшофарӣ «Бесарусомонӣ дар оила».

Таҳияи ҷадвали «Дараҷабандии уҳдадории хонандагон дар оила».

Бозӣ-нақшофарӣ дар мавзӯи «Шӯрои оила».

Кор бо зергурӯҳҳо дар мавзӯҳои «Лоиҳакашии фароғат дар оила» ва «Маслиҳатҳои муфид оид ба ташкили истироҳату фароғат дар оила»

**Мавзӯи 10. Эҳтиёҷот ва буҷети оила (2 соат).**

Эҳтиёҷоти воқеии аъзои оила. Эҳтиёҷоти аъзои оила, ки дар натиҷаи таъсири омилҳои гуногун пайдо мешаванд – ниёзи пайравӣ кардан ба мӯд, таъсири муҳити атрофиён ва ғайра. Буҷети оила: даромадҳои устувор ва якдафъинаи аъзои оила. Хароҷоти ҳатмии аъзои оила. Банақшагирии кӯтоҳмуддат ва дарозмӯҳлати буҷети оила ва аҳамияти он. Зарурати ҷудо намудани маблағ барои ғизои солим вобаста ба сатҳи даромадҳои аъзои оила.

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Кори амалӣ дар мавзӯи «Қисми хароҷоти буҷети оила».

**Мавзӯи 11. Таваллуд ва тарбияи фарзандон дар оила (4 соат).**

Танзими таваллуди кӯдак дар оила. Нигоҳубини атфол ва кӯдакон. Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон. Принсипҳои асосӣ ва қонуниятҳои тарбия дар оила: эҳтироми шахсияти фарзанд, пешгирии хушунат ва шиканҷа, ҷалби фаъолонаи фарзандон ба корҳои оилавӣ.

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Нигоҳубини тифл (бо истифодаи тифл-лӯхтак нишон додани тарзи парпеч кардани тифл, иваз кардани либоси кӯдак ва амсоли инҳо).

**Мавзӯи 12. Сабабу омилҳо ва пайомадҳои низоъ дар оила (4 соат)**

Низоъҳои оилавӣ: мунокиша миёни волидайн, миёни волидайн ва фарзандон. Монеҳои муошират ҳамчун омили низоъҳои байниҳамдигарӣ. Пайомадҳои равонӣ ва маънавии низоъҳои оилавӣ.

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Бозӣ-нақшофарӣ дар мавзӯи «Муошират дар оила».

Мусоҳибаи ҷуфт дар мавзӯи «Доир ба сабабу омилҳои низоъу мунокиша дар оила чиро медонӣ?».

**Мавзӯи 13. Заминаҳои ҳуқуқии никоҳу оиладорӣ (2 соат)**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба никоҳ ва оила. Тартиб ва шартҳои бастани ақди никоҳ. Аҳдномаи никоҳ. Ягонагии ҳуқуқ ва уҳдадории зану шавҳар. Ҳуқуқи кӯдак дар оила. Масъулияти ҳуқуқии падару модар дар

таълиму тарбияи фарзандон. Сабабу омилҳо ва пайомадҳои маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ.

***Машғулиятҳои амалӣ:***

Кор дар зергурӯҳҳо дар мавзӯи «Никоҳи хешутаборӣ ва оқибатҳои он: таҳлили андешаҳо», «Маросими никоҳ: таҳлил андешаҳо оид ба хароҷоти он».

Таҳлили ҳолатҳои баҳсноки никоҳу оиладорӣ

**Мавзӯи 14. Машғулияти хотимавӣ (2 соат)**

Натиҷагирӣ аз тасаввуроти хонандагон оид ба никоҳ, хусусияти оилаи ҷавон ва оилаи солим. Шартҳои асосии ташкили оила ва омилҳои таъмини зиндагии орому осуда ва босаодат.

Ташкили озмун ва викторинаҳои гуногун дар мавзӯи оиладорӣ.

Таҳияи ҷадвали «Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зану шавҳар».

Паҳн намудани пурсишномаҳо барои муайян намудани сатҳи дониши хонандагон оид мавзӯҳои барнома.

**Натиҷаи омӯзиши мавод тибқи барномаи мазкур:**

Дар натиҷаи омӯзиш тибқи барномаи мазкур хонандагон:

- оид ба мавқеи оила дар фарҳанги мардуми кӯҳанбунёди тоҷик, ки ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, маълумоти муфассал пайдо мекунанд;
- бо беҳтарин арзишҳои оиладории миллӣ, ки дар осори мутафаккирони тоҷику форс инъикос гардидаанд, шинос гардида, дар рӯҳияи арҷгузорӣ нисбат никоҳу оила, муҳаббату садоқат, вафодорӣ, ҳамдигарфаҳмию таҳаммулгароӣ, ҳисси эҳтироми падару модар, бародару хоҳар, калонсолон тарбият меёбанд;
- арзиш ва муҳиммияти никоҳ ва оиларо барои инсон ва ҷомеа дарк менамоянд;
- оид ба фарқияти психофизиологии занон ва мардон маълумоти бештар пайдо мекунанд;
- дар бораи банақшагирии оила тасаввуроти дуруст пайдо мекунанд;
- оид ба ҳуқуқу уҳдадорӣ ва масъулияти падару модар дар оила маълумоти муфассал пайдо мекунанд;
- бо этикаи (одоби) муносибатҳои маҳрамона ва пайомадҳои манфии муносибат ва никоҳи ғайрирасмӣ, инчунин маҷбуран ба шавҳар додани духтарон шинос мегарданд;
- қоидаҳои рафтору гуфтор дар оила, тарзҳои муоширати оилавӣ – суҳбат, маслиҳат ва амсоли инҳоро аз худ мекунанд;
- бо сабабу омилҳои низоъу мунокишаҳои маъмули оилавӣ ва тарзу усулҳои пешгирии онҳо, аз ҷумла зӯроварӣ ва хушунат дар оила шинос мегарданд;
- бо принсипҳо ва қонуниятҳои тарбияи оилавӣ шинос мегарданд;
- дар онҳо аввалин маҳорату малакаҳои нигоҳубини кӯдак ташаккул меёбанд;
- бо меъёрҳои қонунгузории миллӣ оид ба танзими муносибатҳои никоҳу оиладорӣ шинос мегарданд;
- тарзу усулҳои банақшагирии буҷети оила ва пешгирии хароҷоти номатлубро аз худ мекунанд;
- дар онҳо арзишҳои оиладории созгори ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ташаккул ёфта, ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ омода мегарданд.

**Адабиёт барои хонандагон**

1. Абдураҳмони Ҷомӣ Баҳористон [Матн] /А.Ҷомӣ.- Душанбе:Маориф ва фарҳанг, 2008.- 204 с.

2. Абурайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия [Матн] / Абурайҳон Берунӣ. - Душанбе: Ирфон, 1990.- 430 с.

3. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор [Матн].- Душанбе: Адиб, 2007.- 416 с.

4. Абӯали ибни Сино. Осори мунтахаб[Матн] / Абӯали ибни Сино. Ҷ.2. -Душанбе: Ирфон,1983. – 558 с.

5. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат[Матн] / Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Ҷилди I. – Душанбе: Эр-граф, 2008.- 669 с.

6. Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Кимиёи саодат [Матн]/ Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ. Ҷилди II. – Душанбе: Эр-граф, 2008.- 665 с.

7. Аттор, Ф. Пандномa. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо[Матн].- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.- 256 с.

8. Ибни Сино. Тадбири манзил [Матн]// Абӯалӣ ибни Сино Осори мунтахаб. Ҷ.4.- Душанбе: Ирфон, 2007.

9. Насриддин Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ [Матн].- Душанбе: Шуҷоиён, 2009.- 388 с.

10. Муҳаммад Ғаззолӣ, Насиҳат-ул-мулук [Матн]/ Ғаззолӣ М.- Душанбе: Ирфон, 2011.- 176 с.

11. Носири Хусрав. Девони ашъор[Матн] // Куллиёт / Носир Хусрав. Ҷ. 1. - Душанбе, 2003. - 828 с.

12. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ [Матн]/ Раҳмонзода А., Зиёев Х.,Содиқова Н. ва диг.:Китоби тарбиявӣ.- Душанбе: Маориф, 2017.- 208 с.

13. Раҳимзода, Х. Назирова Л., Ёрмуҳаммадзода Ш. Маърифати оиладорӣ [Матн]: Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Душанбе:Маориф, 2015.- 192 с.

14. Раҳимзода, Х. Оила ва ҷомеа [Матн].- Душанбе, 1999.

15. Раҳимзода, Х. Тарзи ҳаёти солим [Матн].- Душанбе, 2000.

16. Розӣ Абӯбакр Муҳамад ибни Закариё. Осори мунтахаб [Матн] / Р.М. Закариё.- Душанбе: Адиб, 1989.- 157 с.

17. Саъдии Шерозӣ. Гулистон [Матн] / Саъдии Шерозӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 321 с.

18. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт [Матн] / Саъдии Шерозӣ. Ҷ.III. – Душанбе: Адиб, 1990, - 243 с.

19. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома (Насиҳатнома барои фарзанд) [Матн] / Унсурулмаолии Кайковус. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007.- 200 с.

20. Фаридуддини Аттор. Пандномa. Футувватнома. Ҳикоёт аз маснавиҳо [Матн].- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.- 256 с.

21. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ.- Душанбе: Адиб, 1987.-Ҷ.1. – 478 с.

22. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1987.-Ҷ.2. – 319 с.

23. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1988.-Ҷ.3. – 527 с.

24. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1988.-Ҷ.4. – 406 с.

25. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989. -Ҷ.5. – 491 с.

26. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989 - Ҷ.6. – 551 с.

27. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1989. - Ҷ.7. – 651 с.

28. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1990. -Ҷ.8– 612 с.

29. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн]: Иборат аз нуҳ ҷилд/ А.Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. - Ҷ.9 – 495 с.

30. Ҳофизи Шерозӣ. Насиҳат гӯш кун, ҷоно….[Матн].- Душанбе:Маориф ва фарҳанг, 2008.- 196 с.

31. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи ҳотамия [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. 302 с.

32. Ҷалолуддини Румӣ. Мунтахаби ғазалиёт[Матн].- Душанбе: Адиб, 2013.- 270 с.

33. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, Душанбе, 21.05.2021 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715.

**Адабиёт барои омӯзгор**

1. Асоев, Ҳ. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанҳги Шарқ [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2006.- 144 с.
2. Маҳмудзода, М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқии оилавии ҶумҳурииТоҷикистон [Матн].- Душанбе: Эр-граф, 2015.- 496 с.
3. Мирбобоев, М. Мавзӯи илми ахлоқ аз назари Ҷалолиддини
Давонӣ [Матн] //Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1974, 4 (78).
4. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри XIII). Китоби 1. (Қисми 2) [Матн].- Душанбе: Маориф, 1977.- 340 с.
5. Муртазо Мударриси Гелонӣ. Ахлоқи Ғаззолӣ ё калиди маърифат [Матн]/ Муртазо Гелонӣ. – Душанбе: Сарват, 1992. - 214 с.
6. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Инсони Комил [Матн] / Баргардони Сайидюнуси Истаравшанӣ [Маводи электронӣ] https:ksaadat.files.wordpress.com/2018/ensane kamel.pdf
7. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Душанбе, 2009.
8. Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қарори ХҶТ аз 30.12.2015, № 801. [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ: http://www.mmk.tj.
9. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул карда шудааст).- [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ: http://www.mmk.tj
10. Исоев, М. Ҳикмати амалии Ибни Мискавайҳ [Матн].- Душанбе: Дониш, 2003.- 176 с.
11. Мирбобоев, М. Ҷалолуддини Давонӣ [Матн]// Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.2.- Душанбе: Дониш, 2016.- 892 с.
12. Набиев, А. Осори педагогии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ [Матн]. - Хуҷанд, 1999. -76 с.
13. Раҷабзода, М., Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар тарбияи шахсият [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2017.- 188 с.
14. Содиқов, А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А. Содиқов.- Душанбе: Ирфон, 1989.- 144 с.
15. Султонов, У. Ақидахои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯали ибни Сино [Матн].- Душанбе: Дониш, 1975.
16. Сӯфизода, Ш. Шайх Маҳмуди Шабистарӣ. Гулшани роз / Муқаддима, тасҳеҳ, шарҳу тавзеҳоти Ш. Сӯфизода [Матн].- Душанбе: Дониш, 2015.- 284 с.
17. Тарбияи маънавии мактаббачагон [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо.- Душанбе, 1985.- 56 с.
18. Тоҳирӣ, Ҷ. Афкори педагогии Ҷалолиддини Румӣ [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2007.- 177 с.
19. Хоҷаева, Ф. Тарбият ва ахлоқ дар «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ [Матн].- Душанбе: Деваштич, 2006.- 110 с.
20. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба ифтихори ба Рӯзи модар. Душанбе, 07.03.2017 [Манбаи электронӣ]. URL: // http://www.president.tj/ru (санаи истифодабарӣ: 22.12.2018)
21. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи байналхалқии занон – 8 март, Душанбе, 07.03.2001[Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ http://www.prezident.Tj/ru/node/19715.
22. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи модар, Душанбе, 06.03.2015 [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ http://www.prezident.tj/ru/node/19715.
23. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Душанбе, 08.04.2011[Манбаи электронӣ].- Реҷаи дастёбӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715

24. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот ба муносибати 10-солагии қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Душанбе, 11.07.2017 (Манбаи электронӣ).- Реҷаи дастёбӣ: [Манбаи электронӣ].- Реҷаи дастёбӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715
25. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат, Душанбе, 20.03.2004 (Манбаи электронӣ).- Реҷаи дастёбӣ: [Манбаи электронӣ].- Реҷаи дастёбӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715.
26. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо ҷавонони кишвар, Душанбе, 21.05.2021 [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ru/node/19715.

## Адабиёт барои падару модарон

1. Азиззода, З.Н. Шиканҷа шикоят аст [Матн].- Душанбе, 2014.- 304 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Манбаи электронӣ] URL: http://base.mmk.tj/ view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=257 (санаи истифодабарӣ: 17.04.2018).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ҚҲҶТ аз 28.08.17, № 1461) [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ: http://www.mmk.tj.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» (ҚҲҶТ аз 18 марти соли 2015, № 1196) [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастёбӣ: http://www.mmk.tj.
5. Дурдонаҳои наср [Матн] .- Душанбе:Ирфон, 1987.- 559 с.
6. Обидова, М.И. Фарҳанги педагогии модар ва мавқеи он дар ташаккули шахсияти фарзандон [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2017.- №4 (71). – С.20-25.
7. Рамазонова, Р. Саҳми модарони танҳо дар таълиму тарбияи фарзандон [Матн] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. – 2015.- №5(66). – С.36-39.
8. Рисолҳои ҷавонмардӣ [Матн] / Таҳияву тадвини матн бо муқаддимаи Қурбон Восеъ, Рухшона Восеъ.- Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010.- 276 с.
9. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Матн].- /Зери таҳрири Раҳимов М.З., Худоёров Б.Т., Бӯриев И.Б.- Душанбе: Империал, 2012.- 132 с.
10. Усмонов, О.У. Маҳмудов М.А. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн].- Душанбе: Сино, 1994.- 178 с.
11. Усмонов, О.У. Никоҳ, оила ва қонун [Матн].- Душанбе:Ирфон, 1990.- 176 с.
12. Ҳодизода, Р. Ахлоқ ва ҷомеа [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2008.- 117 с.
13. Ҳикоятҳо ва ҳидоятҳо аз «Маснавии маънавӣ» / Таҳия ва танзими Муҳаммадҷони Шодӣ ва Шодӣ Шокирзодаи Нӯъмонпур [Матн]. –Душанбе: Ирфон, 2011. – 310 с.
14. Шарифзода, Ф., Файзалиев Ҷ. Ҳикмати афкори педагогии ниёгон [Матн]/ Ф. Шарифзода, Ҷ. Файзалиев. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 402 с.
15. Шосаидзода, С. Фарҳанги педагогии волидайн ва нақши он дар таълиму тарбияи фарзанд // Паёми донишкадаи забонҳо.- Душанбе.- 2018.- № 1 (29). – С. 88-95.